ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 621.397.743(575.3)

САФАРЗОДА МАНУЧЕҲРИ НАҶОТ

ТЕЛЕВИЗИОН - ОМИЛИ ҲАМГИРОИИ ҶАМЪИЯТӢ-СИЁСӢ

(дар мисоли телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400-Рӯзноманигорӣ (6D050401-Рӯзноманигорӣ)

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Гулов Сангин

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ……..……..... 3-6
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ 7-12
БОБИ I. МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАМГИРОИИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН 13-68
I.1. Махсусиятҳои фаъолияти ҷамъияти сиёсии телевизион 13-23
I.2. Муошират – омили муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ 24-46
I.3. Дискурс ва махсусиятҳои он дар телевизион 47-68
БОБИ II. ТАШАККУЛИ ШАБАКАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ҶАНБАЪҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО 69-146
II.1. Пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои телевизионӣ дар вилояти Хатлон ва махсусиятҳои фаъолияти онҳо 69-91
II.2. Тавсифи хусусиятҳои барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ 92-111
II.3. Имкониятҳои жанрии барномаҳои телевизионӣ ҳамчун омили ҳамгироӣ 112-146
ХУЛОСА ……..……..……..... 147-153
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ …….....… 154
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ……..……..... 155-169
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ …….……..... 170 -171

МУҚАДДИМА

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот. Шароити имрӯзаи демократикунонии ҷомеа, ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ фаъолнокии васоити ахбори оммаро ҳам хеле такмил додааст. Ҷомеаи муосир, ки мехоҳад дар бораи тамоми рӯйдодҳои рӯз огоҳӣ дошта бошад, ба баланд гардидани сатҳи донишу маърифати кормандони ВАО низ мусоидат карда истодааст. Ҳамин ниёзи ҷомеа боис шудааст, ки ВАО-ро ба таври рамзӣ «ҳокимияти чорум» ном баранд, зеро он муҳаррики фаъолияти се мақомоти қонунии эътирофшуда: қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мебошад.

Телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои ахбори омма омили таъсирбахши фаъолсозии равандҳои асосии демократӣ, инчунин ҷалби таваҷҷуҳи аҳолӣ ба муҳокима ва ҳалли мушкилоти рӯзгор ва ташаккули афкори ҷомеа мебошад. Воқеият аст, ки дар муқоиса бо дигар воситаҳои ахбори омма телевизион аз ҷиҳати дастрасӣ ва самаранокӣ муҳимтар аст, зеро маҷмуан, оилае нест, ки дар он телевизор тамошо накунанд.

Аз ин лиҳоз, муайян намудани нақш, арзиш ва вазифаҳои муассисаҳои телевизионӣ, аз ҷумла, шабакаҳои телевизионии вилояти Хатлон дар низоми ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимтарин вазифаҳоест, ки назди муҳаққиқони соҳа гузошта мешавад. Ҳамчунин, муайян сохтани хусусиятҳои ташаккули жанрҳои журналистикаи телевизионии муассисаҳои телевизионии давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ, омӯзиши сохтору вазифаҳои онҳо, марҳилаҳои ташаккул ва рушди ин муассисаҳои телевизионӣ низ аз паҳлуҳои дигари таҳқиқшаванда мебошанд.

Тадриҷан боло рафтани маъруфият ва шумораи тамошобинони барномаҳои телевизионӣ, ки боиси пайдо гардидани хоҳишмандони таъсиси чунин муассисаҳои телевизионӣ дар ҳама шаҳрҳо ва минтақаҳои Тоҷикистон шудааст, баланд гардидани нуфузи чунин муассисаҳои телевизионӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҳамчун омили ҳамгироии ҷамъиятию сиёсӣ шинохта шудани телевизион низ зарурати омӯзиши сохтор ва хусусиятҳои жанрии барномаҳои телевизионҳои маҳаллиро ба вуҷуд овардааст.

Барномаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар телевизион нақши таъсиррасониро ба равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ тавассути паҳну инъикос кардан ва тавзеҳ додани иттилооти сиёсӣ, ки дар навбати худ боиси ташаккули афкори ҷамъиятӣ мегардад, мебозанд. Тавассути ташаккули афкори ҷомеа ва ташаккули муносибату эътиқоди иҷтимоӣ, телевизион шаҳрвандро ба амалҳои муайян ташвиқ мекунад. Чунин амалҳо оқибатҳои муҳимми иҷтимоию сиёсиро доранд, зеро муҳтавои иттилооте, ки ба бинандагон равона карда мешавад, ба муносибати онҳо ба воқеият таъсир мерасонад ва амалҳои иҷтимоиашонро танзим мекунад. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи қобилияти беназири телевизион дар иҷрои вазифаи созгорӣ таҳқиқ шавад. Ҳамзамон, ҷоизи зикр аст, ки телевизион ба доираи васеи мардум муроҷиат мекунад, ки бо ҷойгиршавӣ, синну сол, мақоми иҷтимоӣ, миллат, тарзи зиндагӣ, афзалиятҳои фарҳангӣ ва суханронӣ аз ҳам фарқ мекунанд, аз ин лиҳоз, маҷбур аст нисбат ба дигар васоити ахбори омма стратегияҳои мухталифи пахши иттилоотро таҳия кунад, то шиддати равандҳои дар фазои воқеии иттилоотӣ мавҷудбударо паст карда тавонад. Шоистаи зикр аст, ки ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсии телевизион ҳамчун як падидаи беназир дар ҳамгироии иҷтимоию сиёсии шаҳрвандон саҳми назаррас дорад. Ҳамаи ин омилҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқро собит менамоянд.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ. Масъалаҳои таърихи журналистикаи телевизионӣ ва жанрҳои он, хусусиятҳои стилистикии низоми ВАО дар асарҳои олимони ин соҳа, аз қабили Френг И., Голядкин Н. А., Цвик В., Сагалаев Э., Познер В., Апарина Е., Зверева Н.В., Саппак В.С., Борецкий Р.А., Юровский А.Я., Багиров Е., Катсов И., Фере Г., Кузнецов Г., Муратов С. ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Омӯзиши телевизион ва махсусиятҳои он дар илми журналистикаи тоҷик низ яке аз мавзуъҳои муҳим ва ҳамеша мавриди назар аст. Ин мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, олимони тоҷик дар мақолаву пажуҳишҳояшон бештар ба масъалаҳои умумии телевизион (мавзуъ, сохтори маҷмуии жанрӣ, проблема, таърих ва ғ.) таваҷҷуҳ намудаанд.

Муҳаққиқон И. Усмонов дар 4 қисми асари «Журналистика» ва дигар асарҳо [128, 129, 130, 131, 132, 133], А. Саъдуллоев ва М. Шоев дар китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» [121], А. Азимов дар китоби «Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион» [1], Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова дар «Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо» [45], С. Гулов ва М. Ҷумъаев дар «Муқаддимаи журналистика» [40], С. Хоҷазод дар «Таърихи телевизиони Тоҷикистон» [136], З. Муъминҷонов дар асари «Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион» [103], Г. Умарова дар китоби «Телевизион ва воқеияти Тоҷикистон» [134], Р. Абдусаломова дар китоби «Телевизион оинаи зиндагист» [2], З. Эшматов дар «Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон» [147], М. Сафарова дар китоби «Таъсири телевизион ба афкори умум» [122], диссертатсияи Б. Соҳибова [145], М. Ҷӯраева дар китоби «Ҷилои ситораҳои телевизион» [135] ва дигарон дар ин бора таҳқиқ намудаанд, ки мо дар рафти пажуҳиш ба онҳо такя намудем, зеро дар ин асарҳо доир ба моҳияти фаъолият дар телевизион, нақши телевизион дар ҷомеа ва ташаккули афкори шаҳрвандон, вазифаҳои иҷтимоии журналисти телевизион ва монанди инҳо андешаҳо ҳастанд.

Зимни омӯзиши хусусиятҳои иртиботи сиёсӣ, ки бевосита ба мавзуъ алоқаманд аст, ба асарҳои А.А. Почепцов [114], А.М. Блохин [19], А.В. Груша [39], Н.Ф. Пономарев [113], С.Г. Кара-Мурза [67], такя намудем. Фаҳмиши назариявии мафҳуми «суҳбат» (дискурс), ки барои омӯзиши мо муҳим аст, аз ҷониби олимони рус ба монанди В.З. Демянков [48], О.Ф. Русакова [117], Е.В. Ерофеева [56], В.И. Карасик [68] баррасӣ шудаанд. Дар байни муҳаққиқони хориҷӣ асарҳои Т.А.Ван Дейк [44], Г.Я. Солганик [125], М.Р. Желтухина [57] барои омӯзиши хусусиятҳои суҳбати иҷтимоию сиёсии (дискурс) ВАО махсусан ҷолиб мебошанд. Хусусиятҳои ташаккули гуфтугӯи суҳбати иҷтимоӣ-сиёсӣ яке аз самтҳои таҳқиқотҳои илмии олимон Э.И. Шейгал [138], В.И. Кравченко [76] мебошанд.

Суҳбати сиёсӣ, шарҳҳо, ҳадд ва меъёри гуфтугӯи телевизионӣ аз ҷониби Э. Р. Бакумова [140], О.В. Гайкова [141], В.А. Марянчик [90], инчунин дар асарҳои В.Г. Борботко [25], В.В. Егоров [54], Н.Б. Кириллов

[72], М.М. Назаров [107] муайян карда шудаанд. Дар ин росто, назарияи ҷараёни муошираті Г. Лассуэлл, ки онро муҳаққиқони дигар: С.А. Левина [82], Г.Г. Почепцов [114], Д.П. Гавра [32] ва ғайра баррасӣ кардаанд, барои мо хеле муҳим аст. Инчунин, назарияи Маклюен «the medium is the message», «миёнарав паём аст», ки муҳтавои андешаҳои бисёр олимони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад ва назарияи симуляркҳои Ж. Бодрийяр [21, 22], ки асосан маънои «монанд шудан, шабеҳият»- ро дорад, аҳамияти назаррас доранд.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ қисми таркибии корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ буда, давра ба давра ба анҷом расонида шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ омӯзиши хусусиятҳои жанрӣ ва сохтори барномаҳои телевизиони вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили ҳамгироии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва омӯзиши стратегияҳои интиқоли иттилоот, ки метавонанд ба равандҳои ҳамгироии сиёсии ҷомеа таъсирбахш бошанд, маҳсуб меёбад.

Телевизион ҳамчун як институти махсус бо дастрасӣ, самаранокӣ, паҳнои фарогири доираи васеи шунавандагон, муайянкунандаи эҷоди самтҳо, ки муносибатҳои сиёсӣ ва хусусияти иштироки шаҳрвандонро дар равандҳои сиёсӣ муайян мекунад ва ба рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад, шинохта мешавад. Яке аз вазифаҳои шабакаҳои телевизионӣ бо таъйиноти иҷтимоию сиёсӣ иҷрои вазифаҳои ҷудонашаванда, муттаҳид намудани аудиторияи ВАО бо масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи умум мебошад. Омӯзиши ин ҷиҳатҳо низ ҳадафи таҳқиқ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ аз инҳо иборат аст:

- пешниҳоди маълумоти мухтасари илмӣ оид ба таърихи шабакаҳои телевизионии давлатӣ ва ғайридавлатии минтақавӣ дар Тоҷикистон;
- муайян кардани мавқеи телевизионҳо дар фазои иттилоотии минтақа;
- муайян кардани функсияҳои ташаккули барномаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ дар шабакаҳои телевизионӣ;
- асоснок кардани талабот ба пайдоиши муассисаҳои телевизиони маҳаллӣ ва муайян намудани фарқи онҳо аз телевизионҳои марказӣ;
- омӯзиши захираҳои интегралии телевизион ва хусусиятҳои хоси воситаҳои пахши телевизионӣ;
- муайян намудани доираи пахши суҳбати сиёсии телевизионӣ;
- таҳлили суҳбати сиёсӣ дар идораи телевизион қабл аз пахши барнома.

Объекти таҳқиқ нақш ва ҷойгоҳи барномаҳои иҷтимоӣ-сиёсии телевизон дар раванди мураккаби тағйирпазирии ҷомеа мебошад.

Предмети таҳқиқ муҳтаво ва воситаҳои таъсирбахши суҳбати иҷтимоӣ-сиёсӣ дар телевизион мебошад, ки вазифаҳои таъсиррасонӣ ба афкорро тавассути телевизион амалӣ месозад.

Асосҳои назарии таҳқиқро асарҳои олимони варзидаи Русия ва хориҷӣ дар соҳаи телевизион, ба монанди С. Г. Азарян, Н. Болтс, Р. А. Боретский, С. Илченко, А. А. Князек, Г.В. Кузнецов, Д. Брайант, П. Бордиу, Ю. Н. Засурский, М.Ю. Маркеева, О. Маховская, С. Томпсон, муҳаққиқони тоҷик И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Муродӣ, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, М. Муқимов, М. Абдуллоев, Р. Бобоҷонова, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, С. Хоҷазод, М. Шоҳиён, С. Гулов, И. Ҳамидиён, З. Эшматов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дар рисола принсипи таърихӣ ва муқоисавии таҳқиқот, усули таҳлили сохтори жанрҳои телевизионӣ дар ҷанбаи типологӣ ва усули назарсанҷӣ истифода шудааст. Методҳои назариявии дар кор истифодашаванда барои ошкор кардани моҳияти падидаҳои омӯхташуда, нишон додани иртибот ва муносибатҳои табиӣ тарҳрезӣ шудаанд. Дар мавриди муайян кардани дурнамои илмии таҳқиқот чунин усулҳо, ба монанди таҳлил, синтез, дедукция ва индуксия истифода шудаанд.

Ҳамчун усули асосии таҳлили маводи эмпирикӣ таҳлили суҳбат, ки ҳамчун усули самаранок дар омӯзиши матни иҷтимоӣ-сиёсӣ пешниҳод шудааст, истифода гардид. Он бо самти беназири прагматикии суҳбати телевизиони иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки асоси таҷрибавии таҳқиқотро ташкил медиҳад, шарҳ ёфтааст. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз усулҳои таҳқиқот иборат буда, ба ҷустуҷӯҳои эмпирикӣ, истифодаи бойгонии васеи маводи назариявӣ, далелҳои дақиқи илман асоснокшуда ва хулосаҳо асос ёфтаанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ барномаи шабакаҳои телевизионии вилояти Хатлон (Телевизиони «Кӯлоб», Телевизиони «Хатлон» ва Телевизиони «Мавҷи озод»), барномаҳои

иттилоотию таҳлилии намояндагиҳои Телевизиони «Тоҷикистон», ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ «Сафина», ТВ «Варзиш» дар вилоят интихоб шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ аз роҳи таҳқиқи суҳбати телевизионии иҷтимоию сиёсӣ муайян карда мешавад. Суҳбати телевизионии иҷтимоию сиёсӣ, ҳамчун падидаи муошират, ки ба сохтори иҷтимоию сиёсии кишвар дохил карда шудааст, маҳсули мураккаби амали мутахассисони телевизион ва инъикоси системаи душвори пайвастагии гуфтугӯӣ ва визуалӣ дар раванди ташаккули афкор маҳсуб меёбад, ки самти асосии прагматикии суҳбати телевизионии иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад. Ин паёми мушаххасест, ки ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфиро дорост, яъне метавонад, афкори мусбат ва манфиро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, барои мо омӯзиши ҷузъҳои воҳиди таъсиррасонии ин навъи гуфтугӯ нақшаи жанр, матни суҳбат, интонация, тасвир, садо, симои шахс, фаъолияти оператор ва ғайра муҳим аст.

Навгонии таҳқиқ он аст, ки ин мавзуъ дар журналистикаи тоҷик дар ҳамин шакле, ки ҳаст, бори аввал мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дорои аҳамияти назариву амалии тахассусӣ мебошанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ чун омили муҳим дар омӯзиши пурраи журналистикаи минтақа саҳмгузор мебошанд. Дурнамо ва тасмимҳои нав дар кори ВАО бо мақсад ва вазифаҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг гардонида мешаванд. Тасмимҳои арзишманд ҳамчун намуна дар фаъолияти ВАО, нашрҳои интернетӣ, радио ва телевизион, бо ташаккули фарҳанги иҷтимоӣ ба худташаккулёбӣ ва рушди иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

2. Шабакаҳои телевизионии давлатӣ ва ғайридавлатии минтақавӣ дар Тоҷикистон аз падидаҳои хоси замони соҳибистиқлолии мамлакат маҳсуб меёбанд. Телевизион имрӯзҳо дар асл қисми таркибии раванди фаъолияти механизми ҷамъиятию сиёсӣ дар Тоҷикистон гардидааст. Аён

аст, ки ба тағйирпазирии нақши ҳар яке аз рукнҳо асоси иҷтимоишавӣ (оила, мактаб, ВАО, ташкилоти сиёсию ҷамъиятии расмӣ ва ғайрирасмӣ) дар шакли манфиати илмии мустақил ифода меёбанд, ки ин чиз дар шароити имрӯз хос мебошад.

3. Дар низоми сиёсӣ иртиботи сиёсӣ нақши калидӣ дорад, ки тавассути он хусусиятҳои асосии система - тавсифи худ, такрористеҳсолкунӣ ва ассотсиатсияи сохторӣ ба муҳити беруна амалӣ карда мешавад. Дар ҷараёни иртиботи сиёсӣ, иштирокчиёни системаи сиёсӣ метавонанд дарки умумии сиёсати давлат ва ғояҳои асосии низоми давлатиро таҳия кунанд.

4. Беҳтар намудани мавқеи шабакаҳои телевизионӣ дар фазои иттилоотии минтақа ва бартараф намудани масъалаи таъминоти мавҷ дар шабакаҳои мазкур. Талабот ба шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ ва зарурати таъсиси онҳо: паҳлуҳои гуногуни фаъолият.

5. Шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ ва шабакаҳои телевизионии марказӣ: умумият ва тафовутҳои фаъолият дар фазои иттилоотии минтақа. Барои рушди фаъолияти шабакаҳои телевизионии минтақавӣ андешидани чораҳои зарурӣ ва дар умум беҳтар намудани кори шабакаҳои телевизионӣ.

6. Нақши шабакаҳои телевизионӣ дар ҳамгироии иҷтимоию сиёсии сокинони минтақа; ташаккули барномаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ дар шабакаҳои телевизионӣ ва имконоти фазосозии онҳо.

7. Захираҳои интегралии телевизион ва хусусиятҳои хоси воситаҳои пахши телевизионӣ ҳамчун омили минбаъдаи пешрафт.

Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Натиҷаҳои таҳқиқотро рӯзноманигорони телевизион, хусусан телевизиони минтақавӣ, дар таҷриба ва амалияи ҳамарӯза, ҳангоми таҳияи барномаҳои нави таълимӣ дар шуъбаҳои журналистика, ҳангоми хондани курсҳои махсус оид ба мавзуи баррасишаванда, зимни навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатми ихтисоси рӯзноманигорӣ васеъ истифода бурда шаванд.

Кӯшиши омӯзиши телевизион ва хусусиятҳои жанрҳои журналистикаи телевизионӣ ҳамчун омили ҳамгироии иҷтимоӣ-сиёсӣ дар мисоли муассисаҳои телевизионии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳлили объективии маводи журналистӣ, барномаҳои муайяни телевизионӣ, ки хусусиятҳои хоси худро доранд, барои рушди минбаъда ва роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами назариявӣ ва амалии ташаккули телевизиони тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Телевизион - омили ҳамгироии ҷамъиятӣ-сиёсӣ (дар мисоли телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ (6D050401 - Рӯзноманигорӣ) мувофиқ аст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Диссертант аснои таҳқиқот, таҳлили маводи ҷамъоварда, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, дар раванди корҳои таҳқиқотӣ бо роҳбари илмӣ машваратҳо намудааст. Мақолаҳои илмии диссертант натиҷаи таҳқиқи ӯ мебошанд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва назариявии зерин: конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва назариявии «Масъалаҳои рушди публитсистика ва методикаи таълими журналистикаи муосир» (Кӯлоб, 19 декабри соли 2020), «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» (Душанбе, 18 марти соли 2022), «Публитсистика ва баъзе масъалаҳои он» (Душанбе, 30 сентябри соли 2022), инчунин дар конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (солҳои 2016-2022) дар шакли маърӯзаҳо баён шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи журналистикаи факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» (суратҷаласаи №2 аз 22.02.2022) ва шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласаи №10-3/4 аз 26.05.2022) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 11 мақола, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар маҷмуъ, аз 171 саҳифа ҷой шуда, адабиёт 179 номгӯйро фаро мегирад.

БОБИ I

МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАМГИРОИИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН

1.1. Махсусиятҳои фаъолияти ҷамъиятию сиёсии телевизион

Имконияти ВАО на танҳо таъсир ба раванди табаддулоти гуногуни ҷамъиятию институтҳои сиёсӣ аст, балки дар давраи гузариш аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ инчунин ба ҳаёт ва нақши инсон таъсир мерасонад. Дурнамо ва тасмимҳои нав дар кори ВАО бо мақсад ва вазифаҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг гардонида мешаванд. Тасмимҳои арзишманд ҳамчун намуна дар фаъолияти ВАО, нашрҳои интернетӣ, радио ва телевизион, бо ташаккули фарҳанги иҷтимоӣ ба худташаккулёбӣ ва рушди иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Раванди дигаргунсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони ҷаҳонишавӣ аз бисёр ҷиҳат, ба чигунагии таъсири ВАО, махсусан телевизион вобаста аст.

Ин ҳама аз нақши муассири телевизион дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад. Ақидаи муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва М. Шоев «Муҳимтарин хусусияти хоси ин дидани руъё ва чизе аз масофаест. Ин руъё бо фарогирии ҳамаҷониба, имконот ва вақти гуногун, ҳамчун муъҷизаи электронӣ ташхис ва тарғиби ғояҳоест, ки тавассути шахсиятҳо ва образҳо иҷро мегарданд. Телевизион, ҳамзамон ҳамаи қишрҳоро дар як лаҳза фаро гирифта, миллионҳо одамонро бо воқеият ва иттилоъ таъмин месозад» [119, 6] ҳам баёнгари он аст, ки телевизион ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ дар ҷомеа дар муддати кӯтоҳ мавқеи бузург пайдо кард.

Ин суханонро андешаи собиқадори телевизиони тоҷик, яке аз нахустин кормандони телевизион Акбар Ҷӯраев ҳам тасдиқ мекунад, ки ӯ ҳанӯз дар

солҳои 70-уми асри гузашта, замоне, ки телевизиони тоҷик собиқаи кории ҳанӯз 20 сола надошт, навишта буд: «Таҳлилҳо нишон доданд, ки телевизион дар як муддати кӯтоҳи фаъолияти худ бо имкониятҳои фаровонаш тавонист ҳамчун як воситаи қудратманду тавоно ба силоҳи муҳими идеологии Ҳизби Коммунист мубаддал гардад» [46, 20-21].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ таҳти унвони «ВАО - муҳофизи манфиатҳои миллӣ» ҳангоми ифтитоҳи Муассисаҳои давлатии ТВ «Варзиш», «Синамо» ва Академияи ВАО-и Тоҷикистон оид ба мақсад ва вазифаҳои ВАО дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи ҷомеа қайд намуданд: «Махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ вазифаи шабакаҳои иттилоотӣ, дар маҷмуъ, ҳамаи ВАО ҷиҳати ҳифзи масъалаҳои тарғиби фарҳанги миллӣ, тарбияи наслҳои оянда, риояи меъёрҳои забони давлатӣ ва тоза нигоҳ доштани он мушкилтар мешавад [151]. Ин сухани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам нишони эътирофи нақши назарраси воситаҳои ахбори омма, махсусан, телевизион дар ташаккулу пешрафти ҷомеаи муосир мебошад, зеро иҷрои дурусти вазифаҳо боис мегарданд, ки раванди ташаккули ҷомеа бомарому дуруст бошад.

Муҳаққиқи рус С. Муратов ҳанӯз дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта навишта буд: «Агар воситаҳои ахбори оммаро “ҳокимияти чорум” меноманд, пас дар ин ҳокимият мавқеи аввалиндараҷаро ишғол мекунад» [154].

Сиёсатшиноси маъруфи тоҷик, профессор Гулмаҳмад Зокиров низ ин андешаро тасдиқ намуда, телевизионро пуртаъсиртарин воситаи ахбор донистааст: «Солҳои панҷоҳуми асри бист, вақте ки телевизион ба майдон омад, дар тамоми соҳаҳо таҳаввулоти назаррасеро ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, ин таъсири телевизион дар сиёсат ҳам ба таври возеҳ дида мешуд» [60, 236].

Доир ба махсусияти телевизион муҳаққиқони тоҷик Д. Давронов ва Ҷ. Раҳмонова менависанд: «Ҳамин ки пеши чашми тамошобин тасвир пайдо мешавад, боз тасвири ҳаракаткунанда, вай бо сабабҳои психологию

физиологии хеш нисбати ҳамагуна овоз, мусиқӣ, ва ғалоғулаю шавушув бартариро соҳиб аст. Ба ҳамин тариқ, чуноне ки ба мушоҳида мерасад, таъсири симо ба тафаккур ба воситаи чашм рӯйи кор меояд. Ва асоси барномаҳои телевизиониро образи шунавоию биниш ташкил медиҳад ва он ба воситаи чашм ва қувваи шунавоӣ ба тафаккури инсон таъсир мерасонад. Сарфи назар аз шаклу усули таъсиррасонии худ симо ва садо дар ҷомеа вазифаи бузурге – ташаккули ҷаҳонбинии инсонро ба вуҷуд меоваранд» [45, 12].

Воқеан ҳам, иҷрои ҳамин вазифа – ташаккули ҷаҳонбинии инсон аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти телевизион ба шумор меравад ва ҳамчунин, махсусияти фаъолият дар ин воситаи ахбори оммаро ошкор месозад. Маълум аст, ки фаъолият дар ҳама воситаҳои ахбори омма дорои махсусиятҳои худ аст ва онҳо аз нигоҳ аз ҳам тафовут доранд. Инро ҳам бояд қайд кунем, ки ин фарқиятҳо ба иҷрои вазифаи ягонаи онҳо дахл надорад. Яъне, ин воситаҳо аз имкониятҳои худ истифода мебаранд ва истифодаи ҳамин имкониятҳо махсусиятҳои онҳоро ошкор менамояд. Тавре ки муҳаққиқони тоҷик А. Саъдуллоев ва М. Шоев доир ба фаъолият дар телевизион менависанд: «Шакли ҳастии телевизион барнома (намоиш) аст. Ҳар барнома (ҳатто сужаи хурдтарин) бо иштироки гурӯҳи калони мутахассисон- наворбардорон, коргардонҳою нурпошон, овозбардорон, наттоқон, муҳандисон, техникҳо ва дигару дигар гурӯҳҳои ёрирасон таҳия ва пахш мешавад, яъне журналистика дар телевизион ин фаъолияти муштарак, кори коллективӣ аст» [119, 3].

Ҳамин фаъолияти коллективона ё гурӯҳӣ боис шудааст, ки «телевизион ба яке аз воситаҳои машҳуртарин ва маъмули инъикоскунандаи ахбори умумиҷаҳонӣ мубаддал гардида, дар паҳн намудани ахбороти сиёсию фарҳангӣ, илмию техникӣ, таълимиву маърифатӣ, саноативу нақлиётӣ, ҳатто коинотро аз кайҳон дар ҳамон лаҳза инъикос намояд» [134, 3].

Андешаву ақидаҳои муҳаққиқон, ки доир ба телевизион изҳор шудаанд ва мо ба таври маҷмуӣ чанде аз онҳоро зикр намудем, моҳияти

фаъолият дар телевизионро ифода мекунанд ва барои таҳқиқи идомаи мавзуъ заминагузорӣ мекунанд.

Дар замони муосир паҳлуҳои гуногуни фаъолият дар телевизион ба вуҷуд омадааст, ки ин паҳлуҳо дар навбати худ боиси таъсирпазирӣ ба соҳаҳои гуногун мешаванд. Барои мисол, раванди таҳаввули телевизиони дохилӣ ба «соҳаи соҳибкории озод», дар асл боиси гузариши маҳсулоти телевизион ба категорияи мол мешавад. Ин ҳолат бе назардошти хусусиятҳои фарҳанги миллӣ, бе омӯзиши илмии муносибат ба таҳқиқи муҳимияти иҷтимоии масъала ба вуҷуд омад. Барои телевизиони тиҷоратӣ, шаҳрванди муайян фард – танҳо объекти ғайрифаъоли таъсиррасонӣ, объекти дасткорӣ ба шуури ӯ бо мақсади ба даст овардани ҳадди нуфуз ва даромад аз реклама мебошад. Дар баъзе давраҳо (махсусан давраи пешазинтихоботӣ), диққати асосии телевизион ба таъсиррасонии ҳадафмандона ба шуури сиёсии тамошобинон равона карда мешавад.

Бояд ба инобат гирифт, ки мавқеъпазирии телевизион дар ҷомеа миёни дигар ВАО, дар асл як шакли муайяни ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ на танҳо дар сатҳи сиёсӣ, балки дар сатҳи хонаводагӣ низ мебошад. Тарзи ҳаёти носолиму ғайрифаъол, ки аксар ҳолат бисёриҳо баъди кор вақти худро дар назди телевизион гузаронидан мехоҳанд, на танҳо одат, балки ба як арзиши махсуси истеъмолкунандагон мубаддал гардидааст.

Ин арзиши хосса заминаҳои хоси ба вуҷудоӣ дорад, зеро «таъсирнокии матни журналистӣ аз таъсири амали он ва дараҷаи ташаккули афкори омма вобаста аст. Табиист, ки журналист тавассути матн ва гуфтор ба шуури омма таъсир мерасонад, барои дарки масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ҳалли онҳо мусоидат мекунад, оммаро ба фаъолмандӣ ва дахолат намудан ба ҳаёти иҷтимоӣ, саҳм гузоштан дар инкишофи ҷомеа даъват менамояд» [93, 71-72].

Имрӯз телевизион дар асл қисми таркибии раванди фаъолияти механизми ҷамъиятию сиёсӣ дар Тоҷикистон гардидааст. Аён аст, ки ба тағйирпазирии нақши ҳар яке аз рукнҳо асоси иҷтимоишавӣ (оила, мактаб, ВАО, ташкилоти сиёсию ҷамъиятии расмӣ ва ғайрирасмӣ) дар шакли

манфиати илмии мустақил ифода меёбанд ва ҳамчун калиди омилҳои таъсиррасон ба самаранокии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми сиёсӣ - демократӣ дар Тоҷикистон хизмат менамоянд. Муҳаққиқи тоҷик, профессор Асадулло Саъдуллоев махсусияти таъсиргузории телевизионро дар мақолаҳои алоҳидааш, ки дар маҷмуаи «Начвои начотофарин» ҷамъоварӣ гардидааст, чунин зикр мекунад: «Азбаски ВАО бо оммаҳо сару кор дорад, табиист, ки журналистон ҳангоми фаъолияти корӣ бо авзои равонии ҷомеа эътибори бештаре медиҳанд, кӯшиш мекунанд, ҳамон санаду далел ва рӯйдодҳоеро ба тасвиб гиранд, ки табақаҳои васеътари оммаро ҷалбу ҷазб месозад» [120, 16].

Дар талаботи доварӣ, тавсиф ва таҳлили вазъи ба вуқуъомада арзиши муҳиме барои дарки моҳияти тағйироти иҷтимоӣ ва равандҳои сиёсӣ мавҷуд аст, ки онро мутахассисон, рӯзноманигорон, сиёсатмадорон эътироф намудаанд, то дар сурати арзёбии хавфҳои сиёсӣ омили таъсири телевизион ба инобат гирифта шавад.

Хизматрасонии телерадиошунавонӣ мафҳуми беназир аст. Бо вуҷуди эътирофи ин нукта, ҳанӯз ҳам ҳолатҳое мушоҳида мешавад, ки ба он баҳои муносиб дода намешавад ва баъзан дар асл муғризона ба ин кор роҳ медиҳанд. Дар баъзе забонҳо ҳатто истилоҳе, ки пурра маънои калимаи англисии «public» -ро ифода кунад, нест ва тарҷумаи он бо вожаҳои «давлат/ҳукумат/, шахси расмӣ» алоқаманд карда мешавад.

Дар кишварҳои бо телевизиону радиошунавонии маъмулии тиҷоратӣ неруманд аксар вақт дастрасӣ ва интиқоли пахш ва мавҷ на ҳамеша аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешавад ва ҳатто дар ин хусус, ҳарф ҳам нест, аммо онҳое, ки ҷилави идораи ҳокимияти сиёсиро ба даст доранд, ба фарқ аз дигар қишрҳо дорои қудрат ва қонунияти демократӣ мебошанд ва дар идоракунии шабакаҳо саҳми муносиб доранд.

Азбаски телевизион бо унвони ниҳоди аз ҳама дастрастарин барои ҷамъият маҳсуб меёбад, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа низ қарор дорад.

Хадамоти хизматрасонии иттилоотӣ яке аз унвонҳои муосири фаъолияти воситаҳои ахбори омма ба шумор меравад. Ва барои тамоми ҷомеа таъсис дода мешавад ва агар он барои ин ё он гурӯҳи алоҳида хизмат мекунад, аллакай паҳлуи дигари масъала аст. Аз ин рӯ, бояд сарфи назар аз ҳама ниҳодҳои ҷамъиятӣ, манбаи иттилоотӣ танҳо ба манфиати аҳолӣ – мардум, шаҳрвандон хидмат намояд, зеро онҳо истеъмолкунандагон дониста мешаванд ва барои дарёфти иттилоот дар мавриди зарурӣ пардохт ҳам мекунанд.

Хусусиятҳои функсионалии барномаҳои иттилоотии як кишвар метавонанд аз кишвари дигар вобаста ба расмиёти ҳуқуқӣ ва анъанаҳо, ҳамчунин аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва дигар далелҳо, тафовут дошта бошанд. Вале бо вуҷуди он, дорои як моҳияти иборат аз вазифаҳои умумӣ мебошанд, ки самаранокӣ ва универсалӣ будани онҳоро нишон медиҳад.

Шурои Аврупо (Конфронси вазирон дар Прага, моҳи декабри соли 1994) ва парлумони Аврупо (Иттиҳоди Аврупо) асосеро иборат аз вазифаҳо ва хусусиятҳои умумӣ муайян сохтанд, ки он дар шакли Қатънома қабул гардидааст ва чунин муқаррарот дорад:

«Хадамоти иттилооти дастрас, радио ва телевизион, ҷиҳати муайян намудани арзиши манфиатҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии сохторҳои демократии ҷомеа, эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, фарҳанг ва гуногунандешии сиёсӣ дар доираи рисолати худ дастгирӣ менамояд; аҳамияти иттилооти дастрас барои ҷомеаи демократӣ; ҳаётан муҳим будани дастрасӣ ба иттилоот ҳамчун омили муҳими интиқоли гуногунандешӣ дар асоси принсипҳои дастрасӣ ба ҳама; муҳити назоратии аз нуқтаи назари барои ҳама унсурҳои ҷомеа баробар чун омили иҷтимоии ҳамгироии ҷомеа, инкор намудани ҳама гуна табъизи нажодӣ, шаҳвонӣ, динӣ ва ё иҷтимоӣ; муҳокимаи васеи доираи имконпазири ақидаву афкор, пофишорӣ барои пешниҳоди асли иттилоот; инъикоси баробари ғояҳои динӣ, эътиқодот бо мақсади мустаҳкам намудани ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва пешбурди муносибатҳои фарҳангии ҷомеаҳои мухталиф» [177] .

Дар қарори парлумони Аврупо, соли 1996 як шакли шабеҳи пешниҳоди сужаҳо ба кор бурда шудааст. Якчанд мисолҳо мавҷуданд: «Хадамоти телевизиони ҷамъиятӣ - кӯмак ба ҷомеаи иттилоотӣ, мақомоте, ки гуногунандеширо таъмин мекунанд ва гурӯҳҳои гуногуни ҷомеаро ба ягонагии андешаи ҷамъиятӣ меоранд. Пешниҳоди барномасозии босифат дар доираи ҳамаи жанрҳо барои доираи васеи аҳолӣ; риояи стандартҳои сифат дар барномаҳое, ки дар байни оммаи васеъ маъмуланд, таъмини хизматрасонӣ ба манфиати ҳама ақаллиятҳо, ба назар гирифтани мавҷудияти ҳама барномаҳо, аз ҷумла, барномаҳои ҳаҷман калон ва ҳам барномаҳои дорои мундариҷаи амиқ, ки метавонанд аудиторияи эҳтимолӣ дошта бошанд дар бозори босуръат рушдкунандаи истеъмолӣ бояд иттилооти беғараз ва комилан мустақилро пешниҳод кунанд; мусоидат ба мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ, демократӣ, барои фаъолияти дурусту муҳими ҷамъиятӣ ва фароҳам овардани имкон барои муҳокимаи фаъолияти ҳама сохтору созмонҳои ҷомеа, ки дар идораи ҷомеа нақш доранд, таъмини дастрасии омма ба ҳама рӯйдодҳои барои ҷомеа муҳимму ҷолиб» [177].

Дар Аврупо чунин нуқтаи назари сиёсӣ вуҷуд дорад, ки давлатҳо вазифадоранд барои хадамоти пахши ҷамъиятӣ маблағгузории кофӣ пешниҳод кунанд. Аз ҷумла, давлатҳои ширкаткунандаи Конфронси вазирони Прага дар соли 1994 (Шурои Аврупо) масъулиятро барои «нигоҳдорӣ ва таъсиси парвандаҳои низоми устувори маблағгузории мувофиқ, кафолати хадамоти пахши ҷамъиятӣ барои иҷрои босамари вазифаҳои худ» ба зимма гирифтаанд. Шакли шабеҳи чунин уҳдадорӣ дар қарори парлумонии Аврупо, соли 1996 ҳангоми тавсифи нақши телевизионҳои ҷамъиятӣ ба назар мерасад, ки ба фаъолияти хадамоти иттилоотӣ афзалиятҳо додааст [177]. Аз ҷумла, иброз шудааст, ки пахшкунанда – хадамоти иттилоотӣ ба иродаи сиёсии онҳое, ки ҳаҷми маблағгузории буҷаро муайян мекунанд, вобаста нест ва мустақил боқӣ мемонад, барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ бо фарогирии тамоми мавзуъ ва масъалаҳои ҷомеа ба андешаи муайяни сиёсии ҷомеа тобеъ нестанд ва ҳамчун шароити мусоиди амаликунандаи ҳадафҳои мақоми

сиёсӣ баромад намекунанд, арзиши иҷозатнома ва ҳам басомади пахш ҳам бо назардошти воқеият муайян мегардад, ба истифодаи тамоми воситаҳои қонунии мувофиқ шароит фароҳам сохта, инҳисороти иттилоотӣ, ки асосҳои ниёзҳои объективии ҷомеаро халалдор месозад, пешгирӣ карда мешавад. Инчунин, ба маблағгузории хадамоти иттилоотӣ таваҷҷуҳ намуда, мақомоти ҳокимият бо ин восита барои банақшагирии стратегӣ ва ҳам дарозмуддати фаъолияти онҳо мусоидат мекунанд.

Шуро инро ҳам ба инобат гирифтааст, ки маблағгузории давлатии хадамоти иттилоотӣ, аз ҷумла, шабакаҳои телевизионӣ нишони он нест, ки паҳкунандагони иттилоот як ширкати давлатӣ ҳастанд ва бояд дар фаъолияти онҳо маҳдудиятҳо ҷой дошта бошад; хадамоти иттилоотӣ ниҳоде мебошанд, ки новобаста аз чигунагии маблағгузорӣ аз тарафи ҷомеа назорат карда мешаванд, яъне ба фаъолияти онҳо ҷамъият назорат мекунад ва дар ҳолати ифшои халалдоршавии муносибатҳои равонии ҷомеа ба фаъолияти онҳо дахолат сурат мегирад. Дар қатънома ин ҷиҳат ҳам дар назар дошта шудааст, ки фаъолияти хадамоти иттилоотӣ пурра ба маблағгузории давлатӣ вобаста нест, сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ ҳам ҳатман бояд вуҷуд дошта бошанд.

Яке аз сарчашмаҳои дигар худи ҷомеа аст. Ҷомеа на танҳо баҳрабардори хадамоти пахши ҷамъиятӣ ва хазинадори он, балки нозир низ мебошад. Шояд фаъолияти хадамоти пахши ҷамъиятӣ танҳо бо ин роҳ ва ба тариқи дигар ислоҳ карда шавад. Пас назорати ҷамъиятӣ чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки намояндагони ҷомеа боварӣ ҳосил мекунанд, ки мақомоти пахши ҷамъиятӣ дарвоқеъ, вазифаи худро дар самти хидматрасонӣ ба мардум дуруст иҷро мекунанд.

Дар кишварҳое, ки воқеан хадамоти пахши ҷамъиятӣ мавҷуд аст, таҳия ва паҳни мустақилонаи иттилоот ба назар мерасад. Дар ин кишварҳо он маънӣ, ки ғояҳо ва принсипҳои демократӣ бояд таҳия ва риоя шаванд, ба эътибор гирифта мешавад, яъне демократия аз шаҳрвандон оғоз меёбад, аммо шаҳрвандон ҳам бояд пурра ба моҳияти демократия сарфаҳм раванд ва аз ғояҳои он дуруст истифода намоянд.

Намоиши бартариҳои хадамоти пахши ҷамъиятӣ, на камтар аз далели мавҷудияти муосири хадамоти пахши ҷамъиятӣ мебошад.

Дар муқоиса ба замони таъсис ва рушди шабакаҳои телевизиони давлатӣ, дар айни замон дар бисёр кишварҳо шароити комилан мухталифро ба вуҷуд овардааст: душвории танзими глобалии соҳаи телекоммуникатсия; пайдо шудани имкони ташкили пахши тиҷоратии бидуни танзим; пахши моҳвораӣ, ки ҳудуди ҷуғрофӣ надорад, имрӯз дар ҳама ҷо маъмул аст ва ба таври васеъ ҳарчи зудтар қабул карда мешавад (бидуни маҳдудият ва ҷамъоварии мавҷгирҳои зарурӣ); тақсимоти кабелии барномаҳои беруна (аксар вақт аз ҷумла барномаҳо бо забони кишвар ё ба забони барои баъзе қисматҳои аҳолӣ фаҳмо) дар ҳама ҷо мавҷуданд ва ба таври динамикӣ васеъ мешаванд; пешрафтҳои технологӣ, алахусус рақамисозӣ ва фишурдасозӣ барои шабакаҳои иловагӣ имконият фароҳам меоранд; интернет, ки он ҳам ҳудуди ҷуғрофӣ надорад, имкон дорад, ки барои провайдери хидматрасон барои шумораи бемаҳдуд нармафзори аудио ва аудио-видео бошад.

Дар ин ҳолат, андешае пайдо мешавад, ки давлат тавассути хадамоти пахши ҷамъиятӣ метавонад ба иттилоот ва ба ин васила ба шуур ва афкори мардум таъсир расонад ва онро назорат кунад. Аудиторияи шабакаҳои пахши ҷамъиятӣ метавонад зери таъсири шабакаҳо қарор гирад, агар манбаъҳои дигари дастраснамоии иттилоот мавҷуд набошад. Аммо ҳатто онҳое, ки тавассути шабакаҳои пахши ҷамъиятӣ иттилоот мегиранд, аксар вақт аз сабаби имкони муқоиса бо манбаъҳои дигар бештар ба мунаққидон табдил меёбанд ва ё ҳамеша шубҳа мекунанд, ки ин ҳолати ғайритабиӣ дар ҷомеа мебошад.

Ин гунаи тафаккур ба кишварҳои пешрафтаи демократӣ хос аст, ки онҳо мавҷудияти шабакаҳои давлатии пахши иттилоотро қабул надоранд, аз ин рӯ, дар қарору қатъномаҳои худ ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳ менамоянд ва ба хадамоти иттилоотии ҷамъиятӣ бартарӣ медиҳанд.

Дар ҷомеаи мо низ чунин андеша вуҷуд дорад, ки «телевизиони муосир на танҳо ба такмили ихтисос, балки ба дунёву ҷаҳони нав, технологияи корӣ ва дигаргуниҳои фикрӣ ниёз дорад» [153].

Аммо ин андеша пурра ифодагари мазмуни суханоне, ки болотар зикраш рафт, нест, балки ба назари мо, ба он маъност, ки нигоҳи наву тоза, дигаргуниҳои фикрӣ дар ҳама шакли фаъолияти шабака кори худро мекунад ва вазифаи аслии воситаҳои ахбори оммаро иҷро менамояд.

Як навъи дигари фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ пахши тиҷоратии онҳо мебошад. Вақте ки хадамоти пахши телевизион солҳои тӯлонӣ танҳо тибқи қонунҳои бозор амал мекунад, одамон метавонанд ва имкон доранд манбаи дилхоҳи худро интихоб кунанд (Ин шакли фаъолият дар кишвари мо акнун ба вуҷуд омада истодааст).

Гузаштан ба ин гунаи фаъолият монеаҳо ҳам дорад, зеро вақте одамон ба пахши ройгони барномаҳо одат кардаанд, якбора пардохт намудани маблаг барои тамошои шабакаҳо барояшон душвор мешавад. Чунин таҷриба солҳои 70-уми асри гузашта дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷой дошт. Зикри ин нукта барои он аст, ки махсусиятҳои ҳама навъҳои фаъолият ва шароити дарку қабули онҳо ҳам бояд ба инобат гирифта шуда, ҳангоми таҳлилу баррасӣ ба онҳо истинод шавад.

Ҳамчунин, вобаста ба хусусияти пахши тиҷоратӣ бояд хотиррасон шуд, ки ҳама шаклҳои хидмати пахши барномаҳоро дар ниҳоят истеъмолкунандагон – шаҳрвандон маблаґгузорӣ мекунанд. Дар ҳама ҳолат шаҳрванд бояд пардохт кунад, вай интихоби дигар надорад, танҳо сарчашмаҳоро интихоб карда метавонад ва барои онҳо маблаґи муайянкардаашонро мепардозад. Яъне, ҳарчанд «махсусияти шабака аз муносибати соҳибони он ба воқеият, ба завқ ва сатҳи маърифати бинандагон вобаста аст» [119, 25], аммо боз ҳам вобастагии мутақобила ҳам дар ин маврид ба назар мерасад.

Телевизион барои қисмати назарраси инсоният воситаи дастрастарини алоқа гардидааст ва ба амалияи ҳаррӯзаи иҷтимоии садҳо миллион одамон ворид шудааст. Дар натиҷа, дар рафтори як шахси муосир, ки телевизор

тамошо мекунад, он яке аз шаклҳои асосии интиқолро ишғол кард ва дар сохтори миқдори иттилоотии истифодакунандаи шахс иттилооти телевизионӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Тағйирот дар амалҳои коммуникатсионӣ боиси дигаргуниҳои зиёде дар соҳаи пахш, таҷрибаи иҷтимоӣ ва телевизион шуданд, зеро ниҳоди иҷтимоӣ ба натиҷаи милликунонии шахс таъсири муайяне расонд. Ин ҳолати телевизион боиси рушди бисёр зиддиятҳо дар раванди милликунонии инсони муосир гардид.

Телевизион қобилияти таъсир расонидан ба муҳтавои системаҳои фарҳангию иҷтимоиро дорад, ки дар эҷод ва пахши як қатор нақшҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои рафтор ва арзишҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекунанд. «ВАО, махсусан, телевизион силоҳи муҳими таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон ба чизи дигар муқоиса намуд». [115, 43].

Дар заминаи ин ниҳод шаклҳои нави иртибот ва равобити иҷтимоии афрод, системаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рушд мекунанд. Хидмати пахши тамошобинони бисёрмиллионнафараи тасвирҳои рангини телевизионӣ тағйироти равандҳои иртиботии ҷомеаро таъмин намуда, онҳоро дар атрофи телевизион муттаҳид мекунад.

Пахши телевизионӣ ва муоширати иҷтимоӣ-сиёсӣ яке аз паҳлуҳои дигари мавзуъ ҳастанд. Имрӯзҳо се сатҳи мувофиқи пахши системавиро қайд кардан мумкин аст: сатҳи системаи оддӣ (механикӣ), сатҳи системаи автономӣ ва сатҳи системаи алоҳида. Системаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба категорияҳои муошират аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Тавассути муносибатҳои паиҳам ҷомеа як системаи муназзами иртиботро муаррифӣ мекунад, ки қобилияти системавӣ дорад, яъне, бо ин ё он тарз худро танзим менамояд.

1.2. Муошират - омили муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ

Дар низоми сиёсӣ иртиботи сиёсӣ нақши калидӣ дорад, ки тавассути он хусусиятҳои асосии система - тавсифи худ, такрористеҳсолкунӣ ва ассотсиатсияи сохторӣ ба муҳити беруна амалӣ карда мешавад. Дар ҷараёни иртиботи сиёсӣ, иштирокчиёни системаи сиёсӣ метавонанд дарки умумии сиёсати давлат ва ғояҳои асосии низоми давлатиро таҳия кунанд. Бояд қайд кард, ки давлат ва сиёсатмадорони ба он хидматкунанда бояд ҷомеаро дар бораи амалҳои худ огоҳ кунанд, то ҷомеа аз ин амалҳо огоҳ бошад ва онҳоро тасдиқ, эътироф ва ё инкор намояд.

Муоширати сиёсӣ дар ҷаҳони тағйирёбандаи муосир муҳим аст. Дар гуфтугӯи сиёсии муосир муоширати сиёсӣ хеле муҳим аст ва ҳамин муҳиммият боиси рушд ёфтани фаъолияти ВАО, махсусан, телевизион гардидааст. Аммо ба андешаи мо, дар ҷомеаи иттилоотии муосир баррасии коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун салоҳияти ВАО ва сиёсатмадорон комилан дуруст нест. Шаклҳои нави муоширати сиёсӣ ба ҳар кас имкон медиҳанд, ки дар раванди сиёсӣ ширкат варзад, ибрози андеша кунад ва оид ба масъалаҳои сиёсӣ пешниҳодҳо кунад, то як майдони муайян ба вуҷуд ояд, ки изҳори нуктаи назарҳои гуногун ва муҳокимаи мавзуъҳои ҳассосро имконпазир гардонад.

Шаклҳои нави иртиботи сиёсӣ пеш аз ҳама, бо рушди технология ва гардиши васеи ВАО ба вуҷуд омадаанд. Воқеан ҳам, пайдоиши шаклҳои нави муоширати сиёсӣ муҳим аст, зеро онҳо ба таҳкими демократия мусоидат мекунанд, илова бар ин, тасдиқ мешавад, ки танҳо як ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ метавонад муоширатро бо мафҳуми арзишии он ва маънои фарҳангиаш таъмин кунад, зеро муошират пайвандест, ки кишварҳоро муттаҳид мекунад, он ҳамчун воситаи эҷоди муносибатҳои созанда дониста мешавад.

Чунин шакли тамоюли муошират чун як саъй ба ҳалли масъалаи мушаххаси иҷтимоӣ, ба рушди иштироки шаҳрвандӣ ва ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ равона гардидааст. Интиқоли ба мушкилот

нигаронидашуда, ба андешаи мо, фаҳмиши интиқолро ҳамчун унсури асосии ҳама гуна системаи иҷтимоӣ пурра инъикос мекунад. Аз як тараф, тағйирот дар муҳити беруна тағйир додани системаи сиёсиро таҳозо мекунад, аммо дар ҷараёни ҳамкории собит байни онҳо, он ҳамчун тағирёбии муҳити беруна ба амал меояд. Инҷо ҳалли масъалаҳои гуногуни ба муошират нигаронидашуда дар назар аст.

Нақши ВАО дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бузург ва гуногунҷабҳа аст ва ҳамкории ВАО бо ниҳодҳои ҳукуматӣ ҷолиб аст. Сиёсат, дар қиёс бо дигар намудҳои кори иҷтимоӣ, ба воситаҳои махсуси мубодилаи иттилоот, барқарор ва нигоҳ доштани робитаи доимии байни субъектҳои худ ниёз дорад. Таъсир ба сиёсат, ташаккули афзалиятҳои сиёсӣ, идеалҳо, барномаҳои ВАО, ки пеш аз ҳама, тавассути оғози раванди иттилоотӣ сурат мегиранд, имкон фароҳам меоранд, то афкори ҷамъиятӣ ба таври муайян ҳамоҳанг карда шавад. Ин функсияҳо пурра дар барномаҳои иҷтимоию сиёсии телевизионӣ татбиқ карда мешаванд.

Ин суханон шакли дигари тасдиқи пайвандии сиёсат бо журналистика аст, ки собиқаи таърихӣ дорад. Тавре ки профессор И. Усмонов менависад: «Ҳар матни журналистика публитсистика аст, пас маҳз он робитаро бо сиёсат ба вуҷуд меорад. Нигорандаи воситаҳои ахбори омма ва таблиғ публитсист аст, пас робитаи байни ӯ ва сиёсатмадор ба мал меояд. Маҳз публитсист гоҳе ҳақиқатро мегӯяд, гоҳе намегӯяд, гоҳе дер мегӯяд, гоҳе бо шарҳи худ маъноящро дигархелтар карда мегӯяд ва ба ин васила мақсади сиёсат ё сиёсатмадореро, ки ба ӯ такя мекунад, ҳамкорӣ дорад, мебарорад. Ҳамкории публитсист бо сиёсатмадор бозгӯяндаи равиши ҳаёти иҷтимоӣ аст. Аз ин сабаб, публитсист ба сиёсатмадор ва сиёсатмадор ба публитсист табдил ёфта, ҳарду дар воситаҳои ахбори омма ва таблиғ чун журналист таборуз мекунанд» [133, 24].

Дар ҳақиқат, ин суханони профессор И. Усмонов заминаи таҳқиқи мо дар ин боби кор ҳастанд, зеро воқеияти алоқамандӣ ва вобастагии ҷудонопазири сиёсат бо журналистикаро нишон медиҳанд. Ин муҳаққиқи шинохтаи соҳа дар ҷойи дигар менависад, ки «пайдоиш ва инкишофи

журналистика ба пайдоиш ва инкишофи мафкураи сиёсии инсонӣ вобаста аст».

Яъне, ҷузъи муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа будани воситаҳои ахбори омма, ва вобаста ба мавзуи мо, махсусан, телевизион ҳақиқати бебаҳс аст ва баррасӣ намудани хусусиятҳои сиёсии фаъолияти воситаҳои ахбор омма, махсусан, телевизион ки дорои имкониятҳои фаровон аст, яке аз мавзуъҳои муҳим ба шумор меравад. Инчунин, шоистаи зикр аст, ки профессор Иброҳим Усмонов дар китоби «Назарияи публистсистика»-и худ мафҳуми ВАО не, балки ВАОТ-ро, яъне воситаҳои ахбори омма ва таблиғро истифода мебарад. Ҳамин таъкиди ин муҳаққиқи шинохтаи соҳа ҳам далели возеҳи робитаи ногусастании журналистика бо сиёсат аст, аз ин рӯ, дар ҳар зина ва марҳила таҳқиқ намудани алоқамандиии сиёсат бо журналистика, роҳҳои амалигардонии ҳадафҳои сиёсӣ тавассути ВАО, махсусан, телевизион ҳамеша ба манфиати соҳа аст, зеро аз нигоҳи илми журналистика ба он таваҷҷуҳ мешавад ва баррасиҳо ҳам вобаста ба он сурат мегиранд.

Телевизион имрӯз шакли васеи ВАО-ро муаррифӣ мекунад, илова бар ин, он қудрати максималии таъсири эмотсионалӣ ба аудиторияро дорад, ки раванди самараноки дарки иттилоотро бо категорияҳои муайяни тамошобинон нишон медиҳад. «Имрӯзҳо аудиторияи телевизион нисбат ба дигар ВАО зиёд мебошад, ин ба он хотир аст, ки телевизионро ҳам мебинанд ва ҳам мешунаванд» [98, 7].

Барномаи телевизиони иҷтимоӣ-сиёсиро метавон пахши барномае ҳисобид, ки муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, механизмҳои таъмини воҳидҳо, қобилият ва фаъолияти ҷомеаро инъикос мекунад. Ҳадафҳои асосии ин намуди барнома:

- расонидани рӯйдоду воқеаҳоест, ки аҳамияти муайяни иҷтимоӣ-сиёсӣ доранд;

- тафсири ин рӯйдодҳо, ки тавассути таҳлил ва шарҳ сурат мегирад;

- ҳимояи манфиатҳои ниҳодҳои ҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо;

- танқиди субъектҳои фазои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ;

- ташаккули афкори ҷамъиятӣ аз суханрониҳои ба таври оммавӣ дастрас, чеҳраҳои аз нуқтаи назари фаъолияти сиёсию иҷтимоӣ шинохта;

Тамошобини барномаҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама бинандагони синнимактабӣ, ки нисбатан бофарҳанганд ва ҷавононе мебошанд, ки каме ба сиёсат таваҷҷуҳ доранд. Ҳамин тариқ, гурӯҳи тамошобинони ин навъи барнома кам аст, аммо, бо вуҷуди ин, шумораи хоҳишмандони пахши оммавии сиёсӣ коҳиш намеёбад. Имрӯз ҳар як шабакаи телевизионӣ барномаҳои иҷтимоию сиёсии худро дорад, ки баъзеи онҳо ҳатто борҳо пахш мешаванд.

Таваҷҷуҳ ба идоракунии шабакаҳои телевизионӣ зимни таҳияи барномаҳои сиёсати давлатӣ аз якчанд омилҳо сарчашма гирифтааст:

- нахуст, дар чунин барномаҳо аксари ширкатҳои телевизионӣ сиёсати ҳукумати феълиро дастгирӣ менамоянд, ки дар ин самт элитаи сиёсӣ муносибати заруриро ба онҳо кафолат медиҳад.

- дуюм, ба барномаҳои телевизионии тамоюли иҷтимоӣ ва сиёсӣ бештар дар даврaҳои маъракаҳои интихоботии сиёсӣ талабот зиёдтар мешаванд, зеро аудиторияи васеъро ҷамъ мекунанд, бинобар ин, истинодҳо тавассути ҷойгир кардани таблиғот дар онҳо афзоиш ёфта, ба ширкатҳои телевизионӣ даромади зиёд медиҳанд.

- сеюм, чунин барномаҳо имкон медиҳанд, ки дар бораи қисми босаводтарини тамошобинони телевизион хулосабарорӣ карда шавад.

Бо мақсади зиёд кардани шумораи бинандагони барномаҳои иҷтимоию сиёсӣ, тағйироти доимии типологии барномаҳои хуб андешидашуда амалӣ карда мешавад.

Таҳлили барномаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии телевизиони дохилӣ ба мо имкон медиҳад, ки таркиби зерини барномаҳоро фарқ кунем:

1.Барномаҳое, ки шарҳи рӯйдодҳои асосии сиёсии ҳафтаро пешниҳод мекунанд. Ин гурӯҳи барномаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ ҳар шанбе ё якшанбе дар эфир пайдо мешаванд ва дар онҳо роҳбарон, муаллифон,

рӯзноманигорон натиҷаҳои рӯйдодҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳафтаро ҷамъбаст мекунанд.

Бояд қайд кард, ки муаллифон ва сарпарастони барномаҳо афзалияти рӯйдодҳоро худашон муайян мекунанд. Ин ҷо зикри ин талаботи касбӣ ба маврид аст, ки бояд «барои ба тафаккур, психологияи ҷомеа таъсир расонидан, бояд аудитория хуб омӯхта шавад. Арзишҳои фарҳангӣ, анъанаву расму оинҳои мардумӣ, вазъи иҷтимоию равонӣ ва ҳатто, асотиру миф, зарбулмасалу мақолҳои оммавии гирандаи ахборро донистану аз худ кардан ва ҳангоми таҳияи мавод ба инобат гирифтан муваффақияти журналист аст» [118, 52].

Ҳамин тариқ, шабакаҳои гуногун шарҳҳои ҳарҳафтаинаи якдигарро бо як пешгуфтори таҳлилӣ ба ҳар як воқеаи мулоҳизакорона барчидашуда, пешниҳод менамоянд. Имрӯз қариб ҳама шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон як барномаи иттилоотӣ-таҳлилиро омода мекунанд, ки аз рӯйи зарурат ба он рӯй оварда шудааст. Дар ин барномаҳо ба ғайр аз иттилоот, тамошобинон имкони шунидани фикри коршиносро оид ба рӯйдодҳои дар сужаҳо пешниҳодшаванда доранд, ки ин барои муайян кардани аҳамият ва рушди минбаъдаи барномаҳои сиёсӣ мусоидат мекунад.

Бо мақсади зиёд кардани шумораи аудиторияи барномаҳои иҷтимоию сиёсӣ, тағйироти доимии типологии барномаҳои хуб андешидашуда ба эътибор гирифта шуда истодааст. Одатан, ҳар як мавзуи барномаҳои телевизионӣ унсури ҷолиберо дар бар мегирад, ки ба диққати тамошобинони васеъ равона карда шудааст: як ё якчанд сужаҳо дар бораи рӯйдодҳои камарзиш, вале пурғавғои ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ - таҳқиқи ҷанҷолҳо, ифшои ҳаёти шахсии шахсиятҳои сиёсию иҷтимоӣ, ҳодисаҳои ғайриоддӣ, падидаҳо.

Мавзуъҳои чунин гузоришҳо пешакӣ андешида мешаванд, тайёр мешаванд ва аксар вақт дар охири барномаҳо пешниҳод шуда, бинандаро маҷбур мекунанд, ки ба мушкилоти ҷамъиятию сиёсии ҷомеа бетараф набошад ва дар раванди он қарор дошта бошад. Ин тарзи кор баъзан аз завқи тамошобин берун аст, аммо ӯро ба худ ҷалб мекунад, зеро инҷо

омили психологӣ ба эътибор гирифта шудааст, яъне ҳар маводе, ки журналист пахш мекунад, ҳадафи таблиғӣ дорад, тафаккури бинандаро зери таъсир қарор додан мехоҳад. Муҳаққиқ Иброҳим Усмонов дар ин маврид мегӯяд: «Ҳамаи зимомдорон дар тамоми ҷаҳон намегузоранд хабаре паҳн шавад, ки муҳтавояш ба фоидаашон набошад. Тамоми матбуот, ҳатто дар иттилои якҷумлагӣ чунон зада мегузаранд, ки манфиати онҳоро бозгӯянд» [133, 45].

2.Барномаҳои ҳарбӣ-криминалӣ**.** Мавзуи ҷиноятқорӣ яке аз мавзуъҳои хеле маъруф дар ВАО-и муосир гаштааст, ки фоизи зиёди тамошобинонро дар барномаҳои дорои хусусияти шабеҳ дар бар мегирад. Барномаҳое, ки дар бораи ҷиноятҳо, қонунвайронкуниҳои дорои хусусияти миллӣ на танҳо оид ба воқеияти рӯз, балки он воқеаҳое, ки аллакай моли таърих гаштаанд, доираи васеи бинандагонро ҷалб мекунанд.

Хусусиятҳои асосии чунин барномаҳо аз он иборат аст, дар онҳо иштирокчиён шоҳидони рӯйдодҳои муҳими таърихӣ, намояндагони сохторҳои қудратӣ мебошанд; ин далел ба мо имкон медиҳад, ки ин барномаҳоро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ баррасӣ кунем. Низоъҳои байналмилалӣ, нашри маълумоти махфӣ, таҳқиқи ҷиноятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ – ин танҳо баъзе аз ҷузъҳои мавзуии ин навъи барномаҳо мебошанд.

Дар байни барномаҳои хеле сербинандаи ин гурӯҳ яке аз барномаҳои иҷтимоию сиёсии дохилӣ - «Вазорати корҳои дохилӣ хабар медиҳад» (ТВ «Тоҷикистон»)-ро қайд кардан лозим аст, ки солҳост пахш мешавад ва доираи зиёди тамошобинонро фаро мегирад. Аммо бо вуҷуди сипарӣ гардидани солҳо ҳоло ҳам шаклу тарзи пешниҳоди он тағйир наёфта, дар сатҳи хабари кӯтоҳи натиҷаҳои корҳои тафтишотӣ боқӣ мондааст. Инчунин, инҷо аз барномаи «Сарбози Ватан» (ТВ «Тоҷикистон») ҳам бояд ёдовар шуд, ки он аз ҳаёту фаъолияти низомиён, сарҳадчиён ва ҷузъу томҳои ҳарбии кишвар маълумот медиҳад.

3. Барномаҳои фароғатӣ. Ин гурӯҳ он барномаҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ба таври ҷолиб барои тавсеаи доираи тамошобинон инъикос мешаванд. Дар ин навъи барномаҳо

омилҳои ҳаҷвӣ ва танзомез бартарӣ пайдо мекунанд ва ин ба муаллифони барномаҳо имкон медиҳад, ки мавзуъҳои мавриди назарро дар ин қолаб ба таври ҷолиб пешниҳод намоянд. Чунин намунаҳо дар таҷрибаи Телевизиони Тоҷикистон ҷой дошт. Истифода аз саҳнаҳои ҳаҷвии гурӯҳҳои ҳаҷвнигории «Ғарибшо-компания» ва «Лаҳзаҳои гуворо» дар шакли алоҳида ва дар дохили барномаҳои дигар аз намунаҳое буданд, ки ин хусусиятҳо ба таври хеле равшан зоҳир шудаанд.

Яъне, таҳиягарон медонанд, ки дар чунин барномаҳо лаҳзаҳои фароғатӣ аз иттилоотӣ бартарӣ доранд ва мавзуъҳои ғайримаъмул (ё мазҳакаомез) дар ҷои аввал меистанд.

Сарфи назар аз оммавияти барномарезӣ, ҳанӯз ҳам хадамоти дохилии пахши сиёсии барномаҳо ба стандартҳои ҷомеаи демократӣ ҷавобгӯ нест. Камбудии асосии он набудани гуногунандешӣ дар афкор мебошад. Моҳияти муколамавии телевизион то имрӯз танҳо барои доираи маҳдуди бинандагон ва хабарнигорони телевизион беҳтарин аст. Дар мисоли таҷрибаи шабакаҳои телевизионии Русия, кормандони ширкатҳои телевизионии давлатӣ меъёрҳои журналистикаи Ғарбро фаъолона пайравӣ мекарданд, таҷрибаи онҳоро дар ҳама чиз истифода бурдан мехостанд, аммо воқеият нишон дод, ки муҳитҳо аз ҳам фарқ мекунанд ва ҳар кас бояд мувофиқ ба шароити худ барнома таҳия намояд. Ин ҷо бояд қайд намуд, ки риояи принсипҳои умумӣ ва ягона масъалаи дигар аст. Масалан, дар «Роҳнамои Би-Би-Си» барои эҷодкорони пахши барномаҳо хусусиятҳои зерини амалҳои хабарнигорони телевизион таъкид шудааст: «дар пӯшиши мушкилот дар ҷомеаи плюралистӣ ба санъати душвори ҳамбастагии манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, эҳсосоти умумӣ ва инфиродӣ, ҳисси масъулият бо садоқат ба озодии иттилоот ва изҳори ақидаро объективона пешниҳод кунед». Ин принсипи умумӣ аст.

Барномаҳои иҷтимоию сиёсии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон муколамавӣ мебошанд, дар бораи рӯйдодҳои пешниҳодшуда андешаҳои мухталиф нишон намедиҳанд ва онҳоро дар самти идеологӣ ба ҳам монанд мекунанд. Дар ин ҳолат, бинандаи ватанӣ метавонад тафсири

пешниҳодшудаи рӯйдодҳоро қабул кунад ё дар асоси таҳлили мустақили маълумоти дар барномаҳои хабарӣ мавҷудбуда, ки раванди душвор ба назар мерасад, андешаи худро баён кунад, зеро барномаҳои ҳаррӯзаи хабарӣ на ҳамеша иттилоотро воқеъбинона мерасонанд.

Пажуҳишгари олмонӣ Норберт Болтс телевизионро бо обу ҳаво муқоиса мекунад: «касе нест, ки онро талаб кунад, он асосан бад аст ва ҳама ба он таваҷҷуҳ доранд. Барои аксарият сокинони манзилҳои истиқоматӣ тамошои телевизор бо сарф кардани вақти холӣ алоқамандии зич дорад» [23]. Тибқи гуфтаи Н. Б. Кириллов, «... ҷамъият дар охири аср асосан ҷомеаи одамоне мебошад, ки телевизорро тамошо ва ба таври рамзӣ мубодилаи афкор дар бораи чизҳои дидаашон мекунанд» [72]. Тамошои телевизион ҳаёти фаъоли ҷамъиятӣ ва сиёсиро иваз мекунад ва тавре ки Н.Б. Кириллов қайд мекунад, «бисёр шаклҳои дигари иштироки шаҳрвандӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, эҷоди тамоми соҳаҳои ҳаёти сирф визуалии бегона, воқеияти виртуалӣ-телевизионӣ, ки тамошобинонро бо намуди дастрасии худ мафтун мекунанд, мавҷуданд» [72].

В. Егоров телевизионро ҳамчун «офаранда ва паҳнкунандаи» оммавии маълумоти аудиовизуалӣ дар системаи муайяни ҳамкорӣ бо аудитория муайян мекунад. Маълумоти аудиовизуалӣ ҳамчун ҳама гуна аломатҳо, сигналҳо, тасвирҳо, садоҳо ё паёмҳои дигаре, ки хусусияти мукотибаи хусусиро дар ихтиёри аҳолӣ ё шахсони алоҳида тавассути технологияи телевизионӣ надоранд, фаҳмида мешавад. Ба истилоҳи «телевизион» пахш, интиқол ё қабули аломатҳо, сигналҳо, навиштаҷот, тасвирҳо, садоҳо ё иттилоотро аз тариқи алоқаи симӣ, системаҳои оптикӣ, радиотехника ё дигар системаҳои электромагнитӣ шомил мешавад. Ҳамаи ин телевизионро ба яке аз муҳимтарин васоити ахбори омма табдил медиҳад.

Телевизион қобилияти бузурги истифодаи қудрат дорад, зеро он на танҳо иттилоот ва интиқолро истифода мекунад. Муҳаққиқи барҷастаи соҳаи телевизион С. Н. Илченко изҳор медорад, ки «телевизион демиюрги (эҷодкунанда) иттилоотӣ мебошад, ки қодир аст ҳам аз нуқтаи назари

гуфтугӯи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳам иҷтимоию иқтисодӣ масъалаҳоро ҳал кунад» [64].

Телевизионро аз рӯи якчанд меъёр таҳқиқ кардан имкон дорад. Якум - технологӣ мебошад, ки ки мо барои таҳлил ин тарҳро истифода мебарем: кӣ муошират мекунад - чӣ ирсол карда мешавад - тавассути кадом шабака - ба кӣ. Мо заминаи бисёрсатҳии иҷтимоӣ-сиёсии телевизионро ба инобат мегирем, зеро дар «чаҳорчӯбаи равиши технологӣ, телевизион ҳамчун як организми истеҳсолӣ ва эҷодӣ, ки дар режими автономӣ кор мекунад, таҳқиқ карда мешавад», ба гуфтаи файласуфон, «худ аз худ чизеро нишон медиҳад».

Далели он, ки телевизион ҳамеша бо ҷомеа ҳаракат мекунад, барои мо муҳим аст ва ин пайвастагӣ, алоқамандӣ ва дар марҳилаҳои муайян афзалиятҳои гуногуни барномаҳоро нишон медиҳад. Барои фаҳмидан ва муайян кардани онҳо, ҷузъиёти мушаххаси таърихӣ ва иҷтимоии телевизионро муайян кардан лозим аст. Дар ин ҷо, телевизион аз «объекти транссенденталӣ» ба «чизи худӣ» мубаддал хоҳад шуд, ки дар ин ҳолат метавонем на танҳо ба саволи чӣ гуна дар телевизион намоиш рӯй медиҳад, балки барои чӣ рӯй медиҳад, посух бигирем.

Дар асрҳои XX-XX1 телевизион ҳамчун сарчашмаи асосии иттилоот, воситаи дилхушӣ ва фароғати оммавӣ қабул шуд. Аммо ин аниқ аст, ки пеш аз воситаи дилхушӣ ва фароғат будан, телевизион яке аз майдонҳои ҷолибтарин барои таҷассуми манфиатҳои сиёсӣ буд. Ҳамчун як воситаи тавоно ва муассири таъсиррасонӣ ба ҷомеа, он аввалан вобастагии сиёсӣ пайдо кард. ВАО, махсусан, телевизион силоҳи муҳими таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон ба чизи дигар муқоиса намуд» [115, 43].

Мо дар доираи таҳқиқоти худ телевизиони иҷтимоӣ-сиёсиро ҳамчун як ниҳоди махсус, ки дастрасӣ, самаранокӣ, паҳнои аудитория, самтҳо ва муносибатҳои сиёсиро ба вуҷуд меорад ва хусусияти иштироки шаҳрвандонро дар раванди сиёсӣ таъмтин месозад, баҳо медиҳем. Метавон гуфт, ки телевизион на танҳо иттилоъ мерасонад, балки бо пешниҳоди

ғояҳо, нуқтаи назар ва андешаҳо дар барномаҳои сиёсӣ ва ба ин васила дар идоракунии давлатӣ иштирок мекунад. Нақши сиёсии муосири телевизион, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки он соҳаи ба қадри кофӣ мустақили “истеҳсол”, коркард, тафсир ва арзёбии иттилоот мебошад.

Дар хотир бояд дошт, ки ба ҷузъи сиёсии хусусияти телевизиони муосир, инчунин хусусияти тиҷоратӣ илова шудааст. Дар назари аввал телевизион, ки аз муносибатҳои молиявӣ бо давлат озод аст, ба як воситаи демократӣ табдил ёфт. Барои маҳдуд кардани дастурҳои сиёсии оммавӣ ва инчунин ба эътибор гирифтани манфиатҳо ва ниёзҳои бинандагон захираҳо мавҷуд буданд. Я. Н. Засурский [61] мефаҳмонад, ки дар асл қудрат ва дар паси он гурӯҳҳо ва ассотсиатсияҳои пурқудрати корпоративӣ аслан аз таъсир дар телевизион раҳо намешаванд. Онҳо наметавонанд аз чунин василаи муассири идоракунии иҷтимоӣ даст кашанд, яъне зарурати ҳамеша мавриди назар будани шаҳрвандони ба телевизион эътимоддоштаро дарк мекунанд, алалхусус вақте ки онҳо интихобкунандагон ҳастанд.

Махсусан он замоне, ки барои мақомот давраи масъул фаро мерасад (маъракаи пешазинтихоботӣ, маъракаи интихоботӣ, ва ғ.), иштироки сиёсии телевизион возеҳтар мегардад. Дар давраи ҳимояи манфиатҳои пешазинтихоботӣ телевизион дар аксар кишварҳо ба қонунҳои тиҷорат, бозор итоат мекунад, аммо ин нукта ҳақиқат аст, ки дар сатҳи стратегӣ сиёсат ҳамеша «сухани охирин»-ро мегӯяд.

Телевизиони асри XX1 маъмултарин ВАО мебошад, ки қобилияти таъсиррасониаш муҳаққиқонро ба ҳайрат меорад. Ин як мошини гуногунҳадафест, ки дар равандҳои душвортарин ва гуногунҷабҳаи ҳаёти маънавии ҷомеа ширкат меварзад. Стенли Кубрик дар яке аз мусоҳибаҳояш чунин гуфт: «Одам рангҳои ҷаҳони воқеиро танҳо пас аз он ки дар экран мебинад, воқеитар мешиносад». Ж. Бодрияр тасвирро дар натиҷаи раванди моделсозӣ дар зери таъсири он иваз кардани воқеият бо нишонаҳои тасвирӣ мефаҳмонад.

Тавре ки С. Г. Азарян қайд мекунад, «тасвир бо воқеият мустақиман вобастагӣ надорад ва ин тасвирҳо дар равандҳои иртиботии ҷомеаи муосир, бавижа дар расонаҳо ба таври васеъ истифода мешаванд [5]. Дар асари «Телевизион ҳамчун парадигмаи фарҳанги аудиовизуалии ҷомеаи муосири Русия»-и худ Азарян [5] бо ишора ба Ж. Бодрияр [22] менависад, ки тасвири телевизионӣ бисёр марҳилаҳои пайдарпайро инъикос мекунад, то ки тасвири мукаммал ё «тоза» ба даст ояд:

- инъикоси воқеияти асосӣ;
- зери ниқоб воқеияти асосӣ таҳриф мешавад;
- набудани воқеияти асосиро пардапӯшона ноаён месозад;
- ягон муносибат ба воқеият ошкоро инъикос намеёбад;
- тасвири хусусии шабеҳ пешниҳод мешавад.

Дар натиҷаи чунин амалҳо, ки аз коркарди махсуси тасвирҳои телевизионӣ ташаккул меёбанд ва бо воқеият иртиботи пурра надоранд, пеши назари тамошобин чизи дигари дилхоҳ пайдо мешавад, ки ӯ онро воқеӣ мешуморад.

Ин хусусият телевизионро воситаи тавонотарин барои эҷод ва амалӣ намудани ҳадаф ва бофтаҳои сиёсӣ мегардонад. Яъне, телевизион “мекӯшад”, ки бинанда “ҳамаҷониба дарккунанда” шавад: ӯро аз имкони пайгирии дурусти ҳамбастагии рӯйдодҳо, имкони мушаххас кардани қолабҳо маҳрум мекунад. Яъне, чунин бинанда эҳсос мекунад, ки иттилооти аз экрани телевизион намоишдодашуда бо омодагии вижа таҳия шуда, маънои махсус дорад ва ҳамон чизест, ки ӯ дидан мехоҳад.

Панҷ аломати асосии рӯйдоди муҳими ВАО-ро қайд кардан мумкин аст:

- Ҳузури қаҳрамоне, ки дар атрофи он сужет инкишоф меёбад. Тамошобин ғайриихтиёр худро бо қаҳрамони сужаҳои телевизионӣ монанд мекунад ва худро дар ҷои ӯ тасаввур карда, ҳама ҳодисаҳои бо қаҳрамон гузарандаро дар худ эҳсос мекунад. Иштироки эҳсосотии тамошобин азхудкунии маълумоти дар сужа баёншударо осон мекунад.

- Ҳодисаи драмавӣ: бархӯрди манфиатҳое, ки бо зӯроварии ошкоро ҳамроҳӣ карда мешавад. Телевизион чунин дастгоҳест, ки дар он муноқишаҳо қавитар, ҳавасҳо гармтаранд, аз ин рӯ, тамошобин барои чунин намоишҳо вақти бештар пайдо мекунад. Чунин муносибат бо телевизион метавонад оқибатҳои бад дошта бошад, зеро аксар ҳолат дар тасаввуроти тамошобин саҳнаҳои зӯроварӣ, ки ӯ дар экран мебинад, баъзан меъёри муқаррарӣ мешаванд.

- Хусусияти телевизион дар он аст, ки ҳатто мафҳумҳои абстрактиро нишон медиҳад, зеро дар телевизион тасвир унсури аз ҳама асосӣ ва зарурӣ аст.

- Навоварӣ дар сужет ва имкони сарфи назар кардани меъёрҳои стандартӣ.

- Имконияти мутобиқ кардани ҳодиса ба мавзуъҳое, ки дар айни ҳол аз ҷониби ВАО хеле фаъолона таҳия мешаванд, яъне мавзуи мубраманд.

Нишонаҳои рӯйдодҳои барои ВАО муҳим, ки онро муҳаққиқони Ғарб муайян кардаанд, тасдиқ мекунанд, ки фазои ташаккулёфтаи муосир фазои мифологист. Бисёр вақт, телевизион на танҳо воқеаро мерасонад, балки онро ба афсона табдил медиҳад.

Телевизион вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад: иттилоотӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, ташкилӣ ва ғайра. Вазифаи ҳамгироии телевизион аз ҷониби олимон ба таври муфассал омӯхта нашудааст, аз ин рӯ барои мо омӯзиши он ҷолиб аст.

Моҳияти ҳамгироии телевизион аён аст: инсон метавонад ба рӯйдодҳои дар ҷаҳон ва кишвар рӯйдода комилан бепарво бошад, аммо ҳамин ки ба таври воқеӣ дид, шоҳиди яклаҳзаинаи ҳодиса мегардад. Дар ин ҷо пешниҳоди мавод нақши махсусан муҳим дорад. Тасвири босифат аллакай дар худ хосиятҳои мустаҳками ҳамгироӣ дорад ва бо пайвастшавӣ бо матн, усулҳо ва роҳнамоии муносиб ҳама гуна сужетҳо ба шикастани воҳиди қолабӣ табдил меёбанд, ки ба бинанда таъсири ғайриқобили тасаввур дорад.

Хусусиятҳои хоси иттилои телевизионӣ ба бинанда имкон медиҳанд, ки як қисми рӯйдодҳои пахшшударо дарку эҳсос кунад, шоҳиди он шавад. Телевизион қодир аст сохторҳои комилан мухталифро дар бар гирад: дар он хусусиятҳои беназири ҷудонашаванда мавҷуд аст. Тавре И. Полуехтова, муаллиф ва роҳбари таҳқиқоти сабти барномаи «Телевизион аз диди тамошобинон» қайд менамояд: “тамошобини телевизион торафт ба завқ, афзалиятҳо, тарзи ҳаёт ва истеъмол таваҷҷуҳ мекунад ва дар як шабака ё барнома муттаҳид кардан ва намоиш додани ин ҳама мушкилтар мешавад”.

Ду насли аудитория дар бинандагони алоҳидаи мустақил аз ҷиҳати маъно, талабот, хусусияти гуногуни дарк, муносибати эстетикӣ, мероси фарҳангӣ фарқ карда шуданд. Гурӯҳи ҷавонтар аз 30-сола тағйироти ҷиддии таассуротро тақозо мекунанд: механизмҳои дарки равонӣ-ҳсосотии онҳо имкон медиҳад, ки бидуни тафсилоти амиқ ба ҷузъиёти мушоҳидашуда баҳо дода шавад.

Тамошобини муосири телевизион қобилияти дарки интегралии чизи дидаашро надорад. Он қисмҳои алоҳидаеро дар бар мегирад, ки дар мозайкаи гуногунранг аз тасвирҳо, ақидаҳо ва ғайра таҳия шудаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти сотсиологии ВАО, ки аз ҷониби мо гузаронида шуд, муайян гардид, ки барои 62% посухгӯяндагон, ки синнашон аз 18 то 45-сола аст, табиати аҷиби маълумоти гирифташуда афзалтар аст. Насли калонсоли тамошобинони телевизион қонунҳои гуногуни дарк, муносибати эстетикӣ, талабот ва дархостҳои мухталиф доранд. Таҳқиқоти мо дараҷаи баланди эътимод ба маълумоти пахшшударо дар байни тамошобинони аз 30-сола боло нишон дод.

Тамошобинони телевизион ҳамчун як сохтори ниҳоят мухталиф бо хусусиятҳои иҷтимоӣ ва демографӣ, аз қабили синну сол, мавқеи иҷтимоӣ, макон, маълумот ва ғайра пайдо мешаванд. Инчунин омили ҳудудиро ба назар гирифтан лозим аст. Раванди ҳамгироӣ дар телевизион мустақиман бо омезиши манфиатҳои ин сохторҳо алоқаманд аст.

Дар доираи таҳқиқот бояд ба вазифаҳои ҳамгироии журналистика таваҷҷуҳ намуда, хусусиятҳои ин падидаро дар телевизион баррасӣ кард. И.Н. Блохин дар яке аз мақолаҳои худ қайд мекунад, ки вазифае ба монанди ҳамгироии унсурҳои таркибии ҷомеа рӯз ба рӯз аҳамияти бештар пайдо карда истодааст, зеро тамоюл дар ҷаҳони муосир ба муттаҳидшавӣ на танҳо дар дохили давлатҳо, балки дар фазои байни миллатҳо авҷ гирифта истодааст... [19].

Ин муҳаққиқ намудҳои гуногуни ҳамгироиро ҷудо мекунад: «Нахуст, ба маънои фарҳангӣ; журналистика мутобиқати байни стандартҳои фарҳангӣ, меъёрҳо, намунаҳои рафторро ба вуҷуд меорад. Дуюм, ба маънои меъёрӣ; журналистика стандартҳои фарҳангиро дар рафтори инсон тавассути танзими афкори ҷамъиятии институтсионалӣ татбиқ мекунад. Сеюм, ба маънои коммуникативӣ; журналистика мавзуи мубодилаи маънохо, рамзҳо ва маънохои фарҳангӣ дар ҷомеаи ҳамгироӣ мебошад. Чорум, ба маънои функционалӣ, журналистика омили тафриқаи иҷтимоӣ ва ҳамзамон маҳсули он мебошад, ки нақши мушаххаси худро дар ҷаҳони ҳамбастагии «органикӣ» иҷро мекунад [19].

Журналистикаро ҳамчун як ниҳоди нисбатан мустақил баррасӣ карда, мо метавонем дар бораи ҳадафҳои ҳамгироӣ андеша ронем. Тавре И.Н. Блохин менависад [19], бидуни посух ба ин савол, ки “журналистика ё ба маънавиёт табдил меёбад, ё воситаи нерӯҳое мегардад, ки шиори ҳамгироиро барои ҳадафҳои ҳукмронии иқтисодӣ ва геополитикии худ иваз мекунанд, бидуни дарки ҳадафҳои ҳамгироӣ, ҷомеа як воҳиди ягона мешавад?” ин мавзуъ номукаммал мемонад.

Низоми мукаммали ВАО ба мо имкон медиҳад, ки дар онҳо механизми муассири шомилшавии воқеии шаҳрвандонро ба раванди сиёсӣ бубинем. Системаи шабеҳи иштироки шаҳрвандон дар раванди сиёсӣ дар бисёр кишварҳо вуҷуд дорад, зеро дар бисёр маводи воситаҳои ахбори омма сифатҳои муҳими иҷтимоии рӯзноманигорӣ, аз қабили тамаркузи онҳо ба иҷрои вазифаҳои коммуникативӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва ғайра вуҷуд дорад. Принсипи объективии муносибатҳо ҳам ба он мусоидат мекунад, ки

байни субъектҳои сиёсат ва иқтисод ҳамгирой ба вуҷуд ояд ва ба ҳам омадани манфиатҳо бо мақсади таъмини ҳамоҳангии иҷтимой истифода мешавад.

Далели он, ки сиёсати давлатӣ вазифаи ташкил ва таъмини муколамаи ҷамъиятиро самаранок иҷро мекунад, ҳамкории ҳамаи субъектҳои ҷамъиятиро тақозо дорад. Бояд гуфт, ки дар ин маврид журналистика низ мавзуи раванди сиёсӣ мегардад. Аз ин рӯ, мо ба сиёсати оммавӣ, сиёсати давлатӣ, васоити ахбори омма ва сиёсатмадорон ишора хоҳем кард. Бояд қайд кард, ки субъектҳои раванди сиёсӣ, субъектҳои раванди иттилоотӣ ва интихобкунандагон иштироки эҳтимолии гуногун доранд. Аввалиҳо қарор қабул мекунанд ва ин ҳуқуқро интихобкунандагон ба онҳо додаанд, ВАО гузориш медиҳанд ва ба мушкилоти мавҷуда диққат медиҳанд ва шаҳрвандон ҳам бояд ин низомро риоя кунанд, вокуниш нишон диҳанд ва муҳокима кунанд, зеро барои фаъолияти самарабахши ҳокимият онҳо низ бояд кӯмак кунанд ва ин кӯмакрасонӣ дар натиҷаи огоҳӣ, қобилияти қабулу таҳлили иттилоот имкон дорад. Яъне, раванди мутақобилаи муносибатҳо: аз ҳукумат то шаҳрвандон ва баръакс татбиқ шавад.

Оё телевизион воқеан вазифаҳои ба зиммадоштаи худро иҷро мекунад, яъне аз он чӣ дар ҷаҳон рӯй медиҳад, иттилоъ медиҳад? Муҳаққиқ Н. Болтс маслиҳат медиҳад, ки ба иттилооти тавассути телевизион расида бодиққат муносибат кунед. Ӯ мегӯяд, «хабар нишон намедиҳад, ки чӣ шуда истодааст, балки чизҳое нишон медиҳад, ки дигарон муҳим мешуморанд. Васоити ахбори омма ҳодисаҳоро пайгирӣ намекунанд, балки онро нишон медиҳад, чӣ гуна дигарон рӯйдодҳоро пайгирӣ мекунанд» [23].

Телевизион, ҳамчун яке аз воситаҳои ахбори омма қобилияти фарогирии пурраро дорад, яъне телевизион он қишри аудиторияро ҳам фаро мегирад, ки аз таъсири дигар воситаҳои ахбор берун мондаанд. Ин қобилияти телевизион бо хусусиятҳои хоси он, аз қабили воситаҳо, интиқол ва дарки иттилоот шарҳ дода мешавад. Аввалан, ин хусусият аз қувваи ларзишҳои электромагнитӣ иборат аст, ки мавҷҳои телевизиониро дар бар мегиранд ва ба тамоми нуқтаҳои фазо интиқол меёбанд.

Муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки телевизион қодир аст, ки фаъолияти муқаррарии ҷомеаро, ки ба он таъсир мерасонад, нигоҳ дорад. Ҳатто одамоне, ки мунтазам барномаҳоро тамошо мекунанд ва бо таъсири он дар бораи ягонагии муайяни сохтори ҷамъиятӣ сухан меронанд, ба ин бовар доранд, аммо қувваи назарраси телевизион дар он аст, ки ин динамикаи тағйир додани равандҳоро ҳам дорад, зеро навори телевизионии ба масъалаҳои ҳассоси сиёсӣ бахшидашуда ҳисси мухталифро дар ҷомеа ба вуҷуд меорад. Ин таҷрибаи ногуворро телевизиони тоҷик ҳам дорад. Ҳодисаҳои ибтидои солҳои 90-ум, ки баъдан ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд, қисман телевизион ҳам гунаҳкор дониста мешавад, ки гӯё бо нишон додани як лаҳза аз ҷаласаи Шурои Олӣ боиси тезутунд гардидани муносибатҳои қувваҳои сиёсӣ гардид.

Яъне, хуб аст, ки барномаҳои телевизионӣ метавонанд ҳар як бинандаро маҷбур кунанд, ки худро иштирокчии ҳодисаҳо эҳсос кунад ва дар муайян кардани арзишу ҳадафҳои ҷамъиятӣ саҳмгузор бошад, аммо ин ҳолатҳо ҳам истисно нестанд, ки баъзан иштирокчии воқеаҳо сохтан ҳам ба хотири манфиатҳои сиёсӣ сурат мегиранд ва ин кор метавонад тамоюлҳои хатарнок дошта бошад.

Дар таҳқиқоти худ мо мехоҳем ҳадафҳои воқеии ҳамгироии иҷтимоӣ-сиёсиро тавассути телевизион муайян созем. Г.В. Кузнетсов менависад, ки «барои рӯзноманигоре, ки вазифаи ҳамгироии телевизионро бошуурона амалӣ мекунад, сифати аввалро метавон дар қобилияти ҳамбастагии муносибати ӯ бо ниёзҳои ҷомеа, бо хостаҳо ва нигарониҳои як шахс аз телевизион мушоҳида кард» [43].

Телевизион ба туфайли чунин хосият, ба монанди намоиш, яъне интиқоли иттилоот тавассути тасвири ҳаракаткунанда бо ҳамроҳии садо дастраси аудиторияи васеъ мегардад. Табиати иттилооти пешниҳодшуда тавассути шахсиятҳо такмил меёбад ва маълум аст, ки дар шароити муосир ин иттилоъ имкони ба тамоми ҷаҳон паҳн шуданро дорад.

Имкони ба вуҷудории ҳузури бинанда дар ҷои ҳодиса тавассути иттилоот яке аз беҳтарин дастовардҳои телевизион аст, ки аз он самаранок истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, тасдиқ карда мешавад, ки дар сатҳи шуури ҳаррӯза на ҳамеша дарк кардани он, ки пораҳои иттилооте, ки мо бо чашми худ дар экрани телевизион мебинем, гӯё ягона ва объективианд, аммо онҳо дар асл онҳо мисли мақолаҳои рӯзнома чидашуда мебошанд ва аллакай ин вобастагии моро нишон медиҳад. Барои як одами оддӣ фаҳмидани ин душвор аст: он чӣ дар экран мебинад, шояд он қадар объективӣ набошад, ки ба назари ӯ чунин менамояд.

Маводи телевизиониро метавон чунон сохт, то маълумоти муайянеро, ки ба офарандаи барнома фоидаовар аст, инъикос кунад. Пас маълум мешавад, ки ташаккули ҷомеаи муайян ҳамчун натиҷаи муваффақонаи ҳамгирой барои касе фоидаовар мешавад.

Эҷоди ҳузури тамошобин дар ҷои ҳодиса ва рӯйдод ба маводи телевизионӣ эътимоднокии махсус, мустанадӣ ва воқеият медиҳад. Таҳқиқотчии олмонӣ Н. Болтс [23] чунин мешуморад, ки «васоити ахбори омма ҳамоҳангсозии иҷтимоии дурнамои ахлоқиро таъмин мекунанд. Дар ниҳоят, чунин воситаҳои ҳамкорӣ, ба монанди пул ва қудрат, аз ҷиҳати маънавӣ бетарафанд. Аз ин рӯ, васоити ахбори омма барои ташаккули афкори ахлоқӣ шароит фароҳам меорад. Дар натиҷа, онҳо ҷомеаро на танҳо бо иттилооте, ки норомию ташвиш меорад, балки бо иттилои дар дараҷаи баланди меъёрию ахлоқӣ таҳияшуда, ки ба суботу осоиштагӣ ҳидоят мекунад, таъмин мекунанд».

Шабакаҳои телевизионӣ водор мекунанд, ки воқеият тавассути маводе, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод шудааст, эҳсос гардад. Санъати драмавии барномаҳо бо усули пирамида сохта шудааст: қудрати бинанда дар назди экран ҳар дақиқа меафзояд ва пас аз тамошо, як бинандаи оддӣ дар кӯча ҳатто ба худ савол намедиҳад, ки журналистон аз куҷо чунин сабт доранд ва онро дарёфт кардаанд?

Анҷоми барномаҳо моро водор мекунад, ки ҳама шубҳаҳоро дар мавриди худ маҳв кунем ва ба қонунияти мутлақи чизҳои дидашуда бовар кунем: Агар ҷониби манфиатдори навор мехоҳад журналистро ба нашри қалбакӣ муттаҳам кунад, метавон нусхаи пурраи онро бидуни «эзоҳот» пешниҳод кард, аммо онҳое, ки ин наворро дидаанд, ҳақиқати онро нахоҳанд пурсид. Қудрати телевизион ҳам дар ҳамин аст.

Марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар назди ҷомеашиносон, файласуфон ва сиёсатшиносон масъалаҳои нав ва ҳалли худро мегузорад. Шарҳи равандҳоеро, ки ҳам дар фазои иқтисодӣ ва ҳам дар фазои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амал меоянд, бояд дарк намуд ва ҷустуҷу намуд. Хусусияти навбатӣ ба ин марҳила бештар наздик шудан аст: Бӯҳрони давлати муосири миллӣ-ҳудудӣ ва системаи муносибатҳои байнидавлатӣ, ки да гузаштаи он «шабаҳи ҷаҳони яккутбӣ» қарор дорад, ҳама гуна дурнамои рушдро фаро мегирад; бӯҳрони намунаҳои анъанавии мутаҳиддӣ ва пароканда шудани асосҳои сохторҳои оилавӣ, ки ба таври ошкоро нерӯи ҳамгироии ҷомеаи муосирро коҳиш медиҳанд; бӯҳрони системаи намояндагии сиёсӣ ва афзоиши таълимнопазирии сиёсӣ, ва дар пасманзарии онҳо дурнамои ташвишовари афзоиши ҳаракатҳои зиддисистемавӣ мебошад.

Арзиши иртиботи сиёсӣ, ки дар ҷараёни он фаҳмиши муштараки мушкилоти умдаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ тавассути чунин ҳолати бӯҳронӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли ин мушкилот афзоиш меёбад, метавон дар дурнамои дарозмуддат имконпазир сохт. Муошират ба моликияти калидӣ ва ниёзи асосии ҷомеа табдил меёбад. Иртибот ҳамчун хусусияти асосии мавҷудияти система мавқеъ мегирад ва зарур аст, ки дар ҷараёни муошират хусусиятҳои асосии ҷомеа ҳамчун система дубора таҷдид карда шаванд. Муносибати муназзам ба суҳбати илмӣ яке аз муҳимтарин ва муосиртарин масъалаи рӯз аст, гарчанде ки нуқтаи назари ҷомеа ҳамчун системаи иҷтимоӣ ҳанӯз дар миёнаи асри XX дар асарҳои

ҷомеашиносоне ба монанди Т.Парсонс ва Р.Мертон аллакай дарҷ ёфтааст.

Имрӯз, се сатҳи мувофиқи пахши системавиро қайд кардан мумкин аст: сатҳи системаи оддӣ (механикӣ), сатҳи системаи автономӣ ва сатҳи системаи алоҳида. Системаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, категорияҳои муоширатро дорои аҳамияти аввалиндараҷа ба назар гирифта, тағйир дода шуданд. Тавассути муносибати пайдарҳам, ҷомеа як системаи муназзамии иртиботро муаррифӣ мекунад, ки хосияти истинод доранд, яъне қобилияти системавӣ бо ин ё он тарз барои баррасии худ худро баррасӣ менамояд ва қобилияти тавсиф ва мушоҳидаҳоро баён кардан пайдо месозад. Дар ин зимн диққати махсус ба падидаи интерфейсҳои сохторӣ дода мешавад, ки онҳо рӯйдодҳоро дар система муайян намекунанд, аммо ин зарур аст ва асос доранд, зеро дар акси ҳол система мавҷудияти худро қатъ мекунад ва аз ин рӯ, аллакай дар ибтидо ҳама гуна система ба муҳити атроф мутобиқ мешавад.

Тақвияти ҷаҳонишавӣ, афзоиши иттилоотонии ҷомеа, ба андешаи мо, фазои ҷаҳонии иттилоотиро ба вуҷуд меорад, ки ҳама намудҳои сохтори иттилооти маҳаллиро барҳам медиҳад. Инчунин бояд қайд кард, ки аз як тараф тадриҷан коҳиш ёфтани нақши давлати соҳибихтиёр ва афзоиши нақши субъектҳои ғайридавлатӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ва аз тарафи дигар ташаккул фазои иттилоотию коммуникатсионии ҷаҳонӣ ва шиддат гирифтани муборизаи байни фаъолони сиёсӣ барои таъсир дар он ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи тақвияти нақши коммуникатсия, аз ҷумла дар системаи сиёсӣ сӯҳбат кунем.

Дар низоми сиёсӣ иртиботи сиёсӣ нақши калидӣ хоҳад дошт, ки тавассути он хусусиятҳои асосии система - тавсифи худ, такрористеҳсолкунӣ ва ассотсиатсияи сохторӣ ба муҳити беруна амалӣ карда мешаванд. Дар ҷараёни иртиботи сиёсӣ, иштирокчиёни системаи сиёсӣ метавонанд дарки умумии сиёсати давлат ва ғояҳои асосии низоми давлатиро таҳия кунанд. Бояд қайд кард, ки давлат ва сиёсатмадорони ба

он хидматкунанда бояд ҷомеаро дар бораи амалҳо огоҳ кунанд, то ин амалҳоро тасдиқ ва эътироф кунанд.

Муошираги сиёсӣ дар ҷаҳони тағйирёбанда дар ҳолати тасмимгирии қудрат фавқулодда муҳим мешавад. Ва ин бояд вобастагии мутақобилаи байни шаклҳои иртиботи сиёсӣ ва системаи иҷтимоӣ бошад. Аз як тараф, фаъолияти як ҷомеаи кушоди иттилоотӣ мавҷудияти шаклҳои гуногуни иртиботи сиёсиро дар назар дорад ва аз тарафи дигар, дар натиҷаи ҳамкории субъектҳои гуногуни сиёсӣ, фаҳмиши муштараки категорияҳои асосии фаврӣ барои рӯзномаи сиёсӣ - дараҷаи ошкорбаёнии ҷомеа, муносибати байни кушодии система ва амнияти сиёсии он ва ғайра рушд менамояд. Ин равандро чунин тавсиф кардан мумкин аст: тақсимоти иттилоот маънои онро дорад, ки қудрат бештар қабул карда мешавад ва шабакаҳои ғайрирасмӣ монополияи бюрократияи анъанавиро вайрон мекунанд. Раванди суръатноки вақт, ки аз сабаби дастрасии Интернет ба вуҷуд омадааст, маънои онро дорад, ки ҳамаи ҳукуматҳо аз болои нақшаҳои амалиёт камтар назорат хоҳанд кард .

Дар гуфтугӯи сиёсии муосир муошираги сиёсӣ фаҳмида мешавад, зеро вазифаи асосии ВАО бештар рушд ёфтааст. Аммо ба андешаи мо, дар ҷомеаи иттилоотии муосир баррасии коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун салоҳияти ВАО ва сиёсатмадорон комилан дуруст нест. Шаклҳои нави муошираги сиёсӣ ба ҳар кас имкон медиҳанд, ки дар раванди сиёсӣ ширкат варзад, ибрози андеша кунад ва оид ба масъалаҳои сиёсӣ пешниҳодҳо пешниҳод кунад, як полифонияи муайян ба вуҷуд меояд, ки изҳороти бисёр нуқтаи назар ва муҳокимаи мавзӯъҳои ҳассосро имконпазир мегардонад. Интернет, ки ба оммаи одамон имконият медиҳад, ки дар иртиботи электронӣ ҷойгир шаванд, интихоби беохирро фароҳам меорад. Зарур аст, ки пайдоиши васоили нави техникии алоқа (Интернет) тавонад ба ҷомеа ва намояндагони сиёсии он имконият

диҳад, ки муносибатҳои симметрӣ дошта бошанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳарду ҷониб дар як вақт ба ҳам таъсир мегузоранд.

Шаклҳои нави иртиботи сиёсӣ пеш аз ҳама бо рушди технология ва гардиши васеи ВАО ташкил ёфта, монополияи ВАО пахши идеяҳои сиёсӣ шикаста мешавад. Пайдоиши шаклҳои нави муоширати сиёсӣ муҳим аст, зеро онҳо ба таҳкими демократия мусоидат мекунанд, илова бар ин, тасдиқ карда мешавад, ки танҳо як ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ метавонад муоширатро бо арзиш ва маънои фарҳангии худ таъмин кунад, зеро он пайвандест, ки кишварҳоро муттаҳид мекунад, бинобар ин, он бояд воситаи эҷоди ҷомеаҳои нав гардад. Бисёре аз муҳаққиқон чунин нуқтаи назар доранд.

Мо бар он андеша ҳастем, ки Интернет метавонад воситаи амалинамоии имкониятҳо низ бошад. Рушди ин васила на танҳо боиси тағйирот дар татбиқи принсипҳои демократӣ мегардад, балки ба тағйирот дар бисёр ҷанбаҳои фаъолияти демократия мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи вобастагии мутақобила ва таъсири мутақобилаи ғояҳои системаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва шаклҳои иртиботи сиёсӣ сӯҳбат кунем. Аз як тараф, дар тақсимоти демократии ҷомеаи кушод, иттилоот ва муҳокимаи масъалаҳои сиёсӣ, аз тарафи дигар, рушди шаклҳои нави иртиботи сиёсӣ ба афзоиши дастрасии иттилоот ва тавсеаи имкониятҳо барои муҳокима имконпазир аст. Дар ин ҷо раванди муошират дар қоидаҳои сиёсӣ арзиши махсусро мегирад, ки калидӣ мешавад - дар ҷараёни муошират (дар ин ҳолат, коммуникатсияи сиёсӣ) худи тавсифи система, такрористеҳсоли он, ассотсиатсияи сохтори моликият амалӣ карда мешавад.

Тавассути шаклҳои гуногуни муошират, системаи сиёсӣ ба тағйирёбии муҳити беруна вокуниш нишон медиҳад, ба онҳо мутобиқ мешавад (ассотсиатсияи сохторӣ); инчунин тавсифи система дар ҷараёни муошират мавҷуд аст; ҷорӣ намудани ҳамкорӣ бо муҳити беруна ва хосиятҳои асосии низоми сиёсӣ дар ҷараёни муошират афзун мешаванд.

Дар системаи сиёсӣ ин вазифаҳои муошират ҳамчун алоқаи сиёсии Интернет ва омили инноватсионии рушди низоми сиёсӣ ҳисобида мешаванд. Инчунин тасдиқ карда мешавад, ки дар пасманзари афзоиши шиддатнокии мубодилаи иттилоотӣ дар таркиби сиёсии соҳаи муошират, ки дар он шаҳрвандон ва мақомот дар дигаргуниҳо иштирок мекунанд, фазои озодӣ ва қонуният, танқид ва эътироз паҳн мешавад. Олами маҷозӣ ва воқеии вазъи сиёсӣ бо ҳам зич алоқаманданд; дар гардиш ва шумораи зиёди иттилоот, плюрализми бепоён аз амалияи ҳаррӯзаи сиёсӣ аз муҳити маҷозӣ маънои нав оварда, равандҳои инноватсионӣ дар системаи сиёсии ҷомеаро ба вуҷуд меорад.

Шаклҳои нави интиқоли сиёсӣ, ки дар ҷараёни рушди Интернет ба вуҷуд омадаанд ва ҷомеаҳои маҷозӣ ба гуфтаи муҳаққиқони муосир, на дар худи сохтори сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва на дар барномаи сиёсӣ омили таҳаввулоти асосӣ нашудаанд. Блогҳо ва форумҳои сиёсӣ бештар ба самтҳое, ки чунин расонаҳо ба монанди телевизион ва матбуот эҷод мекунанд, пайравӣ мекунанд. Дар баҳсҳои сиёсӣ дар форумҳо ва блогҳо "симулятсия" -и фаъоли сиёсӣ ба амал меояд, иштирокчии чунин мубоҳиса ҳангоми баррасии мушкилоти сиёсӣ дар фазои маҷозӣ чораҳои иловагӣ намебинад. Ин амволи моделсозӣ барои дигар шаклҳои интиқоли сиёсӣ - краудсорсинг низ хос аст, зеро усули таҳияи қарорҳои беҳтарин дар якҷоягӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ аслан таҷҳизоти манипулятсионӣ мешавад. Аммо, бо вуҷуди арзёбии интиқодии шаклҳои интиқоли иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Интернет, бояд қайд кард, ки тавассути технологияҳои нав ташаббуси шаҳрвандон, рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ имконпазир аст. Дар бораи эволютсияи интиқоли сиёсӣ ҳарфи зиёд гуфтан мумкин аст. Имрӯз, ҳадафи асосӣ ва ҳадафи ҳамкории муассир дар Интернет танҳо мубодилаи иттилоот ва ҳалли баъзе мушкилоти иҷтимоӣ нест. Мо итминон дорем, ки интиқол пас аз ҳамкорӣ сурат мегирад ва на танҳо ҷомеаҳои интиқолдиҳанда, балки ҷамоаҳои фаъол ва фаъол мавҷуданд. Интернет ва манбаъҳои

муосири электронӣ имкон медиҳанд, ки платформаҳои виртуалӣ барои ҳамкории шаҳрвандон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ташкилотҳои хайрия, ҷомеаҳои гуногун, ташкилотҳои ихтиёрӣ ташкил карда шаванд. Шояд ин ҳамкорӣ тавассути интиқоли нигаронидашуда ба амал омада бошад - ҳамкорӣ дар гурӯҳи виртуалии иҷтимоӣ ба ҳалли як мушаххас равона карда шудааст.

Ин шакли муошират, як саъй ба ҳалли масъалаи мушаххаси иҷтимоӣ, ба рушди иштироки шаҳрвандӣ ва ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ равона гардидааст. Интиқоли ба мушкилот нигаронидашуда, ба андешаи мо, фаҳмиши интиқолро ҳамчун унсури асосии ҳама гуна системаи иҷтимоӣ пурра инъикос мекунад. Аз як тараф, тағйирот дар муҳити беруна тағир додани системаи сиёсиро тақозо мекунад, аммо дар ҷараёни ҳамкории собит байни онҳо, он ҳамчун тағирёбии муҳити беруна ба амал меояд (ҳалли масъалаҳои гуногуни ба муошират нигаронидашуда).

Маълум мешавад, ки раванди ҷории ҳамгироии иҷтимоӣ ба манфиатҳои шахсии як шахс ё гурӯҳи муайян тобеъ аст. Интегратсияи муосир ҳадафи омезиши ҷомеаро танҳо бо як ғояи мушаххас дар атрофи худ равона мекунад, ба бисёр маъно ва тобишҳо роҳ намедиҳад. Барои тамошобин як олами сабабҳо ва муносибатҳои соддакардашуда ё коҳишёфта вуҷуд дорад. Кӣ рӯзҳои бекорӣ ва барои тафтиш кардани хабарҳо вақт дорад? Аксарият дунёро бо ранги дарачаи дарки худ мебинанд: яъне ё сафедро хира мебинад, ё сиёҳро сиёҳтар.

1.3. Дискурс ва махсусиятҳои он дар телевизион

Пайдоиш ва рушди таҳқиқоти лингвистии суҳбат (гуфтугӯ) ба солҳои 1960-1970 тааллуқ дорад. Дар консепсияи Т.А. Дейк [44], хусусияти лингвистии суҳбат (гуфтугӯ), иртиботи он бо муошират низ таъкид шудааст. Ба ақидаи ӯ, «гуфтугӯ ягонагии мураккаби шакл, маъно ва амали забонӣ мебошад, ки бо мафҳуми воқеии иртиботот мувофиқат мекунад».

Ҳамин тариқ, суҳбат аз паҳлуҳои лингвистӣ ва экстралингвистӣ тавсиф карда мешавад. Гуфтугӯ дар вазъияти муайян анҷом дода мешавад, ки дар он иштирокчиён нақшҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ доранд, мақсадҳое доранд, ки мувофиқи онҳо суҳбат ташкил карда мешавад. Ду намуди суҳбат вуҷуд дорад - шахсӣ (ба шахс нигаронидашуда) ва муқарраршуда (ба мақсад нигаронидашуда). Охирин муоширатро дар сохтори маҷмуии муносибатҳо дар асоси ду аломат ифода мекунад: ҳадафи муошират ва иштирокчиёни муошират.

Меъёри муайян кардани суҳбати сиёсӣ на танҳо аз муоширати иштирокчиёни робита бо соҳаи сиёсӣ ё ҷанбаҳои муҳими он, пеш аз ҳама, аз ҳадафҳо ва вазифаҳои он иборат аст, зеро ҳар иттилое, ки интишор мешавад, барои расонидани таъсир ва истифодаи қудрат дар ҷомеа нигаронида шудааст. Дар ин замина, заминаҳо барои муттаҳид сохтани рафтор, фикр, ҳиссиёт ва хоҳишҳои шумораи зиёди одамон, яъне дасткорӣ дар идораи шуури ҷамъиятӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар асарҳои илмӣ оид ба гуфтугӯи сиёсӣ (дискурс) истилоҳҳои шабеҳ дар самтҳои гуногун - «забони сиёсат» ва «забони сиёсӣ» истифода мешаванд. Онҳо одатан ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд, аммо баъзе муҳаққиқон фарқияти онҳоро қайд мекунанд. Бо вуҷуди якрангии ба назар намоёни истилоҳи «забони сиёсӣ», дар ин мафҳум маъноҳои гуногун ғунҷонида шудаанд. Яъне, ин маҷмуи ҳама амалҳои нутқист, ки ҳангоми баҳсҳои сиёсӣ ва инчунин дар қоидаҳои сиёсати давлатӣ истифода мешаванд. Забони сиёсӣ дар ин ҳолат барои интиқоли сиёсии баҳс, қабули қарор, талаби мувофиқа ва ғайра пешбинӣ шудааст. Аз ҷониби дигар,

гуфтугӯи сиёсӣ ягон забони махсуси сиёсӣ надорад. Хусусияти «забони сиёсӣ» аз он иборат аст, ки он дар суханронии шаҳрвандони марбут ба сиёсат, ҳадафҳои сиёсӣ ва дар бораи сиёсат истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, забони сиёсӣ «манбае барои тамоми аъзои ҷомеаи лингвистӣ кушода аст, ки он бо истифодаи мушаххаси забони умумӣ ҳамчун воситаи боваркунонӣ ва назорат алоқаманд аст», ин забонест, ки барои мақсадҳои дасткорӣ берун аз интиқоли сиёсӣ истифода мешавад. Забони сиёсат истилоҳот ва риторикаи фаъолияти сиёсӣ мебошад. Забони сиёсатро метавон ҳамчун рамзи фарҳанги сиёсӣ ва рамзи дастрасӣ қариб ба ҳама соҳаҳо номид.

Ғайр аз ин, забон воситаи муоширати байни сарварон ва интихобкунандагон мебошад. Забони сиёсат истифодаи махсусгардонидашудаи забонро дар соҳаи муайяни касбӣ ифода мекунад, ки онро бояд яке аз забонҳои касбӣ баррасӣ кард. Дарки забонро ҳамчун «системаи ба аломатҳои касбӣ нигаронидашуда», ки бо луғат ва фразеологияи махсус хосанд, Э.И Шейгал [138] ба формулаи гуфтугӯ дохил мекунад: «суҳбат (дискурс) = забон + матн + контекст.

Мавҷудияти забони хос имтиёзи намудҳои муқарраршудаи интиқол ва фаъолияти сиёсӣ мебошад, ки дар қоидаҳо, формулаҳо ва дастурҳои мувофиқе, ки ифодаи шифоҳӣ доранд, ифода меёбанд.

Яке аз амалҳои мутахассисон (сиёсатмадорон, намояндагони онҳо, рӯзноманигорон) ин доштани қудрат аст, дар ҳоле ки аҳолӣ ниёз ба «хидмат» -и гурӯҳи аввал дорад. Мавзуи гуфтугӯи сиёсӣ, ки як ниҳоди сиёсӣ мебошад, ба шарофати дастрасӣ ба иттилоот ва қобилияти истифодаи мақсадноки он метавонад ба афкор ва рафтори омма таъсир расонад. Хусусияти институтсионалии суҳбат дасткорона будани онро таъмин мекунад. Ҳамзамон, барномаи сиёсӣ аз инзивои корпоративӣ маҳрум аст, забони сиёсат мушаххасоти возеҳе надорад ва забони сиёсӣ берун аз доираи фаъолияти сиёсӣ истифода мешавад: дар ВАО ва таблиғоти густурда.

Мухотаби як суҳбати сиёсӣ, аудиторияи мақсадноки он ва дар маҷмуъ аҳолӣ аст. Афзалияти бевоситаи гуфтугӯи сиёсӣ, ки ба васоити ахбори омма инчунин имкон медиҳанд, ки дар бораи ин падида ҳамчун тамоили иҷтимоӣ ба оммаи васеъ сухан гӯянд, он аст, ки гуфтугӯи сиёсӣ аз аксари намудҳои дигари суҳбатҳои муқарраршуда (илмӣ, иқтисодӣ ва ғайра) фарқ мекунад.

Бо як қатор хусусиятҳои шабеҳ, суҳбати ВАО ва гуфтугӯи сиёсӣ дар баъзе самтҳо бархӯрд доранд. Масалан, суханронии як сиёсатмадор дар конфронс як суҳбати сиёсӣ ва пахши он дар телевизионро ифода мекунад (дар ин ҳолат бо дарназардошти шарҳи пешакии роҳбар ва интихоби наворҳои тайёр) - аллакай як суҳбати сиёсии ВАО мебошад. Матни қонун ба суҳбати сиёсӣ тааллуқ дорад ва хабар дар бораи қабули он ё тавзеҳи амали он дар сутуни муаллиф гуфтугӯи сиёсии ВАО мебошад. Ҳамин тариқ, суҳбати сиёсии ВАО дар майдони буриши гуфтугӯи сиёсӣ ва суҳбати ВАО ба миён меояд, ки бисёр хислатҳои шабеҳ доранд.

Суҳбати сиёсии васоити ахбори омма як падидаи мураккаби коммуникатсионӣ мебошад, ки аз муборизa барои қудрат тавассути ташаккули афкори ҷамъиятӣ иборат буда, аз матн ҳамчун натиҷаи нутқи шифоҳӣ ва мундариҷаи дорои хусусияти вазъию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин воситаҳои махсуси забон, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гуфтугӯ мувофиқат мекунад, таркиб ёфтааст.

Маълум аст, ки таъсиррасонӣ ба инсон, ин таъсири мураккаб ба ҳиссиёт, дониш ва рафтори ӯ мебошад. В.А. Карасик [68] се намуди таъсирро дар сатҳи фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ таъкид мекунад. Таъсир дар сатҳи фарҳангӣ бо тамоми ҷузъиёти фарҳангӣ, ки дар шахс мавҷуд аст, аз ҷумла, ҳаёти маънавӣ, муносибати ӯ ба забон амалӣ карда мешавад. Таъсир дар сатҳи иҷтимоии рушд таъсирро ба шахс ҳамчун намояндаи ҷомеаи мушаххас ё гурӯҳ ифода мекунад ва бо интихоби мақсадноки фишангҳо - қудрат, дасткорӣ, далелҳо, нерӯ амалӣ карда мешавад. Таъсир ба сатҳи психологии рушд таъсири фардии алоҳида ба инсонро ифода мекунад ва ҳамчун ҳамдардӣ ва гузариш дар доираи хислатҳои хоси шахсӣ

анҷом дода мешавад. Ин навъҳои таъсир маҷмуан зери таъсири иҷтимоию психологӣ танҳо дар заминаи фарҳанг анҷом дода мешаванд.

Падидаи натиҷадори таъсиррасонӣ ба оммаи васеъ дар психология, сотсиология ва илмҳои байнисоҳавӣ хуб омӯхта шудааст: яъне, таъсир ба шуури фард, ки амали минбаъдаи ӯро идора мекунад. Яъне, идораи афкори ҷамъиятӣ воситаи асосии ба даст овардан ва таҳким бахшидани қудрат мегардад.

Бо ҷойгир кардани фазо барои дасткорон, гуфтугӯи сиёсӣ дар ВАО бешубҳа шуури касонеро, ки иттилоъ ба онҳо равона карда мешаванд, «ба танзим медарорад» ва инҳо ҳазорҳо ва миллионҳо нафаранд. Ҳадафи ба доираи васеи бинандагон нигаронидашуда ба онҳо осори худро мегузорад. Агар ин ҳадаф ба ташаккули ҳисси ҷомеаи миллӣ, ваҳдати миллиии ҷомеаҳо равона шуда бошад ҳам, бо такмили онҳо шароит фароҳам меорад. Яъне, идораи шуури ҷамъиятӣ паҳлуҳои мусбат ҳам дошта метавонад, агар дуруст ба роҳ монда шавад. Имкони барои рушди ҷомеа шароити мусоид фароҳам овардан вуҷуд дорад, яъне танҳо барои соҳиб гардидан ба қудрат ё нигоҳ доштани он не, балки барои рушди ҷомеа ҳам мусоидат кардан ҳам аз муколамаи сиёсӣ истифода кардан имконпазир аст, зеро такомули афкори сиёсии шаҳрвандон ба вусъати дидгоҳи сиёсии миллӣ шароит фароҳам меорад. Яъне, мулоҳизаронихои мантиқӣ, ки дорои ғояҳои хуб ҳастанд, оммаро ба худ ҷалб мекунанд ва тасаввуроти хуберо дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

Аз рӯи анъана, муколама дар ВАО ба жанрҳо тақсим карда мешавад: иттилоотӣ, таҳлилӣ ва бадеӣ-публитсистӣ. Гурӯҳи аввал аз матнҳои хабарӣ иборат аст, яъне асли онҳо ахбор мебошад; хабаре, ки дорои маълумоти қаблан барои бинандагон номаълум буд. Моҳияти ҳар навигариро далел ташкил медиҳад - он чӣ дар замон ва фазои муайян рӯй додааст. Дар хабар ин далел-фактро тафсир кардан имкон надорад, аз ин рӯ, маводи жанри хабарӣ арзёбӣ ва баёни мавқеи муаллифро дар бар намегирад. Дар навбати худ, хабарҳо ба хабарҳои доғ (хабарҳои муҳими сиёсӣ) дар бораи сиёсат,

тиҷорати калон, ахбори байналмилалӣ ва миллӣ; хроникаи хабарӣ (хулосаи хабарҳо); ёддошти ахбор (таҳлили умумии ахбор) ҷудо мешаванд.

Гурӯҳи дуюм аз шарҳи матнҳо иборатанд ва онҳоро жанрҳои таҳлилӣ меноманд, яъне дар онҳо баррасии хабарҳо, шарҳу тавзеҳи онҳо вуҷуд дорад. Хусусиятҳои мушаххаси онҳо аз он иборат аст, ки бо таваҷҷуҳ ба ахбор, арзиши фаврии иттилоотии онро муайян сохта, бо тафсири он ҳадафҳои муайяни гӯяндаро ифода намоянд.

Гурӯҳи сеюм матнҳоро дар қолаби бадеӣ-публистсистӣ дар бар мегиранд ва онҳо ҳам ба жанрҳои таҳлилӣ наздикӣ доранд, зеро дар онҳо баёни иттилоот бо ҳадафи муайян сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар матнҳои муосири ВАО марзи возеҳи жанрҳо риоя намешаванд. Ин мавзуи баҳси алоҳида аст ва ба мавзуи мо чандон алоқаманд нест. Мо ба таври умумӣ доир ба жанрҳо маълумот додем, зеро муколамаи сиёӣ дар ҳамаи онҳо ифоа меёбад. Аммо ин ҷиҳат шоистаи таъкид аст, ки жанрҳо дар журналистика яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонанд, чунки нахустин ифодаи журналистӣ – “хабар” ба жанр алоқаманд аст ва дар қолаби жанр ифода меёбад. Риоя нашудани марзи жанрҳо ҳам ба он хотир аст, ки унсурҳои характерноки як жанр аксар вақт дар дигараш дучор меояд, аз ин рӯ, ин маънои зарурат надоштани онҳоро надорад.

Ҳамин тариқ, маълумот дар суҳбати сиёсии ВАО ба омили инсонӣ вобастагии зиёд дорад, зеро он заминаҳоро оид ба дасткорӣ дар таъсир ба афкори ҷамъиятӣ фароҳам меорад. Ҳамчунин суҳбати сиёсӣ, ки хусусиятҳои гуфтугӯи сиёсӣ ва гуфтугӯи ВАО-ро дар бар мегирад, ҳадафи сиёсӣ - ба даст овардани қудрат бо истифода аз захираҳои мавҷударо дар пай дорад. Суҳбати сиёсии ВАО як падидаи фавқулоддаи субъективӣ аст, ки бештар ба шарофати таркибу муҳтавои ВАО, аз матни журналистӣ сар карда, субъективӣ арзёбӣ мешавад. Маълумот дар ин робита инъикоси мустақими воқеияти объективӣ нест, балки тафсири он мебошад. Ҳамин тариқ, суҳбати сиёсии ВАО тамоми заминаҳоро барои иҷрои дасткорӣ дар шуури ҷамъиятӣ доро мебошад.

Барномаҳои иҷтимоию сиёсиро дар телевизион ҳамчун падидаи душвори бисёрсатҳӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки пайваста аз заминаи иҷтимоию сиёсӣ вобаста буда, зимни таҳия аз чунин мафҳумҳо ба мисли суҳбати сиёсӣ, мусоҳибаи ВАО ва гуфтугӯи сиёсии васоити ахбори омма истифода бурда мешавад.

Яке аз муҳаққиқони барҷастаи соҳаи дискурсология А.Т. Дейк менависад, ки суҳбат «ба маънои васеи калима, ин ягонагии мураккаби шакл, маъно ва амали забонӣ мебошад, ки онро бо истифодаи консепсияи ҳодисаи коммуникатсионӣ ё амали коммуникатсионӣ беҳтар тавсиф кардан мумкин аст» [44]. Ин муҳаққиқ як хусусиятеро, ки барои мо асосӣ аст, таъкид мекунад: суҳбат бо сохтори матн ё муколама маҳдуд намешавад.

Таҳлили гуфтугӯ бо далелҳои махсус инро тасдиқ мекунад: сухан гуфтан ва гӯш кардан, хусусиятҳои шахсӣ ва иҷтимоии онҳо, дигар ҷанбаҳои вазъи иҷтимоӣ, бешубҳа, ба он тааллуқ доранд. Яъне, мо ба натиҷае мерасем, ки суҳбат бо сохтор маҳдуд намешавад ва ғайр аз матн, он инчунин заминаи сиёсии иҷтимоӣ, равандҳои тавлид ва тафсири нуткро дар бар мегирад. Ҳангоми таҳлили гуфтугӯ бояд хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии иттилоъдиҳандагон, шароити муошират иртибот, имконияти тафсири гуфтаҳоро бояд ба инобат гирифт. Яъне, бояд вазъи иҷтимоию сиёсии эҷоди суҳбат, муносибати сиёсӣ ва сифатҳои шахсии муаллиф, хусусиятҳои мушаххаси аудитория низ мавриди таваҷҷуҳ бошанд.

Е. В. Ерофеева ва А. Н. Кудлаева [56] муносибати байни мафҳумҳои «суҳбат» (дискурс) ва «матн»-ро, ки барои таҳқиқоти мо муҳиманд, пажуҳиш намудаанд. Аз ҷумла, онҳо омилҳои иҷтимоиву фарҳангиро, ки ба муошират таъсир мерасонанд, зикр мекунанд. Ин муаллифон қайд мекунанд, ки ҳамаи омилҳо экстралингвистӣ мебошанд ва онҳоро метавон ба васеъ ва маҳдуд тақсим кард. Он омилҳое, ки вазъияти коммуникативиро дар маҷмуъ тавсиф мекунанд, ба омили васеъ мансубанд: тамоми шароити фарҳангию таърихӣ, шароити махсус, муошират, вазъи иҷтимоӣ ва нақшҳои иҷтимоии хабардиҳандагон ва монанди инҳо ба ин омилҳо шомил мешаванд. Омилҳои маҳдуди

экстралингвистӣ бошанд, танҳо бо воситаҳои муошираті маҳдуд, ки дар матн ҳамчун воҳиди аломат истифода мешаванд: ифодаҳо, имову ишора, ашёи хос ифода меёбанд.

Аз нигоҳи мо, ба матн танҳо омилҳои маҳдуди экстралингвистӣ метавонанд ҳамчун ҷузъҳои он дохил карда шаванд, дар ҳоле ки омилҳои васеи экстралингвистӣ дар баробари онҳо ба сохтори дискурс дохил карда шудаанд, зеро суҳбати сиёсӣ объекти душвори таҳқиқот аст, чун дар чорсӯи фанҳои гуногун: сиёсатшиносӣ, психологияи иҷтимоӣ, забоншиносӣ қарор дорад.

Мувофиқи гуфтаи муҳаққиқон А. Н. Баранов ва Е. Г. Казакевич [7], гуфтугӯи сиёсӣ маҷмуи ҳама амалҳои нутқиро, ки дар баҳсҳои сиёсӣ истифода мешаванд, инчунин қоидаҳои сиёсати давлатиро ташкил медиҳад, ки бо анъанаҳои мавҷуда ва таҷрибаҳо исбот шудаанд. Вазифаи оммавии гуфтугӯи сиёсӣ иборат аз он аст, ки ба муроҷиаткунандагон амалҳо ва баҳоҳои зарурии «аз ҷиҳати сиёсӣ дуруст» -ро талқин мекунад.

Дар суҳбати сиёсӣ хусусияти институтсионалии он таъкид карда мешавад: муошират на дар байни одамони муайян, балки дар байни намояндагони институтҳои иҷтимоӣ (ҳукумат, парлумон, ташкилоти ҷамъиятӣ ва ғайра) ва намояндагони як институти дигари иҷтимоӣ ё иштирокчиён сурат мегирад.

Бо сиёсат дар ҷомеаи муосир вазифаи мушкиле ҳампаҳлӯст - қарорҳои қабулшуда бояд барои ВАО ҷолиб бошанд. Маълум мешавад, ки низоми сиёсӣ ва васоити ахбори омма, махсусан, телевизион ба ҳам пайвастанд ва ҳамдигарро таҳрик медиҳанд.

Ончунон ки муҳаққиқи тоҷик, профессор А. Азимов менависад, “телевизион як қисми муҳим ва асосии ВАО маҳсуб ёфта, худро ҳамчун нишони низоми намояндагии манфиатҳои шаҳрвандон ва дар як вақт объекти диққати элитаи сиёсӣ ва институтҳои расмӣ шиносонида аст. Дар замони муосир телевизион хусусиятҳои мусбат ва манфиро ба худ касб намуд. Телевизион на танҳо ба шахсиятҳои алоҳида, балки ба ҷомеа, муносибатҳои сиёсӣ, «бозиҳои сиёсӣ», муносибати ҷамъиятӣ ва ҳокимият

таъсири бевосита расонида, муносибатҳои навро ба вуҷуд меоварад. Аз ин рӯ, ҳар як қувваи сиёсӣ кӯшиш менамояд, ки пеш аз ҳама, ВАО-ро, мазхсусан, телевизионро зери назорати худ қарор диҳад, онро самаранок ба манфиати худ истифода барад. Бо ёрии телевизион ҳукумат ва дигар қувваҳои сиёсӣ аҳолиро аз мақсадҳои худ, ниятҳо ва арзишҳои сиёсати худ ва ташкили муносибатҳо бо ҷамъият, омма дар ташкили намояндаҳои ҳукумат, аъзоёни элитаи идоракунанда, дастгирии эътибори сиёсатмадорони мувофиқ, анъанаҳо бо иттилоот таъмин мекунанд. Дар тамоми ҳолат ҳукумат ва қувваҳои сиёсӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ВАО, бахусус, телевизионро назорат кунанд ва зери таъсири худ қарор диҳанд» [148, 99-100].

Ин андешаҳои муҳаққиқи тоҷик А. Азимов то андозае моҳияти сиёсии фаъолият дар телевизионро бозгӯ намуда, барои дарки мафҳуми суҳбати сиёсӣ (дискурс), ки ҷузъи муҳимми ин раванд аст, замина фароҳам меорад, зеро аксар ҳолат роҳандозии ҳадафҳо тавассути ин навъи фаъолият сурат мегирад.

Гуфтан мумкин аст, ки гуфтугӯи сиёсӣ бо суҳбати ВАО аз як силсила буда, ба мо имконият медиҳад, ки фарзияро дар бораи барҳӯрди дискурс ба назар гирем. Васоити ахбори омма ҳамчун василаи пурқудрат эътироф шудаанд, зеро муошират ё суҳбати сиёсӣ ҳамеша тавассути дискурси васоити ахбори омма роҳандозӣ мегардад. Дар як суҳбати журналистӣ, ВАО миёнарави байни сиёсатмадорон ва мухотабони онҳо (аудиторияи васеъ) мешаванд. Бояд қайд кард, ки сохторҳои сиёсӣ ва равандҳои сиёсии дар онҳо ба амаломада барои аудиторияи васеъ пӯшида мебошанд. Воситаҳои ахбори омма ба як платформаи тақрибан беназири муоширати байни сиёсатмадорон ва оммаи васеъ табдил меёбанд.

Пажуҳишгари васоити ахбори оммаи Олмон Н. Болтс [23] қайд мекунад, ки «пештар асрори ҳукумат пинҳон нигоҳ дошта мешуд, имрӯз сиёсатро муносибат бо ВАО муайян мекунад. Сиёсатмадорон, албатта, ҳамеша амал мекарданд, аммо имрӯз онҳо воқеан гӯё ба касе, ба монанди ҳунармандон дар кино табдил ёфтаанд. Онҳо на танҳо дар парламент,

балки пеш аз ҳама, дар ВАО амал мекунанд. Ҷои амалиёти сиёсиро имиҷи электронӣ мегирад ва сиёсатмадори муваффақ, дарвоқеъ, на як корманди сиёсӣ, балки ситораест ба он маъно, ки дар ВАО худро дуруст муаррифӣ карда метавонад. Инро метавон политеймент, яъне ҳамоҳангии сиёсат бо ахбор ва таблиғ номид».

Ин муҳаққиқ дар идомаи андешаҳояш баён мекунад, ки сиёсат имрӯз бе иштироки телевизион вазифаи худро анҷом дода наметавонад ва вазифаи миёнаравии ВАО имрӯз беш аз пеш муҳим гардидааст, зеро намояндагони сохторҳои сиёсӣ хуб медонанд, ки ягона роҳи муаррифии онҳо тавассути навори телевизион имкон дорад, аз ин рӯ, барои расидан ба он кӯшиш мекунанд.

Идомаи андешаҳои ин муҳаққиқ ҷолиб аст, ки мегӯяд, аммо ин ҷо як масъалаи дигари муҳим ба миён меояд, ки онро танҳо сиёсатмадорон ва кормандони ВАО медонанд. Ин махфияти ҳадафҳои сиёсӣ аст, ки дар наворҳои телевизион ҳеҷ гоҳ пайдо намешавад ва он чи бинанда мебинад, устурае беш нест. Вале, мушкил он аст, ки аз ҷузъи мифологии гуфтугӯи ВАО канорагирӣ кардан ғайриимкон аст ва инробисёре аз муҳаққиқон ҳам тасдиқ мекунанд.

Маълумот муҳимтарин силоҳи сиёсии асри XX1 мебошад. Илова бар васоити ахбори классикӣ, технологияҳои шабакавиро, ки манбаи асосӣ ва воситаи таъсири нарм шудаанд, алоҳида қайд кардан лозим аст. Бо ёрии технологияҳои интернетӣ, «таҷовузи молекулавӣ дар ҳастаи фарҳангӣ»-и ҷомеаи муайян, тавре А. Грамши [37], мегӯяд, сурат гирифта истодааст ва боиси нигаронӣ аст, ки ин кор ба таври хеле «нарм», ноаён шуда истодааст, аммо илоҷи пешгирии он айни замон вуҷуд надорад. Консепсияи «қувваи нарм» барои ҳамгироии умумӣ гӯё равона шудааст, аммо асосҳои консепсияҳои миллиро вайрон карда истодааст.

Ин чунин маъно дорад, ки бо ҷамъоварии миллионҳо тамошобин, шабакаҳои иҷтимоӣ ба силоҳи маърифатӣ, иттилоотӣ ва ташкилӣ табдил ёфтанд.

Афзудани нақши иттилоот дар ҳаёти инсони муосир, пароканда кардани муҳаррики раванди бомароми таърихӣ боиси эҷоди як ҷомеаи ҷаҳонии шабакавӣ шудааст, ки аз урфу одат ва фарҳангҳои миллӣ дур мондааст.

Дар асл, амалҳои иттилоотӣ ба як навъи силоҳе табдил ёфтаанд, ки аз ҷониби неруҳои сиёсӣ истифода мешаванд. Бо ин ё он роҳ, ҷанги иттилоотӣ ҳамеша ҷанг барои идораи афкор ва ақидаи ҷамъиятӣ аст. Ин сухани асри гузашта имрӯз ба воқеият табдил ёфтааст: «бо доштани маълумот шумо дунёро идора карда метавонед». Ин воқеият аст, ҳарчанд ки на ҳамеша гуворост.

Гуфтугӯи иҷтимоӣ ва сиёсӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. К. В. Никитин [144] гуфтугӯи сиёсии ВАО-ро чунин таъриф мекунад: «Дискурси сиёсии ВАО як падидаи мураккаби муоширатист, ки ба мубориза барои ҳокимият тавассути ташаккули афкори ҷамъиятӣ равона карда шудааст, аз ҷумла матн ҳамчун натиҷаи шифоҳии сухан, контекст – вазъияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, инчунин воситаҳои махсуси забонӣ, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гуфтугӯ ҷавобгӯ мебошанд. Дар асри XXI суҳбати сиёсӣ тақрибан аз мусоҳибаи ВАО ҷудонопазир аст. Имрӯз сиёсатмадори бонуфуз он шахсеро номидан мумкин аст, ки ӯро дар телевизион аксар вақт намоиш медиҳанд ва исмаш дар рӯзномаҳо ва дигар васоити ахбори омма зикр мешавад. Бисёре аз сужетҳо дар наворҳои иттилоотии рӯз танҳо ба шарофати шарҳҳои коршиносони сиёсӣ аҳамият пайдо мекунанд.

Мантиқи ҳамкории шахсони сиёсӣ бо ВАО асосан дар он ифода меёбад, ки изҳороти сиёсатмадор бо ҳадафи интишор ё намоиш додан дар телевизион омода мешавад ва ВАО онро чӣ гуна инъикос мекунанд. Аз як тараф, васоити ахбори омма як соҳаи анъанавии татбиқи сиёсати давлатӣ мебошанд ва ҳамчун идеали ҷомеа онҳо метавонанд яке аз минбарҳои худшиносии ҷомеа ва сиёсатмадорон бошанд, зеро рӯзноманигорон барои мардум ба сиёсатмадорон дар бораи озодӣ, демократия ва таҳаммулпазирӣ суолҳои доимӣ медиҳанд. Аз тарафи дигар, ба шарофати васоити ахбори

омма, сиёсат асосан ҳамчун як намоиш қабул карда мешавад, ки тамошобинонаш ҳамаи мо мебошем» [144].

Ин андешаи муҳаққиқ дуруст аст, ки воситаҳои ахбори омма чун воситаи анъанавӣ барои ҷомеа ба як минбари эътимод мубаддал гардидаанд ва афкори ҷомеаро ба худ ҷалб мекунанд, зеро мардум ба онҳо бовар мекунанд. Дар мавриди муносибат бо сиёсат ҳам бо муҳаққиқ мувофиқ омадан мумкин аст, аммо ба он қисмати андешааш, ки «ба шарофати васоити ахбори омма, сиёсат асосан ҳамчун як намоиш қабул карда мешавад, ки тамошобинонаш ҳамаи мо мебошем», чандон мувофиқ нестем, зеро ба назари мо, ин шарофат нест, ки тавассути ВАО сиёсат дар назари омма ба як намоишнома табдил меёбад.

Дар таҳқиқоти муосир консепсияи суҳбати сиёсии ВАО дар ду самти асосӣ пешбинӣ шудааст:

- суҳбати сиёсии ВАО - формати ВАО барои рӯшан кардани мафҳумҳои сиёсӣ;

- суҳбати сиёсии ВАО - тартиби муқаррарии эҷоди матни ВАО дар ҳолати тавсиф ва тафсири воқеияти сиёсӣ.

Аҳамияти омӯзиши гуфтугӯи сиёсӣ дар ВАО якҷо бо раванди глобалии миёнаравии сиёсат шарҳ меёбад. Муҳаққиқони Ғарб дар бораи пайдоиши чунин чизе, ба монанди демократияи ВАО, вақте ки ҷомеаи сиёсӣ мувофиқи принсипҳои истеҳсолии ВАО ташкил карда мешавад, ҳадс мезананд. Дар ин ҳолат, аз нуқтаи назари сиёсӣ танҳо он чизе, ки дар ВАО пайдо шудааст, дарк карда мешавад. Н. Болтс менависад, ки раванди сиёсиро имрӯз «бофтаҳо ва ба сиёсат насбкуниҳои ВАО фаро мегирад ва ҳатто роҳи кӯтоҳтарини дастрасии сиёсатмадор ба мусоҳиба ва изҳорот ҳамвор карда шудааст. Ин ҷо гӯё ҳеҷ монеае нест»[23].

Дар заминаи дурнамои демократияи расонаӣ, О.Ф. Русакова таърифи зерини суҳбати васоити ахбори оммаро пешниҳод мекунад: он «миёнаравии иртиботии ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷомеа аст, ки дар заминаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба демократияи дар ВАО нигаронидашуда табдил меёбад» [117].

Маълум мешавад, ки дискурси сиёсии ВАО як падидаи муоширатӣ буда, ҳадафҳои мушаххас дорад. Ҳар як маҳсули суҳбати сиёсии ВАО маънии татбиқи ҳокимиятро дар ин ё он марҳила ифода мекунад. Ҳадафи мусоҳибаи сиёсии расонаҳо сабқат барои қудрат, ба ҳокимият расидан, амал кардан ва ҳифзи қудрат аст. Бо таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, суҳбати сиёсии ВАО ба мақомот имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои худ бирасанд.

М. Ю. Маркеева [143] яке аз параметрҳои муҳими иртиботи сиёсиро баррасӣ мекунад, ки қобилияти мутобиқшавӣ ва устувории воқеии низоми сиёсиро дар назар дорад. А.В. Груша бо ӯ мувофиқ аст ва қайд мекунад, ки ошкорбаёнии сиёсат механизмҳои самарабахшро талаб мекунад, зеро ин талаботи ҷомеа аст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки муоширати сиёсӣ барои фаъолияти муваффақонаи низоми сиёсӣ тибқи қоидаҳои «ошкорбаёнӣ» зарур аст. Дар он «ВАО на танҳо воситаи муоширати байни сиёсатмадорон ва шаҳрвандон мебошанд, балки инчунин мавзуи ташаббускор - дар ташкили «рӯзнома» мебошанд, ки манфиатҳои иштирокчиёни гуногуни раванди сиёсиро ба таври возеҳ баён мекунанд, вазъро таҳлил мекунанд, «мушкилоти таъҷилӣ»-ро муҳокима мекунанд ва гӯё амали мақомотро назорат менамоянд» [39].

Арзиши пурраи муколамаи шаҳрвандӣ, ки муносибатҳои демократии байни мақомот ва ҷомеаро ба вуҷуд меорад, бо имкониятҳои ВАО таъмин карда мешавад. А. В. Груша [39] менависад, ки «дар як кишвари каммиллат ва ё сермиллати дорои фарҳанги ғанӣ ... ҳалли масъалаи муколамаи миллатҳо ва муттаҳидсозии ҷомеа тавассути ВАО таъмин карда мешавад».

Суҳбати иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ВАО корбасти устуворе дорад ва метавонад афкори умумро дар сатҳе, ки ҷомеа ба он ниёз дорад, нигоҳ дорад.

Ин амали ВАО тавассути таъсиррасонӣ сурат мегирад. Ҷиҳати таъсирбахшии фаъолияти ВАО, ки аз нигоҳи психологӣ тасдиқ шудааст, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки касе барои тафтиши хабарҳо вақт надорад. Яъне, шаҳрванди ҷомеаи муосир ба иттилооти пешниҳодшуда

вобаста аст ва инро кормандони ВАО хуб медонанд. Боварӣ ба васоити ахбори омма нишони изҳори иштирок аз ҷониби бинандагон дар воқеиятҳои иҷтимоӣ мебошад.

Телевизион ҳаёти фаъоли сиёсиро дар пардаи худ инъикос мекунад ва онро ба таври худ нишон медиҳад. Яъне, пардаи телевизион барои бинанда воқеияти бузурги маҷозиро ба вуҷуд меорад, ки воқеан ҳам, афсун мекунад, боиси пайдоиш ва ҳзур дар олами хаёлҳо мегардад. Дар роҳаткурсӣ дар назди телевизор нишаста, ҳама метавонанд худро бо дард ё шодии кишвари худ шарик эҳсос кунанд ва дар ин раванд бо таъсири телевизион худро шахси зарурӣ дар ин равандҳо тасаввур намоянд. Ончунон ки Н.Б. Кириллов [72] менависад, «бо нишон додани вазъиятҳо ва бархӯрдҳои гуногун, телевизион тамоми ғояҳо ва арзишҳоеро, ки имрӯз барои ҷомеаи мо дар маҷмуъ, аҳамият доранд, ҳамчун як «тақвими зинда»-и ягонагии иҷтимоӣ таҷдид менамояд. Телевизион дар шароити ҳозира, аз рӯи табиате, ки дорад, яъне бо муроҷиат ба омма, вокунишеро ба вуҷуд меорад, ки дар доираи намоиши телевизионӣ ҳосил шудааст. Аз ин ҷиҳат, он фарқиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба эътидол оварда, аз шахсони мухталиф як навъи «ҷомеаи тамошобин»-ро ба вуҷуд меорад, як ҷомеаеро, ки ҳама ба ҳам умумият доранд, яъне, ҳама тамошобинанд».

Суҳбати телевизионӣ чун рукни низоми таъсиррасонии иттилоотӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи муайянро ишғол мекунад. М. Е. Фролов [146] қайд мекунад, ки «ҳамчун категорияи байнисоҳавӣ баромад карда, суҳбати телевизионӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи аломатҳои лингвистӣ ва визуалӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба назар мерасад».

Мо суҳбати сиёсии телевизиониро ҳамчун падидаи коммуникатсионӣ, ки ба сохтори иҷтимоӣ ва сиёсӣ дохил карда шудааст ва маҳсули фаъолияти мутахассисони телевизион мебошад, қабул кардаем, чун суҳбати телевизионии сиёсӣ масрафи бениҳоят зиёди нерӯ, дониш ва маҳоратро талаб мекунад.

Омӯзиши маҷмуи усулҳо, роҳҳо ва воситаҳои омӯзиши маводи иттилоотӣ дар ихтиёри илми ҷомеашиносӣ мебошад. Шояд усули

маъмултарини дар илм татбиқшуда таҳлили мундаричавӣ бошад. Аксарияти таҳқиқоти дохилии барномаҳои телевизионӣ бо истифодаи таҳлили анъанавии мундаричавӣ анҷом дода мешавад. Асос дар онҳо кашф кардани қонунияти миқдориву мундаричавии хабар мебошад. Ҷузъҳои миқдорӣ тавассути «бахш»-и матн ва «маънои аслии» он кашф карда мешаванд. Ҳамзамон, дар назар дошта шудааст, ки маънои пурраи хабар аз бисёр ҷиҳатҳо набояд аз миён равад.

Ба дискурс инчунин мафҳуми матн, категорияҳои пайвастагӣ ва якпорчагӣ хосанд. Хати муошират дар суҳбат - интиқоли иттилоот дар бораи вазъияти мушаххас мебошад. Дар суҳбат чунин усулҳои муошират, ба монанди интонатсия ва ритмика, мантиқӣ, маъноӣ, расмӣ ва грамматикӣ мавҷуданд; ҳамаи онҳо пурра дар бахши таблиғотӣ ҳузур доранд ва воҳиди сохтори расмию ҳамоҳангсозии ҳамаи ҷузъҳои онро фароҳам меоранд.

Мафҳуми бутун будан нисбат ба муошират васеътар буда, на танҳо ҷанбаҳои расмии интиқол, балки ҷанбаҳои маъноӣ-прагматикии иртиботи маъноӣ-интерактивии суҳбатро низ фаро мегирад. Бутунии мавзуӣ муҳимтарин категорияи гуфтугӯ мебошад, ки дар такрори баъзе ангезаҳо ва ашё ифода ёфтааст.

Ин категория бо коммуникатсияи ҳамгирошудаи маркетингӣ умумияти бештар дорад, ки дар он мавзуи муайяни хабар тавассути пешниҳоди ғояҳои пешбар дар якчанд шаклҳои муошират ба истеъмолкунанда интиқол дода мешавад.

Дар муайян кардани ин мафҳум ду роҳи асосӣ вуҷуд дорад: суҳбат ҳамчун шакли гуфтор ва ҳамчун матни мувофиқ. Дар ҳолати аввал, таҳлили суҳбат муайян кардани муносибати байни истифодаи махсуси забон ва сохторҳои васеи иҷтимоию фарҳангиро дар бар мегирад. Дар ҳолати дуюм, асоси усули гуфтугӯро назарияи банақшагирии матн ташкил медиҳад.

Мувофиқи ин назария, ҳангоми тартиб додани матн муаллиф аз рӯи сохторҳо ё маълумоти умумӣ дар бораи ин гуна матнҳо амал мекунад.

Муваффақият ё нокомии таълифи матн ба нақшаи дар назардоштаи муаллиф - системаи таркиби асосӣ, маҳорати хулосабарорӣ нисбат ба вазъияти муайян вобастагӣ дорад.

Нақшаҳо намунаҳои дақиқи зуҳури мушаххаси вазъият ё матн мебошанд. Онҳо, тавре ки дар «Методҳои таҳлили матн ва гуфтугӯ» (Тичер Майер, Водак ва Веттер, 2009) муайян шудаанд, барои тавлиди матн хеле муҳиманд: онҳо қолибҳое ҳастанд, ки ба ҳадафи муайян оварда мерасонанд.

Сенарияҳо нақшаҳое мебошанд, ки амалҳои пешбинишударо барои истеъмолкунандагони муошират муайян мекунанд. Чӣ гуна будани сенария ба шахсияти муаллиф, вақт, макони навиштани матн ва дигар ҳолатҳо вобаста аст. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки матн ва сохтори махсуси семантикии он муҳиманд.

Маҷмуи равишҳо, таърифҳо ва тафсирҳои гуногуни падидаи суҳбат ба андозае бузург аст, ки аксар вақт мафҳуми «гуфтугӯ» (дискурс) бетафовут боқӣ мемонад, зеро чунин мешуморанд, ки ин аллакай ба сохтори донишҳои умумӣ шомил шудааст ва ба таври мустақим ё ғайримустақим шарҳи иловагӣ талаб намекунад, гуфтугӯ омӯзиши механизми функсионалии воҳидҳои мушаххаси таҳлилро фаро мегирад.

Дар ҳақиқат, мафҳуми суҳбат дар забоншиносӣ, забоншиносии ВАО, публитсистика ва адабиётшиносӣ ҳангоми таҳлили асарҳои гуногуни матнӣ (бадеӣ, матнҳои махсус, маросимӣ ва ғ.) ва аксар вақт ба тасдиқи мавқеъҳо ё ақидаҳои муайяни назариявӣ васеъ истифода мешавад.

Муҳаққиқ Г. Маклюэн [87] қайд мекунад, «доираи ин мафҳум ва тарзи ҳалли пешниҳоди он то ҳол норавшан аст ва ҳатто дар илмҳои гуманитарӣ, масалан, забоншиносӣ, иртиботи фарҳангӣ, назарияи адабиёт, фарҳангшиносӣ, журналистика, иртиботи телевизионӣ, мафҳуми гуфтугӯ ба таври васеъ баррасӣ мешавад ва дорои миқдори зиёди арзишҳо ва нобаробариҳост, ба истиснои он соҳаҳои дониши назариявӣ, ки дар онҳо ин мафҳум то андозае мушаххас шудааст».

Тавре ки ба мо аз ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта маълум аст, калимаи «дискурс» («гуфтугӯ») бо маънои фалсафӣ алоқаманд шуда, тадричан тағйир меёбад, аммо як қатор маъноҳои муҳим бидуни тайғироти ҷиддӣ боқӣ монданд, ки дар навбати худ ба пайдоиши маъноҳои дигар таъсир гузоштанд ва боиси тавсеаи ин мафҳуми гардидаанд. Аз ин рӯ, контексти ин мафҳум маъноҳои зарурии онро дар бар гирифта, робитаи байни онҳоро барои тавсифи тамоми мавқеъҳои истифода ва корбариаш ифода менамояд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, дар соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ, дар ҳақиқат мумкин аст шумораи зиёди иртибот бо калимаи «дискурс» пайдо шавад, ки аз ҷиҳати маъно аз якдигар фарқ кунанд. Масалан, агар забоншиносон дар бораи хабари таблиғотӣ ё гуфтугӯ дар бораи таблиғот суҳбат кунанд, пас онҳо маънои дигари гуфтугӯро нисбат ба он ки, масалан, як равоншиноси иҷтимоӣ, ки дар суҳбат дар бораи табъиз баҳс мекунад ё суҳбат дар бораи нажодпарастӣ дар шакли хеле ҷаззоб, дар назар дорад. Илова бар ин, ҳатто дар як соҳа, масалан, дар соҳаи лингвистӣ, маҷмуи пурраи тафсирҳои гуногуни мафҳуми «суҳбат» мавҷуд аст, ки бо мафҳуми «матн» омехта мешавад ё аз ин мафҳум бо ҷузъиёти алоҳида фарқ мекунад. Бояд қайд кард, ки дар сурати омӯзиши мафҳуми «дискурс», диққати муҳаққиқон, чун қоида, ба забони зинда, муоширати табиӣ, эродҳо, мусоҳибаҳо равона карда шудааст. Муҳаққиқони матн дар навбати худ ба сохтори забон, навиштан, графика, иншо, ёддоштҳо, сужет диққат медиҳанд. Байни ин ду мафҳум сарҳади возеҳе вуҷуд надорад. Мафҳумҳои «дискурс» ва «матн» ҳангоми истифодаи ҳамаи воҳидҳои забонӣ бо вазифаи иртиботӣ, сарфи назар аз шакли хаттӣ ва шифоҳӣ, маънои умумӣ пайдо мекунанд.

Ин ки истилоҳи «дискурс» ва инчунин ҳама гуна истилоҳи дигар, бештар дар қиёс муайян карда мешавад, диққатро ба худ ҷалб мекунад. Дар муносибат ба мафҳуми «гуфтугӯ», «дискурс» як раванди иртиботи лингвистист, ки як навъ «муомилаи байни гӯянда ва бинанда мебошад. Хусусияти чунин муомила як раванди шахсӣ мебошад, ки шакли онро

вазифаи иҷтимоӣ муайян мекунад. Дар навбати худ, матн инчунин раванди муошират лингвистиро дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ муаррифӣ мекунад ва ҳамчун иттилои рамзӣ ба ҳама бинандагон ё расонаҳо фиристода мешавад. Илова бар ин:

- матн ҷузъи фаъол нест, вале суҳбат ҳамеша интерактивӣ аст;

- матн метавонад кӯтоҳ ё дароз бошад ва суҳбат ҳамеша ҳаҷми муайяне дорад;

- матн иртиботи сатҳии ҷузъҳои дар сохтори сатҳӣ ба қайд гирифташударо дорад ва гуфтугӯ сохтореро ифода мекунад, ки иртиботи амиқ дорад;

- матн бештар абстракт ва суҳбат мушаххасу прагматикӣ аст. Суҳбатро бо системаи забон мухолиф шуморидан мумкин аст: Ҷумла як сохтори беканори номуайян, сухани зиндаи шахс дар амалро ифода мекунад. Гуфтугӯро ҳамчун як қисми раванди муошират баррасӣ кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, системаи шаклҳои замони гузашта дар забони англисӣ бо истифодаи гуногун барои интиқол ва ифодаи ҳама гуна рӯйдодҳо дар қитъаи муайян истифода мешавад. Аён аст, ки ин таърифҳо ва тафсирҳои «дискурс» ихтилофи назаррас доранд. Пеш аз ҳама, гуфтугӯ бо ҳама гуна изҳороте муайян карда мешавад, ки ҳузури гӯянда ва бинандаро (ҳатто ғайримустақим) муайян мекунад.

Аксар вақт, гуфтугӯ ҳамчун таъсири лафзии мақсаднок ба нафари дар муошират ширкаткунанда пешбинӣ шудааст. Аз ин ҷо, суҳбати нутқӣ, ки дар доираи он ҳама гуна гуфтугӯ ва сухани оддӣ ҷудо карда мешаванд, пешакӣ хуб омода шуда мебошад.

Муҳим он аст, ки тафсири гуфтугӯ (дискурс) дар даҳсолаҳои охир ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Агар дар солҳои 60-70-уми асри гузашта гуфтугӯ ҳамчун пайдарҳамии алоқаманд ва ҳамоҳангшудаи ҷумлаҳо ё амалҳои нутқӣ фаҳмида шуда бошад, пас дар муқаррароти фаҳмиши муосир суҳбат падидаи душвори коммуникатсионӣ, аз ҷумла, илова бар

матн, инчунин омилҳои экстралингвистӣ, донистани ҷаҳон, ақидаҳо, муносибатҳо, ҳадафҳо мебошад, ки барои фаҳмиши умумӣ заруранд.

Муайян кардани зарфият ва захираҳои теледискурс ва дарку фаҳми маъниҳои асосии он ба мақсад мувофиқ аст. Дискурс – ин асосу заминаи ҳаёти инсон «дар забон» аст, ки онро муҳаққиқ Б. М. Гаспаров мавҷудияти забонӣ меномад: Ҳар як амали истифода аз забон. Ба ин сифати худ он ба худ гирифта ва ҳам маҷрои ҳодисаю воқеоти нодирро таҷассум мекунад, ки зимни онҳо ва барои онҳо эҷод шуда бошад. Ба он чунин вазъу ҳолатҳо марбутанд: 1) майлу хоҳишҳои иртиботию муоширатии муаллиф; 2) муносибати мутақобилаи муаллиф ва суроға (адресат); 3) «вазъу ҳолатҳои» имконпазир, моҳиятдор ва ҳам тасодуфӣ; 4) хосиятҳои маҷмӯӣ ва умумии идеологӣ ва фазою муҳити услубии давру замон ва он муҳити мушаххаси шахсиятҳо, ки иттилоъ ва хабару маълумот мустақим ва ё ғайримустақим ба онҳо нигаронида шудаанд; 5) хосиятҳои жанрӣ ва услубии худи иттилоъ ва хабар ва ҳам он вазъу ҳолати иртиботию муоширатӣ, ки дар он ворид мегардад; 6) аксари ҳамонандиҳо ва мувофиқату мушобеҳот, ки ба ягон тариқ ба меҳвари амалкарди забон афтида мондаанд.

Дар «Он-Лайн-Энсиклопедия» («Кругосвет») дискурс ба маънии умумӣ чунин муайян карда шудааст: «(фр.discours, англ.discourse, аз лот. discursus - «ба пешу қафо давидан»; «ҳаракат», «даврагардиш», «суҳбат» «мусоҳиба», «муколама», «гуфтугӯ»), нутқ, раванди фаъолияти забонӣ; воситаю василаи гуфтугӯ, суҳбат ва муколама». Дар ҳамин ҷо ҳамчунин гуфта мешавад: «Таъйиноти мушаххас ва аз ҷониби умум қабулшудаи «дискурс», асари арзишмандии володошта ва ё репликаи яклаҳзаина дар муколама (диалог) – дар худ қисму ҳиссаи маҷрои босуръат ҳаракаткунандаро таҷассум мекунад, ки тамоми ҳолату мавридҳои истифодаи онро фаро гирифта, мустасно ҳам нест, ки маҳз ҳамин ба густариши васеи ин истилоҳ дар даҳсолаҳои ахир сабаб шудааст».

Э. Бенвенист[13] истилоҳи «дискурс» (discours)-ро ба ҷои истилоҳи «нутқ» (parole) истифода кардааст. Муҳаққиқон В. В. Виноградов, С. Тодоров таҳти мафҳуми «дискурс» матни алоқамандро эътироф кардаанд.

П. Сгалл дискурсро ҳамчун муколама (диалог) муайян кардааст, К. Гаузенблаз – ҳамчун муошираты нутқӣ дар маҷмӯъ ва пайдоишу ташаккули он дар натиҷаи амали нутқӣ онро маънидод намудааст.

П. Серио 8 (ҳашт) маънии истилоҳи «дискурс»-ро ҷудо ва тасниф кардааст: 1) баробар ба мафҳуми «нутқ» (тибқи андешаи Ф. Соссюр), яъне дилхоҳ ифода ва гуфтугӯи мушаххас; 2) воҳиде, ки аз рӯи ҳаҷму андоза аз ифода-фраза калонтар мебошад; 3) таъсирбахшии ифода ба қабулкунандаи он бо назардошти вазъу ҳолати гӯйиш ва ифода кардан; 4) суҳбат (мусоҳиба) ҳамчун навъи асосии ифода ва гӯйиш; 5) нутқу сухан аз мавқеи гӯянда баръаки қисса кардан, ки чунин мавқеъро ба эътибор намегирад (тибқи андешаи Э. Бенвенист) [13]; 6) истифодаи воҳидҳои забонӣ, муҳимияту арзишмандиҳои нутқии онҳо; 7) навъи иҷтимоан ва ё аз мавқеи иделогӣ маҳдуд, масалан, дискурси феминистӣ; 8) сохтор ва бандубасти назариявӣ, ки барои тадқиқ ва омӯзиши шарту шароитҳои ҳосилнамоии матн таъйин шудаанд.

Ҳамин тариқ, ба маънии васеътар ва дарку фаҳми ҳадди ақали «лингвистӣ» дискурс – ин фаъолияти ҷории нутқӣ дар ягон соҳа мебошад. Тибқи андешаи М.Е. Фролов, «дискурс – ин нутқ sui generis» аст, яъне дар моҳияту ҷавҳари худ мунфарид мебошад, аммо Н.Д. Арутюнова онро «нутқи ба ҳаёт воридгашта» эътироф кардааст»[146].

Дигар навъу мавридҳои истифодаи истилоҳи дискурс солҳои ахир аз доираи илм баромада, дар публисистика мустаъмалу мураввaҷ гаштааст, ки мансуб ба структуралистҳо ва постструктуралистҳои фаронсавӣ аст. Қабл аз ҳама мансуб ва мутааллиқ ба М. Фуко мебошад, ҳарчанд дар асосноккунии чунин навъи истифодаҳо нақш ва мақоми боризро А. Греймас, Ж. Деррида ва Ю. Кристева соҳиб мебошанд; баъдан чунин дарку фаҳм қисман тавассути М. Пешё мушаххастар гардонида мешавад. Дар пасманзари чунин навъи истифоданамоиҳо майлу кӯшишҳо нисбати мушаххас кардани мафҳумҳои анъанавии услуб мушоҳида мешаванд. Чунин тарзу тариқи фаҳмиши истилоҳи «дискурс», ҳамчун истилоҳи муштақ ва онро ивазкунандаи «амалияи дискурсивӣ», ки Фуко истифода

намудааст, воситаю тарзи гӯйишу гуфтугӯро тасвиру тасаввур карда, ҳатман маъниҳои «кадом дискурс?» ва «дискурси кӣ?»-ро фаро мегирад, зеро муҳаққиқонро аксаран на худи дискурс дар маҷмуъ, балки навъҳои мушаххаси он ба худ ҷалб кардааст.

Дар робита ба ҷанбаи вазифавӣ ва амалкард дискурс дар аксари тадқиқотҳо амалан бо услуби вазифавӣ мувофиқат ва мутобиқат мекунад. Масалан, услубҳои «илмӣ», «расмӣ-коргузорӣ», «публисистӣ», ки дар он мафҳумҳои «дискурси сиёсӣ» ва «дискурси рекламавӣ» ҳамчун зеруслубҳои ВАО роиҷанд. Дискурс — ин забони илмии муайян аст. Имрӯз метавон оид ба дискурсҳои филологӣ ва ҳам математикӣ ҳарф зад.

Баъзе муаллифон ҳадс мезананд, ки дар масъалаи гузориши проблема дарку фаҳми бошууронаи бадеии воқеият (ҷаҳони ҷисмонӣ ва фарҳангӣ) аз илмӣ андак фарқ карда меистад. Масалан, матни бадеии барои таҳлил интихобшуда ҳамонанди мақолаҳои илмӣ оид ба забоншиносӣ якчанд бархурдҳоро нисбати табиат, моҳияту муҳтаво ва вазифаҳои семиотикии дискурс нишон медиҳанд, ки вобаста ба вазъу ҳолатҳои иртиботию муоширатӣ ва муқаррароти иштирокдорони дискурс мебошанд. Дар тафовут аз матнҳои илмӣ проблематикаи мушобеҳи образнок муаррифӣ шуда, шарҳу баёни он аз мансубияти жанрии осор вобаста мебошад. Инро мавриди интиқод қарор надода, мо шарҳу истифодаи худро пешкаш мекунем: дискурсҳои мухталиф он қадар мухолифи ҳамдигар нестанд.

Метавон гуфт, ки дискурс – ин муродифи калимаи «шакл» аст; агар мушаххастар гӯем: «як шакли нақлу қисса» аст. Дар консепсияи мактаби лйежӣ «дискурс – ин ҳама он чиз аст, ки фономатн дар санад тағйир медиҳад. Ин ҳамаи васоити нутқӣ аст, ки дар онҳо муаллиф зуҳур мекунад – шахсияти ӯ, маъмулан зуҳури ӯ ва ё як навъ «ҳозир набудани ӯ». Ба ин маънӣ дискурс бо мафҳуми «иҷроиши вазифа» (амалкард) наздиктар аст, яъне чунин маънӣ дорад, ки тамоми васоити забонӣ, баромаду пайдоиш ва ташаккули сунъии нутқро таъмин мекунанд.

Дар рисолаи доктории А. В. Флори чунин маъниҳои асосии мафҳуми «дискурс» нишон дода шудаанд: 1) тамоми ҷанбаю паҳлуҳои ифода ва

зуҳури шахсияти муаллиф (ҳама он чизе, ки мансуб ва марбут ба эстетикаи ӯ ва идеология мебошад); 2) тамоми низоми зуҳуроти шахсияти забонӣ ба тариқи умумӣ; 3) низоми полифонии рамзҳо (кодҳо) (Р. Барт); 4) низоми дастуру муқаррароти шоирона, воситаҳои анъанавии ифодаи ин ё он мавзуъ; 5) услуб бо тамоми ғановати маъноии ин калима (аз инфиродӣ то вазифавӣ).

Вобаста ба тарзи фаҳмиши ин истилоҳ дискурс дорои якчанд сохтор мебошад. Масалан, дискурс – ҳодисаи иртиботию муоширатӣ ба фреймҳо асос меёбад, ки ҷои амал, вазифаҳои шахсони амалкунанда (актантҳо), хосиятҳои онҳо, муносиботи байниҳамдигарӣ, мавқеъҳои байниҳамдигарии актантҳоро мефаҳмонад.

Муҳаққиқ Л. Янг дар рафтори нутқии инсонҳо се паҳлую ҷанбаро ҷудо карда меистад: вазъу ҳолат, дискурс ва манифестатсия. Таҳти мафҳуми дискурс ин ҷо ташкил ва созмондеҳии лингвистии иттилооти рамзнок, ки барои муоширон муҳим аст, фаҳмида мешавад. Дар дискурс фаро гирифта мешаванд: сюжа, диалект (низоми омилҳои сотсиолингвистика) ва диатип (майдони дискурсивӣ – маҷмуи унсурҳои моҳиятан семантикӣ, регистри дискурсивӣ – ҳамонанди симо ва чеҳраи муаллиф, модуси дискурсивӣ – муносибат ба васоити муошират иртибот, самту равия – суроғаи (адресати) фардӣ ва ё вазифавӣ, марҳилаҳои татбиқи дискурс – тарҳрезӣ, сохтор ва бандубаст, баёни мазмуну моҳият, хулосаю натиҷаҳо, арзёбӣ, интераксия, яъне муҳокимаи ҷамъбастӣ). Манифестатсия – ин шакли овозӣ (фонетикӣ) ва ё графики (хаттии) таҷассуми дискурс мебошад.

Дж. Мур ва М. Е. Поллак ду дараҷаи шарҳу тафсири дискурсро ҷудо карда меистанд: сатҳӣ (иттилоотӣ) ва амиқӣ (интенсионалӣ), яъне ба суроғa (адресат) нигаронидашуда.

М. Л. Макаров самтҳои асосии таҳлили дискурсиро ҷудо карда меистад: шаклӣ, вазифавӣ, вазъу ҳолатӣ ва тафсирӣ. Тафсири шаклӣ – ин дарку фаҳми дискурс ҳамчун ташаккули болотар аз дараҷаи ҷумла мебошад. Сухан оид ба ягонагии болотар аз фраза, ҷомеияти мураккаби

синтаксисӣ меравад, ки ҳамчун сархат ва ё якчанд реплика дар муколама ифода ёфта меистад. Ин ҷо дар мадди аввал низоми коннекторҳо баромада меистад, ки бутунияти ин ташаккулро таъмин карда метавонад. Шарҳи вазифавӣ ба васеи фаҳмиш – ин дарку фаҳми дискурс ҳамчун истифодаи забон аст, яъне нутқ бо назардошти тамоми зуҳуроташ. Тафсири вазъу ҳолатии дискурс – ин ба эътибор гирифтани шарту шароит ва ҳолатҳои моҳиятии иҷтимоӣ, психологӣ ва фарҳангӣ мебошад, яъне майдони тадқиқи прагмалингвистӣ.

Хуллас, таҳти мафҳуми дискурс воситаи устувори муаррифӣ ва пешкаши мавзуи муайян бо лексикаи махсуси он, фразеология, бадеият, мантиқ (далелнокӣ), мисолу намунаҳо фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳатто аз шарҳу баёни мухтасар ҳам дида мешавад, ки калима-истилоҳи «дискурс» ба тариқе васеъ дарку фаҳм мешавад, ки амалан аз доираи як истилоҳ хеле дуртар меравад.

Дар шарҳу таърифҳои мухталифи дискурс маънии умумии он ҳифз карда мешавад. Аввалан, ин як чизи устувор, доимӣ, анъанавӣ ва тибқи қоидаю дастурот сохташуда мебошад. Сониян, ин низом аст, яъне маҷмуи унсурҳои қонунмандона алоқаманд мебошад. Дар худи ВАО ба мақсад мувофиқ аст, ки на рақобати ғайрисолими персонажҳо, балки низоми муайяне дида шавад. Дискурси сиёсии ВАО тасвиру тасаввуротҳои воқеиятро ташкил медиҳанд. Дар худ ифода ва инъикоси ҳақиқати воқеиро фаро мегиранд, биноан, бо он баробар буда наметавонанд.

Ҳамин тариқ, дискурси сиёсии ВАО, ки дар худ вижагиҳои дискурси сиёсӣ ва дискурси ВАО-ро фаро гирифтааст, фақат метавонад ҳадафи сиёсӣ дошта бошад.

БОБИ II

ТАШАККУЛИ ШАБАКАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ҶАНБАЪҲОИ ГУНОГУНИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

2.1. Пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои телевизионӣ дар вилояти Хатлон ва махсусиятҳои фаъолияти онҳо

Ба фаъолият шуруъ намудани телевизионҳои маҳалӣ дар ҷануби Тоҷикистон таърихи тӯлонӣ надорад. Аввалин кӯшишҳои таъсиси муассисаи телевизионӣ дар вилояти Хатлон дар соли 1990 анҷом дода шуданд. Худи ҳамон сол дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон бо ташаббуси сокини маҳаллӣ Камол Умаров телевизиони «Борбад» ба кор шуруъ намуд, ки яке аз аввалин студияҳои ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Дар ибтидо, бештар аз ҳама барномаҳои мусиқӣ пахш мегардиданд, вале давра ба давра моҳият ва мазмуни телевизион такмил меёфт. Аз рӯи маълумотҳо, ин телевизион, омили асосӣ барои таъсиси телевизиони «Мавҷи озод» дар соли 2000 гардида буд, ки баъдан он ҳам бо сабабҳои мушкилоти молиявӣ фаъолияти худро қатъ намуд.

Аксари телевизионҳои маҳаллӣ дар вилояти Хатлон дар давраи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд. Омӯзиши таърихи телевизион нишон медиҳад, ки давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар соли 1992 оғоз ёфт, замони таъсиси шабакаҳои иттилоотӣ бо мақсади ташкили ҷанги иттилотӣ бар зидди мухолифони ҳукумати конституцсионӣ, дар ҳоли қатъ намудани фаъолияти Телевизиони марказии Тоҷикистон буд. Маҳз ҳамин омилҳо дар навбати худ ба ташкили Телевизиони Кӯлоб ва баъдтар телевизиони шаҳри Бохтар (Қӯрғонтеппа) мусоидат намуданд.

24 августи соли 1993 қарори Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №624 «Дар бораи таъсиси телевизион ва радиои вилояти Хатлон» ба тасвиб расид. Тибқи ин қарор аввалин пахши телевизиони Хатлон мебоист

дар моҳи сентябри соли 1993 ба вуқуъ мепайваст. Аммо бинобар баъзе сабабҳо сохтмон ва ба кор андохтани он то моҳи марти 1994 тӯл кашид. Дар оғоз барномаҳои телевизиони Хатлон се маротиба дар як ҳафта (сешанбе, чоршанбе ва ҷумъа) тавассути мавҷҳои Телевизиони Тоҷикистон пахш мешуданд. Барномаҳои «ТВ «Хатлон» дар ҳаҷми 45 дақиқа бо пахши зинда дар байни барномаҳои марказии телевизион бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, соатҳои 19:45 то 20:30 рӯи мавҷ падид меомаданд. Ҳамин тавр, вақти умумии пахши барномаҳои ТВ «Хатлон», дар як ҳафта 2 соату 15 дақиқаро ташкил медод.

Дар маҷмӯъ, қисми зиёди барномаҳо дар шакли жанрҳои иттилоотӣ-публитсистӣ, махсусан дар жанри гузориш омода мешуданд. Бо вуҷуди маҳдуд будани дастрасӣ ба маълумоти саривақтӣ ва дақиқ, дар он солҳо барномаҳои ТВ «Хатлон» тамошобини зиёд доштанд.

Дар ин боб мо таҳлили маводи телевизиони миллии иҷтимоӣ-сиёсӣ, хусусиятҳои татбиқи стратегияҳои ҳамгироӣ дар маводи телевизионӣ, хусусиятҳои ВАО ва аксуламалро ба мавзуъҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ пешниҳод менамоем. Мо таърих ва хусусиятҳои муассисаҳои телевизионии маҳаллӣ ва ҷумҳуриявиро, ки дар қаламрави вилояти Хатлон пахш мешаванд, баррасӣ хоҳем кард.

Намояндагии Муассисаи давлатии «ТВ “Варзиш” (Спорт) дар минтақаи Кӯлоб. Соли таъсис - 1 январи соли 2017. Шумораи кормандон-як нафар: Назирмадов Д.Н. ба ҳайси мухбир ва наворбардори минтақавӣ хидмат мекунад. Ин намояндагӣ аз раванди чорабиниҳои варзишӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гузоришҳо омода мекунад. Давомнокии гузоришҳо аз 2 то 5 дақиқа аст.

Бо Кумитаи ҷавонон ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо намояндагии ин кумита дар минтақаи Кӯлоб ҳамкорӣ мекунад. Инчунин мактубҳо, изҳорот ва даъвоҳои шаҳрвандон ва варзишгаронро оид ба такмили фаъолият ба роҳбарияти муассиса омода мекунад. Маводҳо бо истифода аз усулҳои мусоҳиба ва мушоҳида омода карда мешаванд.

Аксари маводҳо ба барномаи варзишии «Хабар» (Вести) фиристода мешаванд.

Намояндагии «ТВ Варзиш» дар минтақаи Кӯлоб барои таҳияи маводи телевизионӣ видеокамера, микрофон ва таҷҳизоти компютерӣ дорад. Инчунин, намояндагӣ ба Интернет пайваст аст, ки барои интиқоли мавод дар ҳаҷми гуногун истифода мешавад.

Намояндагии муассисаи давлатии «ТВ Ҷаҳоннамо» дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. Санаи таъсис: 15 марти соли 2008. Дар ибтидо намояндагӣ танҳо як корманд (муҳаррир Сафарзода М.Н.) дошт. Баъдтар, дар асоси шартнома боз ду корманди дигар (М. Қурбон ба ҳайси оператор ва К. Амроқулов ба ҳайси мухбир) ба кор қабул карда шуданд. Ин идора хабару гузоришҳо ва маводҳои дигарро аз рӯйдодҳои мухталиф ҳам аз шаҳри Кӯлоб ва ҳам аз минтақаи Кӯлоб омода мекунад. Барномаҳои гуногуни фарҳангиву фароғатӣ низ барои тамошобинон омода карда мешаванд.

Иттилоот ва маводҳои пешниҳодшудаи намояндагӣ ба барномаи иттилоотии «Хабар» фиристода мешаванд ва аз 2 то 6 дақиқа вақти эфирро дар бар мегиранд. Кормандон инчунин, барномаҳои зеринро омода мекунанд, ки аз 15 то 28 дақиқа вақти эфирро бо номҳои «Шифобахш» (табиб), «Дармонбахш» (табобат), «Кишоварз» (корманди кишоварзӣ), «Роҳҳо - пайвандгари дилҳо» банд менамоянд.

Ин барномаҳо бо ташкилоту муассисаҳои Кӯлоб ва минтақаи Кӯлоб робитаи зич дошта, инчунин дар асоси дархост ва аризаҳои шаҳрвандон мавод омода карда мешавад. Ҳангоми омода кардани мавод усулҳои суҳбат, мусоҳиба, таҷрибаи эмпирикӣ, пурсиш ва мушоҳида истифода мешаванд. Намояндагӣ барои омода кардани мавод як камераи видеоӣ, ду микрофон, як микрофони лапелӣ, таҷҳизоти компютерӣ ва видеокамераро истифода мебарад.

Кормандони намояндагӣ барои фаъолияти бомуваффақият дар инъикоси фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб бо ифтихорномаҳои мақомот,

инчунин аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳо сарфароз гардонида шудаанд.

Телевизиони «Мавҷи Озод» («Свободная волна»). Студияи телевизионии «Мавҷи Озод» 13 июни соли 1991 таъсис ёфтааст. Дар ибтидо муассисаи телевизионии «Мавҷи Озод» ба Кумитаи комсомолии ноҳияи Восеи вилояти Кӯлоб тааллуқ дошт, пас аз пошхӯрии ИҶШС ин муассиса дар соли 1992 ба тавозуни Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Самар»-и ноҳияи Восеъ гузаронида шуд.

Ҳадафи асосии ташкили студияи телевизионии «Мавҷи Озод» таъмини аҳолӣ бо иттилои ҳам дохилиноҳиявӣ ва ҳам миқёси ҷумҳуриявӣ буд. Аввалин директори студияи телевизиони “Мавҷи Озод” Р. Буриев буд. Ду нафар аз кормандон занон буданд.

Моҳи октябри соли 1992 барномаи «Зангӯла» барои мактаббачагони муассисаҳои таълимӣ пахш шуд, ки муҳаррири он Рӯзимади Тоҳир (шодравон) буд. Ин барнома хусусияти зеҳнӣ дошт ва донишу малакаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумиро намоиш медод.

Аз соли 2005 инҷониб студияи телевизионии «Мавҷи Озод» ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мавҷи Озод» табдили ном карда, айни замон (соли 2022) дар ин студия 8 корманд кор мекунад: 3 муҳаррир, 3 наворбардор, як муҳандис-техник ва як муҳосиб.

Ғайр аз ин, боз 6 нафар кормандон дар асоси шартнома ба кор қабул карда шуданд. Директори ҶДММ «Мавҷи Озод» Р. Буриев, сармуҳаррир - Х. Назриев, наворбардор - Х. Зуҳуров, муҳандис-техник - И. Қодиров буданд.

Студияи телевизионӣ бештар аз ҳама, навъи гузоришҳои иттилоотии телевизиониро омода мекунад. Ҳамчунин, сабтҳои видеоӣ аз ҷараёни чорабиниҳо, ҷашнҳо ва тантанаҳои гуногун намоиш дода мешаванд. Гузоришҳои ахбор аз 2 то 5 дақиқаро дар бар мегирад. Барномаҳо ва лавҳаҳо аз 10 то 20 дақиқа мебошанд. Барномаҳои хабариро Х. Назриев ва Н. Ризоева омода мекунанд.

Барномаҳои студияи телевизиони «Мавҷи Озод» ҷузъҳои зеринро дар бар мегиранд: «Паём» (ахбор) - барномаи иттилоотӣ, «Афкор» (андеша) - барномаи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, «Чеҳраҳо» (шахсиятҳо) - барномае, ки фаъолияти шахсиятҳои машҳури Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. «Маърифати ҳуқуқӣ» (маълумоти ҳуқуқӣ) - барномаи ҳуқуқӣ, «Дониш – сипар» - барномаи таълимӣ, «Бону» - барнома барои занон ва духтарон ва монанди инҳо ҳам аз барномаҳои ин шабакаи телевизионӣ ҳастанд. Ин студияи телевизионӣ бо Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» робита дорад.

Студияи телевизионӣ дорои таҷҳизоти махсус барои омода кардани мавод, пахши барномаҳо ва ду видеокамера мебошад. Кормандони ин студия дар кори худ аз усулҳои муосири телевизион, аз қабили суҳбат, мусоҳиба, мушоҳида, таҳқиқоти журналистӣ истифода мебаранд. Бештар аз ҳама барномаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ намоиш дода мешаванд.

Масоҳати пахши студияи телевизиони «Мавҷи Озод» 60 километр мебошад. Аудиторияи ин студияи телевизиониро зиёда аз 250 ҳазор тамошобинон ташкил медиҳанд. Кормандони студияи телевизионии «Мавҷи Озод» Х. Назриев, Х. Зуҳуров, Р. Буриев «Аълочии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошанд. Инчунин хабару (паёмҳо) ва гузоришҳои студияи телевизионии «Мавҷи Озод» дар Телевизиони Сафина намоиш дода мешаванд. Кормандони студияи телевизиони «Мавҷи Озод» дар Шветсия, Федератсияи Россия ва Қазоқистон курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро гузаштаанд *(аз қайдҳои муаллиф дар суҳбат бо директор ва кормандони ин студияи телевизионӣ)*.

Аввалин барномаҳои ҷиддии телевизиони «Мавҷи озод»-и ноҳияи Восеъ видеофилмҳои «Муаллим» ва «Қаҳрамонмодари меҳнатқарин» буданд. Ба ғайр аз ин видеофилмҳо, дар моҳи марти соли 1993 барномаи ҳарҳафтаинаи «Навиди Восеъ» рӯи эфир мебаромад, ки барандаи он Х. Зуҳуров буд. Моҳи январи соли 1994 барномаи ҳафтаинаи «Ниёгон» бо муаллифии Х. Назриев, шуруъ аз моҳи феврал, субҳу шоми шанбе дар барномаи иттилоотӣ-фароғатии «Ширу шакар», рӯзи якшанбе ҳар ҳафта

дар субҳ ва шом барномаи иттилоотию фароғатии «Шабнам» бо муаллифию муҳарририи Р. Тоҳиров пахш мешуданд [155].

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ, аз 14 декабри соли 1996, №382, иборат аз 6 банд ва 36 модда, инчунин бастани Созишномаи сулҳ байни ҳукумат ва мухолифин ба таъсиси шабакаҳои нави телевизионӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Қонуни мазкур мушахассоти таъсис ва фаъолияти телевизион ва радиоҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро бо истифода аз моҳвора, пахши рақамӣ, компютерӣ, аз ҷумла тавассути шабакаи байналмилалии интернет муқаррар намуда, принсипҳои озодии баён, ҳуқуқи шаҳрвандон барои дастрасӣ ба иттилоот, этироми арзишҳои маънавию ахлоқии инсон, риояти меъёрҳои ахлоқию касбиро ба танзим медарорад.

Шабакаи телевизион ва радиои «Қӯрғонтеппа» яке аз аввалин шабакаҳои телевизионӣ баъд аз қабули қонуни мазкур ва имзои Созишномаи сулҳ буд. Ин телевизион дар моҳи августи соли 1999 аз қайди давлатӣ ва пас аз гирифтани иҷозатнома аз Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моҳи августи соли 2000 фаъолияти худро оғоз намуд.

Аввалин муассис ва директори телевизиони «Қӯрғонтеппа» журналист, Аълочии матбуот ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Умар Камолов буд. Аввалин барномаи “Телевизиони «Қӯрғонтеппа» машҳур ба «ТВ-5» 8 сентябри соли 2000 пахш гардидааст.

Таъсиси нахустин телевизиони мустақил дар фазои иттилоотии минтақаи собиқ Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) дар таърихи шаҳри Бохтар саҳифаи наверо кушод. Телевизиони мустақил дар мавҷи алоҳида ҳамарӯза дар ҳаҷми 5-6 соат ба тамошобинон барномаҳои ҷолиб пешкаш менамуд.

Ба муносибати 20-солагии таъсиси ин шабакаи телевизионӣ хабарнигори нашрияи вилоятии «Хатлон» бо муассис ва директори ин шабака анҷом ёфтааст, ки аз он маълумоти зарурӣ доир ба ин шабака

мавҷуд аст. Дар оғоз мухбир мепурсад, ки телевизиони мустақили «Қӯрғонтеппа» кай ва чӣ тавр ташкил ёфт? [158].

Посухҳои У. Камолов аҳамиятноканд, зеро заминаҳои ташкил, ҳолат ва вазъи таърихии таъсис, нахустин кормандон, шароити корро бозгӯ менамоянд, аз ин рӯ, онҳоро ҳамчун «таърихи зинда» тазаккур медиҳем: «Фаъолияти журналистии худро дар соҳаи телевизион солҳои 92-и асри XX аз телевизиони Кӯлоб оғоз бахшида, ба ҳайси мухбир, муҳаррир ва баъдан сармуҳаррир фаъолият доштам. Соли 1994 телевизиони «Хатлон» ба фаъолият оғоз кард. Бо таклифи раиси ҳамонвақтаи идораи телевизион ва радиошунавонии вилояти Хатлон Б. Сайдалиев ба телевизиони «Хатлон» ба кор омадам. Дар он солҳо имкониятҳои техникии ТВ «Хатлон» хеле маҳдуд буд. Ҳамагӣ 1 соат барнома месохтем ва тариқи мавҷи шабакаи ҷумҳуриявӣ пахш мекардем. Дар 1 соат ҷой додани барномаҳои гуногун ва калонҳаҷм ғайриимкон буд. Он солҳо ҷавон будам ва касби худро хеле дӯст медоштам. Мехостам студияи телевизиони мустақил ташкил кунам, ки имконияти сохтани барномаҳои гуногун, калонҳаҷм ва жанрҳои гуногуни телевизиониро дошта бошад. Ин орзуямро пинҳон намедоштам. Баъзе ҳамкорон онро амалинашаванда фикр мекарданд, ҳатто чанде аз онҳо орзуи маро афсона мепиндоштанд.

Бо кӯшишҳои зиёд, даркӯбии идораҳои болоӣ ба орзуи худ расидам. Соли 2000 нахустин телевизиони мустақил дар минтақаи Қӯрғонтеппа ба фаъолият оғоз кард.

Ман медонистам, ки ташкили телевизион маблағи калонро талаб мекунад ва мушкилоти дигар ин гирифтани иҷозатнома барои фаъолият буд. Барои пайдо намудани маблаг лоиҳаи хуб навиштан ва маблаггузорро пайдо намудан пеш омад. Дар омӯзиш ва семинарҳо иштирок намуда, навиштани лоиҳаро аз худ кардам. Лоиҳа навиштам ва ба ташкилотҳои байналхалқӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятдошта муроҷиат кардам. Бо сабаби надоштани иҷозатномаи фаъолият онҳо лоиҳаро дастгирӣ намекарданд. Як мушкилоти дигари сарбастае буд, ки ин бо сабаби

надоштани таҷҳизоти техникӣ барои ташкили телевизион иҷозатнома ва маблағ барои хариди таҷҳизот намедоданд.

Хушбахтона, соли 1999 Дафтари саҳроии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар шаҳри Бохтар лоиҳаи маро қабул намуд ва иброз намуд, ки дар ҳолати гирифтани иҷозатнома барои фаъолият дар харидории таҷҳизот ба мо мусоидат менамояд. Гирифтани иҷозатнома мушкилоти зиёд дошт. Раиси ҳамонвақтаи шаҳри Бохтар Сироҷиддин Валиев, сардори Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон Сафаралӣ Ҳалимов ва ҷонишини вазири нақлиёти ҷумҳурӣ Неъматулло Маҳмадалиев дар ин кор кӯмаки беандоза намуданд.

Махсусан, саҳми С. Валиев дар ташкили нахустин телевизиони мустақил зиёд аст. Маҳз ӯ барои фаъолияти телевизион бино ҷудо намуд ва ҳатто онро таъмир кард. Баъди гирифтани иҷозатнома Дафтари САҲА дар шаҳри Бохтар низ беҳтарин таҷҳизотҳои замонавии телевизиониро дастрас намуданд. Ҳамин тавр, аз соли 2000-ум телевизиони «Қӯрғонтеппа» ба фаъолият оғоз намуд» [158].

Ба мавҷ баромадани мо ҳам як қиссаи аҷоиб аст. Моҳи августи соли 2000-ум аллакай ҳамаи мушкилот паси сар гардиданд. Аввалин кормандони эҷоди ва техникиро ба кор ҷалб ва барои онҳо дарсҳои омӯзишӣ ташкил намудем. Бояд қайд намоям, ки на танҳо телевизиони мустақил «нахустин» буд, балки барои телевизион «нахустин» таҷҳизотҳои рақамии наворбардорӣ ва танзим харидорӣ гардида буданд. Мо мақсад доштем, ки фаъолияти кории худро моҳи октябр оғоз бахшем. Аввали моҳи сентябри соли 2000-ум раиси шаҳри Бохтар С. Валиев маро назди худ даъват намуд ва аз рафти омодагиҳо барои оғози фаъолият пурсон шуд. Баъди шунидани андешаҳои ман, каме андеша карду гуфт: «Агар то рӯзи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ ба эфир бароем, хуб мешуд. Ман хислати С. Валиевро медонистам, ки гап гардондану баҳс карданро хуш надошт ва шахси коргарро эҳтиром мекард.

Телевизион нозукӣ ва мушкилоти худро дорад. Таҳия ва омода намудани барномаҳо як тарафи масъала бошад, ба мавҷ баромадану пахши

он масъалаи дигар аст. Мо дар муддати 3 рӯз таҷҳизоти мавҷпахшкуниро васл кардем, санҷиш гузарондем ва як рӯз пеш аз ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 8 сентябри соли 2000-ум бори нахустин барномаҳои худро бо забони тоҷикӣ ва русӣ пахш намудем.

Ҳар як кормандро дар ёд дорам, хизмати онҳо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд. Онҳо сармуҳаррир Маҳмудҷон Ализода, журналист ва ровӣ Акбар Ниёзов, журналист ва ровии забони русӣ шодравон Мурод Сотиев, журналистон Мошариф Қурбонова, Зуҳро Саъдуллоева, ровиёни ҷавон Шоиста Сангинова, Насиба, Заррина, наворбардорону танзимгарон Маҳмуд Алиев, Зокир Зоиров, Манучеҳр Мирзоев, Бозор Водиев, Рустам Паливанов, Рамазон Одинаев мебошанд» [158].

Телевизиони мустақили «Қӯрғонтеппа»-ро дар ҳақиқат метавон мактаби таҷрибаомӯзии журналистон номид. Дар давоми 20 соли фаъолият ҷавонони зиёде дар ин мактаб таҷриба омӯхтаанду имрӯз соҳибкасбу соҳибҳунаранд. Ман ифтихор дорам, ки телевизиони мо тавонист шогирдони хубро тарбия намояд. Онҳо имрӯз устодони кори худанд. Кормандони шабакаи телевизионии «Тоҷикистон» Таваралӣ Соҳибназаров, Худойдод Рачабов, Суҳбатулло Юсупов, Ҷамшед Каримов, шабакаи «Сафина» Маҳмудҷон Ализода, Манучеҳр Мирзоев, Абдурозиқ Маҳмадшоев, Фотима Аббосова, Амонҷон Маҳкамов, рӯзноманигорон Ҷамолиддин Сайфиддинов, Баракатулло Валиев, Салоҳиддин Неъматов ва боз даҳҳо журналистони ҷавон таҷрибаи аввалини журналисти телевизионро дар мактаби телевизиони мустақили мо омӯхтаанд.

Айни замон, телевизиони «Қӯрғонтеппа» ба таври худмаблағгузорӣ фаъолият менамояд. Бо ширкатҳои мобилӣ, тиҷоратӣ, соҳибкорони инфиродӣ ҳамкорӣ доштем, молҳои онҳоро реклама мекардем ва аз ҳамин ҳисоб даромад мегирифтем. Дар баробари ин лоиҳаҳои гуногуни телевизионӣ пешниҳод намуда, амалӣ месохтем. Ду соли охир бо сабаби паҳншавии бемории сироятии коронавирус ва коҳиш ёфтани корҳои тиҷоратӣ дар ҳама самтҳо, низ ба мушкили рӯ ба рӯ гардид вазъияти молиявии телевизион каме коҳиш гашт ва маҷбур шудем, ки қисме аз

кормандонро ба истироҳат ва қисми дигарашро ба шабакаҳои дигар гузаронем.

Метавонем, ҳамкориро бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар яктарафа гӯем. Ҳамасола бо онҳо ба маблағи муайян шартномаи ҳамкорӣ ба имзо мерасонем, бо онҳо ҳамкорӣ мекунем, вале то охири сол ин маблаг пардохт намегардад» [158].

Ба саволи мухбир, ки ояндаи телевизиони мустақили «Қӯрғонтеппа»-ро чӣ гуна мебинед? У.Камолов чунин посух додааст: «Ба вазифаи раиси вилояти Хатлон таъйин шудани Қурбон Ҳакимзода дар ВАО-и вилоят таъғйиротҳои куллӣ ба назар мерасанд. Масалан, дар соли 2019 аз ҳисоби буҷаи вилоят ҷудо гардидани 750 ҳазор сомонӣ барои телевизиони вилояти Хатлон ва 250 ҳазор сомонӣ барои нуқтаҳои хабаргузории шабакаҳои ҷумҳуриявӣ дар вилоят, дар соли 2020 ҷудо гардидани 500 ҳазор сомонӣ барои дастгирии рӯзнома ва маҷаллаҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят табадуллоте буд дар соҳаи ВАО-и вилояти Хатлон. Ба моҳвора пайваст гардидани телевизиони «Хатлон» ва «Кӯлоб», пардохти 500 ҳазор сомонӣ ҳамасола барои истифодаи моҳвора аз ҳисоби буҷаи вилоят дастгирии раиси вилоят Қурбон Ҳакимзода барои кормандони телевизион ва мардуми вилоят буд. Умед дорем, ки раиси вилоят барои фаъол гардидани телевизиони мустақили «Қӯрғонтеппа» дар оянда дастгирӣ мекунанд” [158].

«Марҳилаҳои рушди ТВ «Қӯрғонтеппа»-ро муҳаққиқ Н. Маъмурзода шартан ба ду тақсим намудааст:

Марҳилаи якум – солҳои 2000-2006, ки дар ин солҳо ҳайати эҷодӣ аз даврахои бозомӯзӣ гузашта, барномаҳои телевизион батадриҷ шаклу сабки худро касб мекарданд. Бо мусоидати сармоягузорон ба ин телевизион таҷҳизоти сабту танзими рақамӣ харидорӣ гардид. Мутахассисони техникию эҷодӣ барои телевизион омӯзонида шуданд.

Марҳилаи дуюм – аз соли 2006 то имрӯз. Баъди он ки бо дастгирии Хазинаи байналхалқии Авруосиё соли 2006 мавҷпахшкунаки ТВ «Қӯрғонтеппа» пурқувват гардонда шуд, пахши барномаҳои он дар баробари шаҳри Қӯрғонтеппа, инчунин фазои иттилоотии шаҳри Сарбанд,

ноҳияҳои Бохтар, Вахш, қисман ноҳияҳои Колхозобод, Хуросон ва А. Ҷомиро фарогир шуд. Ҳамчунин, моҳи марти соли 2007 барои сохтмони бино ва манораи телевизиони «Қӯрғонтеппа» замин ҷудо гардид, ки ин имконият дод, то телевизион макони муайяни худро пайдо намуда, барои сохтмони бинои маъмурӣ ва беҳтар кардани шароиту имконияти корӣ фазои мусоид фароҳам шавад» [155].

Шоистаи зикр аст, ки матлабҳои нашрияҳо ҳам, ки ба муносибати идҳои касбӣ дар бораи чеҳраҳои барҷастаи шабакаҳои телевизионии минтақавӣ нашр мешаванд, барои таҳқиқи мо маводи хубе дода метавонанд. Масалан, матлаби пурмуҳтавое, ки дар бораи яке аз чеҳраҳои намоёни телевизиони вилоятии «Хатлон» Шералӣ Саид нашр шудааст, маводи хуберо пешниҳод мекунад, ки дар асоси он доир ба нақши ҳамгироии иҷтимоии телевизион ба натиҷаҳои муайян расидан имкон дорад [157].

«...Шералӣ Саид тӯли фаъолияти бисёрсолаи худ ҳама ҳастии худро ба касбу кор бахшидааст. Баъд аз кашмакашиҳои солҳои 90-ум мамлакат, бахусус вилояти Хатлон, ки маркази даргириҳо буд, ба мушкилоти зиёди иқтисодию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гашта, зиндагии мардум душвор шуд. Бар замми ин ҳамоно маҳалгароиву якдигарситезӣ ба назар расида, зуд-зуд миёни сокинони минтақаҳои гуногуни кишвар муноқишаву нофаҳмиҳо сар мезад. Дар он солҳо дастгоҳи бузурги идеологие лозим буд, ки мардумро ба сулҳу ваҳдат даъват намуда, ҳамзистии осоиштаю созандагию ободониро тарғиб намояд. Ҳамин тавр, бо ибтикори рӯшанфикрони давр ва қарори дахлдори ҳукумати вақт дар маркази вилоят телевизиони «Хатлон» таъсис ёфт, ки пешоҳангони он Боймурод Саидалиев, Сайдалӣ Бобохонов, Саид Барот, Амиршоҳи Хатлонӣ, Асалмоҳ Сафарова, Шералӣ Саид, Нуриддин Рачабов, Бобоҷон Зиёев, Ҳамро Салимов ва чанд нафари дигар буданд.

Шералӣ Саид соли 1993 тариқи озмун ба телевизиони «Хатлон» ба кор меояд ва аз нахустин рӯзҳои фаъолияти ин шабакаи телевизионӣ, ки баҳори соли 1994 ба фаъолият оғоз бахшида, то ба имрӯз ба ҳайси мухбир,

муҳаррир, муҳаррири калон, муҳаррири варзида, сармуҳаррир, ҷонишини сардори Идораи телевизион кор карда, ҳоло муҳаррири варзидаи телевизион мебошад. Дар ин миён як сол ӯ шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистонро дар вилоят намояндагӣ мекард [157].

- Он солҳо, ки дар вилоят телевизион падидаи нав буд, мардум ба фаъолияти мо таваҷҷуҳи зиёд доштанду журналистонро ниҳоят эҳтиром мекарданд. Нахустин наттоқони телевизиони вилоят Аловуддин Абдуллоев ва Зарина Маҳмадалиева буданд. Барномаҳои мо ҳамагӣ дар ҳаҷми 45 дақиқа ва баъдан, як соат тариқи ягона телевизиони умумиҷумҳуриявии онвақта пахш мешуд. Гузориши нахустини ман оид ба таъсиси ин шабака, сохтмони бинои он ва кормандони эҷодию техникии телевизиони «Хатлон» буд, ки ҳоло ба он 28 сол пур шуд. Дар ин давра ҳамеша бо мардум будем ва сазовори эҳтиромӣ онҳо гардидем, - иброз медорад Шералӣ Саид.

Ӯ аз оғози фаъолият то имрӯз асосан барномаҳое таҳия менамояд, ки дар онҳо ғояҳои ҳамзистию якдилӣ, созандагию бунёдкорӣ ва меҳнатдӯстию ватанпарварӣ тараннум мегарданд.«Вахдат- бақои миллат», «Файзи замин», «Замон ва иқтисод», «Забон- ҳастии миллат», «Соҳибватан» ва суҳбату мусоҳибаҳои гуногун аз барномаҳои муаллифии Шералӣ Саид дар телевизион мебошанд, ки бинандагони сершумор доранд. Журналисти собиқадор фаъолияти касбии худро дар мушкилтарин вазъи сиёсии кишвар, аз ҷумла, соли 1997 ҳангоми қасди табадулоти давлатӣ доштани бадхоҳон ҳам, бечунучаро иҷро намуда, ба халқу Ватан ва сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар содиқ монд...

Шералӣ Саид ҳамчун журналисти ҳирфаӣ беш аз 20 сол дар сафарҳои кории Роҳбари давлат ба вилояти Хатлон ҳамроҳ буда, тариқи тамоми шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ гузоришҳои ҷолиберо пешкаши тамошобинон мекард. Ҳоло ҳам ӯ сафарҳои кории раиси вилоят, ҷаласаҳои васеи ҳукумат, чорабиниву тантанаҳои калони вилоятиву ҷумҳуриявиро мунъакис мекунад. Барномаи таҳлилию танқидии «Имдод»-ро низ Шералӣ Саид пеш мебарад. Сокинон бо арзу шикоят ва мушкилоти гуногун ба

идораи телевизион муроҷиат мекунанд, ки пайгирии онҳоро ҳам дар аксар ҳолат ӯ боҷуръатона ба уҳда гирифта, ба дарди мардум малҳам мегардад.

Ба нақли Шералӣ Саид, чанд сол пеш аз ноҳияи Ҷайҳун ба идораи телевизион муроҷиати шаҳрвандон оид ба баҳси замин ворид гардид, ки дар он роҳбарони ду хоҷагии деҳқонӣ миёни ҳам баҳсу нофаҳмиҳо доштанд. Барои ҳалли ин масъала ба мақомоти зиёди давлатӣ муроҷиат карда, аз ҷумла, баҳси онҳо дар ду зинаи Суди олии иқтисодӣ ба манфиати як ҷониб ҳал шуда буд. Вақте ки ин мавзуъро Шералӣ Саид пайгирӣ намуда, фитаи барномаи таҳиянамудаашонро бо далелҳои нав ба Суди олии иқтисодӣ мерасонанд, ин баҳс ранги дигар гирифта, қазия ба манфиати ҷониби дигар ҳал шуд. Аз ин рӯ, худ қазоват кунед, ки то куҷо ВАО дар рушду пешрафти ҷомеа нақши муҳим мегузоранд, - таъкид мекунад рӯзноманигори варзида...» [157].

Дар моҳи июни соли 1992 ҷиҳати муқовимат дар ҷанги иттилоотӣ, ки аз ҷониби мухолифин ва ҳукумати оштии миллӣ созмон дода шуда буд, телевизиони Кӯлоб ташкил гардид.

Бо вуҷуди як қатор мушкилот телевизиони Кӯлоб ба кори худ оғоз намуд. Шумораи умумии кормандони ТВ «Кӯлоб» дар он давра 8 нафарро ташкил медод [159].

Соли 2002 бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба сохтори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардонида шуд.

Иқдоми мазкур боис шуд, ки кормандони телевизиони Кӯлоб барои фатҳи қуллаҳои нав муваффақият қадамҳои устувор гузоранд. Телевизион дар тӯли фаъолияти худ ба пешрафту дастовардҳо ноил гардидааст. Бо мақсади фаъолияти босамар ва вусъат ёфтан фазои иттилоотӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб бо дастгирӣ ва маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи истиқболи ҷашни 2700–солагии Кӯлоб бинои телевизиони Кӯлоб бо тарҳи замонавӣ сохта шуд.

Ҳамчунин, бо дастгирии Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асадуллои Раҳмон телевизиони Кӯлоб бо

таҷҳизотҳои муосир, аз он ҷумла, таҷҳизоти мавҷпахшкунандаи иқтидораш пурқувват ва нақлиёт таъмин гардид.

Теъдоди кормандони телевизион соли 2002 ба 30 нафар мерасид ва имрӯз шумораи онҳо ба беш аз 70 нафар мерасад. Маҳдудаи шабонарӯзии пахши барномаҳои телевизион аз аввали соли 2014 тавассути таҷҳизоти рақамӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб ба 16 соат мерасад.

Тариқи телевизион барномаҳои гуногуни иттилоотӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ таҳия ва омода мегардад, ки номгӯи он барномаҳо ба тариқи зайл аст: Ахбор, Ҳафта, Дастовард, Кишоварз, Чеҳраи ҳунар, Касбам ифтихори ман аст, Вахдат бақои миллат, Зан ва ҷомеа, Рангоранг, Мусоҳиба, Авроқи зиндагӣ, Субҳ, Таронаҳои дархостӣ, Инсон ва қонун, Қонун ва тартибот, Инсон ва табиат, Оила, Завқ, Дурахши истиқлол, Пайки истиқлол, Ганҷина, Тандурустӣ, Ҳамсол, Варзиш, Меҳрпайванд, Дурахши ситораҳо, Ёде аз бузургон, Шамъи хотира, Ҷавонон ва ҷомеа, Илҳоми шоир, Дар суҳбати адиб, Бахтномаи миллат, Сабақи маънавӣ, Ҳунарманд, Маърифат, Шабоҳанг, Сайри таърих, Таърих гувоҳ аст, Ҳидоят, Забон пояи миллат, Боғдорӣ, Истеъдод, Зеркала историй, Ҷомеа ва иқтисод, Минбари Ҳукумат, Ҳадяи дил, Шоҳномахонӣ, Нигориши матбуот, Андешаҳо, Вақт, Сарбози ватан, Самари умр, Маданияти шаҳрдорӣ, Маърифати комил, Ватандорӣ, Таронаҳо, Пульс Кулябского региона, Ҳомиёни Ватан, Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ, Наворҳои гӯё, Анвори дониш, Пирони кӯҳистони Хатлон, Об манбаи ҳаёт, Чароғаки раҳнамо, Маъюбӣ - маризӣ нест, Маориф, Омӯзгор, Некӣ ва накӯкорӣ, Шаҳрсозӣ, Муқаддасоти миллӣ ва шоу- барномаҳои Муошират, Афкор, Мунозира, Ҳамадон, Чӣ бояд кард? ва Таҳлил [159].

Фаъолияти ҳаррӯзаи телевизиони Кӯлоб аз рӯи нақшаи ҷадвали пахши барномаҳо ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ гардидани самтҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, иҷрои талаботҳои Қонуну Қарорҳои амалкунанда ва Қарорҳои Мушовараи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, дар

тарғиби сиёсати имрӯзаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон ва тарбияи маънавии аҳолӣ дар вилояти Хатлон нақши босазо дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо дарназардошти иқтидор ва имкониятҳои мавҷпахшкунандаҳои телевизионии маҳаллӣ шумораи тамошобинони телевизиони минтақавӣ дар ҷануби Тоҷикистон чунин аст:

Ҷадвали 1.

№	Шабака	Шаҳр / ноҳия	Аудитория
1.	ТВ «Кӯлоб»	Кӯлоб	200.000
2.	КТР «Қӯрғонтеппа»	Қӯрғонтеппа	250.000
3.	ТВ «Мавҷи озод»	Восеъ	250.000
4.	ТВ «Хатлон»	Қӯрғонтеппа	1,4-1,9 млн.
5.	Радиои «Хатлон»	Қӯрғонтеппа	130.000

Ҷадвали 2. Рушди соҳаи иҷтимоӣ

(Омори шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии дастгоҳи раиси Раиси вилояти Хатлон) Т
Телевизион ва радиошунавонӣ

№	Нишондиҳанда	Баҳо-гузо-рӣ	С. 2013	Имконот с. дурнамо		С. 2016 бо % нисбат ба с.2 012	
				2014	2015	2016	
1.	Телевизион ва радиошунавонӣ (ҳамаи шабакаҳо)	10	10	10	15	15	150
2.	Теъдоди радиошунавонӣ дар шабонарӯз (соат)	81, 45	81,45	81,45	120	120	149
3.	Аз ҷумла, расонаҳои ҷумҳуриявӣ (соат) 16 соат	80	80	80	120	120	149
4.	Аз ҷумла, ҷумҳу-риявӣ, 19, 5 соат	90	90	90	120	120	133
5.	Фоизи фарогирии радиошунавонӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ (%)	78	78	78	120	120	153,8
6.		94	94,5	94,6	95	95,5	101,7

7.	Миқдори мавҷ-пахшкунандаҳои радиоӣ (воҳид)	26	27	30	33	35	134,6
8.	Миқдори мавҷ-пахшкунандаҳои телевизион	147	149	152	155	156	106,1

Ҷадвали 3.

Шохиси барномаҳои телевизиони «Қӯрғонтеппа»

Вақт /рӯз	душанбе	сешанбе	Чоршанбе	Панҷшанбе	ҷумъа	шанбе	якшанбе
19:00	Оғози барномаҳо, анонс						
19:05	Сисилафилм (сериал)						
19:50	Олами кӯдакон						
20:15	«Зодрӯз муборак», эълонҳо, реклама						
20:30	Барномаи иттилоотӣ						
20:45	Сирри зебоӣ	Мизи мудаввар	Афкор	Ғунчаҳо	Мизи мудав-вар	Гулбоғи адаб	Лаҳзаи илҳом
21:15	Танаффус (бойгонии барномаҳои дохилӣ, филми ҳуҷҷатӣ, лаҳзаи мусиқӣ, эълонҳо, реклама, аз телевизиони «Қӯргонтеппа» ва ғ..						
21:45	Барномаи иттилоотӣ (такрор)						
22:00	Лаҳзаҳои фароғат (лаҳзаи дилхушӣ)						
22:15	Филми бадеӣ						
23:45	Клип-концерт, реклама. Анҷоми барномаҳо						

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти телевизион дар самти барномаҳои фароғатӣ бештар иқдом кард. дилхушӣ. Сабабҳои ин ҷараён гуногун буданд, аз ҷумла, яке аз омилҳо ин сирри иқтисодӣ мебошад, ки зеро тавассути он даромади хуб аз ҳисоби истифодаи механизми реклама ба даст даровардан мумкин буд. Ҳамзамон, реклама реклама дар муайян кардани нарх ва зам гардидани буҷҷаи телевизион хеле муҳим буд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи ҷойгир намудани реклама ва таблиғ дар дохили барномаҳо, на миёни

танаффуси байни онҳо роҳандозӣ гардид, ки ҳадаф ҷалби тамошобин буд, бахусу онҳое, ки таблиғро хуш надоштанд.

Ин механизми иқтисодӣ ба муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти телевизион мусоидат намуд.

Ҷадвали 4.

№	Навъи барномаҳои ТВ «Сафина»	% вақт дар шохиси барномаҳои ТВ «Сафина»
1	Сисилафилмҳо	18,6%
2	Фароғату дилхушӣ. Кинофилмҳо	18,4%
3	Барномаҳои фароғатӣ.	16,0%
4	Нашри ахбор	14,5%
5	Анимация.Ташаккул	8,6%
6	Барномаҳои мусиқӣ ва фароғатӣ	6,3%
7	Барномаҳои зеҳнӣ.	3,8%
8	Барномаҳои варзишӣ. Маърифат	3,5%
9	Барномаҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ. Фароғат.	3,4%
10	Барномаҳои бачагона. Иттилоотонӣ.	0,1%
11	Фарҳангӣ- маърифатӣ. Дигар барномаҳо	6,8%

Хусусияти иттилоотӣ, дар нашри ахбор (14,5%) ва барномаҳои иҷтимоӣ-сиесӣ (3,4%), ки 17,9% вақти пахшрро дар бар мегирад, ва хусусияти маърифатомӯзӣ, ки ба он барномаҳои маърифатӣ дар таснифи ТНС (3,8 фоиз) ва барномаҳо барои кӯдакон (0,1%), дар маҷмуъ, танҳо 3,9% эфирро ташкил медиҳанд.

Албатта, ин хеле арзёбии носаҳеҳ аст, ва низ рақамҳои нишондодашуда ҳам шартӣ мебошанд. Масалан, на ҳама филмҳо як рамзи ҷолиб доранд, инчунин ғайр аз барномаҳои мусиқӣ, боз барномаҳои консертии касбӣ, ки чандон муҳтавои вақтхушӣ надоранд. Вале бояд мутмаин шуд, ки сабти плёнкагии консертҳо ва мусиқии

классикӣ дар телевизионҳои маҳалӣ хеле камёфту нодир аст. Аммо вазифаи мо, шарҳ додани вазъияти феълии телевизионҳо мебошанд.

Ҳамин тавр, ҷаҳиши бонизому функсионалӣ дар сатҳи макроиҷтимоӣ ва маънавии рушд, тағйирпазири мазмуну мундариҷаи фаъолияти телевизионро муайян намуд. Дар ин росто, ҷолиб он аст, ки сифати барномаҳои соддаву каммазмун дар навбати аввал, ба самти таълиму тадрис, иттилооти саҳеҳу дақиқ, ҷалби бештари тамошобинон равона гардида, тавассути паҳн кардани реклама шумораи ҳаводорони телевизион зиёд гардид.

Таблиғ ва ё реклама ба он мусоидат намуд, ки телевизионҳои мустақилу давлатӣ ҳамзамон бо шавқовару пурмазмун гардонидани барномаҳо, ки дар онҳо хусусияти иҷтимоӣ бештар ҷой дода мешуд, аудиторияи фарохтареро соҳиб шаванд. Дар натиҷа, чунин ба назар мерасад, ки телевизиони тоҷик ба вазъи начандон хуби барномасозӣ дучор омад, зеро, ки вазифаи асосии он тавассути барномаҳои маърифатию иттилоотӣ, илмию ҷамъиятӣ таъсир расондан ба афкори аҳолӣ, акнун ба пахшу нашри реклама ва барномаҳои фароғатӣ иваз гардид. Яъне барномаҳои дилхушию фароғатӣ ҷои барномаҳои илмию фарҳангӣ ва маърифатиро танг карданд, ҳарчанд барои ин барномаҳо дар шохиси пахши телевизион ҳаҷми бештари вақт ҷудо гардидааст.

Аз ин бармеояд, ки механизмҳои классикии вазифаҳои телевизион ва пахши барномаҳо таҷдиди назар карда шаванд. Фаҳмидан мушкил нест, ки роҳҳои оддии ҷалби тамошобинон бояд на аз роҳи изофаборҳои таблиғӣ набошанд, зеро чунин тарзи пахши барномаҳо ба коҳиш ёфтани завқи тамошобин оварда мерасонад ва як ҳолати таҳқиромезро ба вуҷуд оварда, яке аз сабабҳои поймол кардани ҳуқуқи тамошобин низ фаҳмида мешавад.

Имрӯз шабакаҳои телевизионӣ дар муборизаи шадиди рақобатӣ барои тамошобин қарор доранд ва рақобат танҳо "коҳишёбиро" ба тамоюли манфӣ тақвият медиҳад ва ҳар як шабака манфиатдор аз он аст,

ки қоидаҳои худро ҷорӣ кунад, ба барномаҳои худ афзалият бахшад, то ки дар ин рақобат дастболо бошад. Ба ин хотир ҳар як телевизион дастовардҳои рақибонро пайваста назорат мекунад ва пас аз дарёфти намоиши беҳтару хубтаре, дар пайравӣ мехоҳад як чизи аз он ҳам шоистатаре омода созад. Вобаста ба ин, кормандони телевизион кӯшиш мекунанд, ки ноҷуриҳои шабакаи худро давра ба давра бартараф созанд. Аммо, аз сӯи дигар, вокуниши ҷомеа вуҷуд дорад. Шаҳрвандон, пеш аз ҳама волидон, ҷомеаҳои волидайн, бобою бибӣ, ба навиштани нома шурӯъ мекунанд ё бо ҳайати эҷодии шабакаҳои телевизионӣ, бо мақомоти гуногуни давлатӣ бо талаботи қатъиян нишон надодани саҳнаҳои зӯроварӣ, инъикоси рафторҳои номатлуб тавассути филмҳо ва он шеваи ахлоқе, ки ба хоси ҷомеаи тоҷик нестанд ва онро, бахусус кӯдакон тамошо мекунад, тамос мегиранд.

Аввалин бӯҳрон дар телевизиони тоҷик дар солҳои 1992-1997 замони кишвар ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқуъ пайваст.

Ҳамин тавр, фирору зӯроварӣ ба телевизион ба манфиати нерӯҳои оппозитсионӣ, эътирозҳои мазҳабӣ ва маҳалгароӣ ба воситаи мақомоти давлатӣ, тавассути муроҷиат ба аҳли ҷомеа, ташкилотҳои оид ба ҳуқуқи инсон, тавассути талаб кардан аз судҳо, прокуратура ва мақомоти назорати риояи қонунгузории дар Тоҷикистон рӯз аз рӯз зиёдтар мешуд.

Вале бо вуҷуди ин, фаҳм, ки ба раванди "ҷалби тамошобин"-и телевизион барои ба даст овардани фоида ҳадду ҳудуди манфиати ҷамъиятиро убур мекард.

Зери фишор, одатан ташаббусҳо ва қонунҳои нонавишта, вале барои иддае дастрас, ки ба кори телевизион мушкилӣ эҷод мекарданд, қабул мешуданд.

Вақт ва низоми кор нишон медиҳад, ки агар ягон зерсохтори иҷтимоӣ дар худтанзимкунӣ қодир ва дар фаъолияташ мустақил нест, ки бо чунин вазъ телевизион ҳам дар Тоҷикистон дучор шуда буд, зарурати

"идоракунии беруна" ба воситаи ба амал баровардани муқаррароти ғайриқонунӣ ногузир мешавад.

Аз нимаи соли 2000 фазои Тоҷикистонро интернет фаро гирифт ва мавҷи норизоят аз телевизионро ба вуҷуд овард. Кофӣ буд, ки дар ягон системаи ҷустуҷӯии калимаи "телевизион" бо иловаи калимаи ҳангомаҷӯёнае (масалан, " телевизиони бад" "телевизиони нолозим"), ворид карда шавад, интернет даҳҳо, ҳатто садҳо, чунин ибораҳо пайдо мешаванд. Веб-сомонаҳое буданд, ки истифодабарандагон ба телевизионҳои Тоҷикистон маводи нимтайёр, хабарҳо, расмҳо, видеоҳо низ пешкаш мекарданд.

Ин ҷо, ёдрас намудани як нуқтаи муҳим, ки интернет як манбаи муҳими дастрасии умум аст, мувофиқи мақсад мебошад. Агар мактубҳои алоҳидаи шаҳрвандон ҳамчун шакли муошират, ки дар он ду се нафар – муаллифи мактуб ва корманди телевизион, бо хондани он ба ҳолати бад ё хуб мувоҷеҳ шаванд – (вақте ки корманди телевизион ин мактубро мутолиа накарда ба сабади коғазпартоӣ мепартояд), пас танҳо барои муаллифи мактуб ин ҳолат муносибати дигареро дар самти дастрасӣ ба телевизион ба вуҷуд меорад.

Шумораи иштирокчиёни барнома зимни сабт ва баромадҳо хеле зиёд буд. Ба ин монанд, ки чӣ тавр дар Интернет мулоҳизаҳои тамошобинонро сарфи назар кардан мушкил мегардад.

Таваҷҷӯҳи хосаро, ба андешаи мо, пешниҳоди видеоии ҳолати эътироз, бозгӯи муносибати манфӣ ба телевизион дар шакли карикатура, расмҳо, сабтҳои видеоӣ ва аксҳо ба вуҷуд меоранд.

Аз соли 2005 дар соли 2011 давраи пастравӣ и камшавии теъдоди тамашобини телевизион ба мушоҳида мерасид. Ба сифати муайянкунандаи пахши шабонарӯзӣ бо фоиз, як дақиқа дар як рӯз, ба ҳисоби миёна соле баъд, ба 68,2 соли 2005, дар соли 2011 аз 57 то 45% расид.

Агар ин фарзияро дар қиёс бо фарогирии ҳамаи аҳолии кишвар қабул кунем, пас фоизи бадастомада баробар ба фарогирии 60 ҳазор нафар дар баробар аст. Ин дар ҳолест, ки давоми ҳафт сол шумораи аҳолии муштариёни телевизион дар Тоҷикистон то 140 ҳазор нафар коҳиш ёфтааст.

Дар ин зимн ақидае роиҷ гардид, ки гӯё насли ҷавон аз телевизион дида, бештар ба интернет майл мекунанд. Аммо, таҳлилҳои муфассал имкон доданд, то мушкилоти аз ин бештареро бинем.

Таҳлили тамоюли мазкур дар гурӯҳҳои гуногуни синну солӣ ба он хулоса водор мекунад, ки коҳиш ёфтани теъдоди тамошобинони телевизион давоми рӯз ва як шабонарӯз , на фақат хоси аудиторияи ҷавонон, балки дар байни ҳамаи синну сол вуҷуд дорад.

Ҳамин тавр, дар соли 2005 пастравӣ дар гурӯҳи аз 58 то 63 сола аз 78, 2% то 66, дар соли 2011 то 7% ба мушоҳида мерасад. Дар гурӯҳи то 63 сола инчунин аз ин ҳам калонсолон ҳам дар ҳамин давра аз 84, 6% то 84,6% фоиз кам шудааст. Аз ҳама сатҳи коҳишёбии қавӣ дар гурӯҳҳои аз 16 то 24- аз 74,2% то 56,2% мебошад.

Тибқи тадқиқотҳои сотсиологӣ сабаби асосии аз телевизион дур шудани тамошобинон: набудани вақт, (“вақт надоштан”, вақти тамошо надоштан”, зарурӣ набудан ва барномаҳои каммазмун арзёбӣ мешавад Интернет ҳам яке аз омилҳои дур шудан аз тамошои телевизион мебошад, вале на ба таври назарраст.

Вале чӣ дар асл маънои онро дорад, ки "Ҳеҷ гоҳ вақти тамошо надорем"? Ин маънои онро дорад, ки эътимод ба телевизиони замоне хеле баланд, акнун на он қадар зиёд аст. Агар касе гӯяд, ки ӯ дар асл вақти тамошо надорад, аммо ба коре хеле зарурӣ машғул аст, ки дар ҳақиқат муҳим аст, масалан, бо корҳои бемаблағ ва машғулияти нодаркор, дар воқеъ, барояш кори муҳиме мебошад.

Ҷадвали 5.

№	*Сабабҳое, ки тоҷикистониён телевизион тамошо намекунанд.*	*Фоизи онҳое, ки телевизор тамошо намекунанд.*
2	Вақт надорам.	36,0%
3	Телевизорамон кор намекунад.	25,9%
4	Чизе мақбулу тамошобоб нест.	18,6%
5	Интернет дорем.	11,9%
6	Дигар сабаб	7,7%
7	Дар ҷавоб додан мушкилӣ мекашам	3,2%

ТВ–и даснорас натиҷаи нобарорбарии иҷтимоист, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон то ба имрӯз вуҷуд дорад. Бисёр одамон сатҳи пасти даромад доранд ва телевизиони наву куҳнаро харидорӣ кардан надоранд.

Муҳаққиқ Н. Маъмурзода яке аз муҳаққиқони дақиқназарест, ки доир ба мавзуъ ва масъалаи мавриди назари мо мақолаи муфассале навиштааст, ки истинод ба он раванди баррасиҳои моро тақвият мебахшад [155].

Тавре ӯ менависад, телевизион яке аз дастгоҳҳои муқтадири иттилоотӣ буда, ба он ҳад амиқ вориди зиндагии мардум гардидааст, ки ҳаётро бидуни он тасаввур кардан мушкил аст. Он дар баробари иҷрои вазифаи хабаррасонӣ, ҳамчунин ба ҳайси пули иртиботи ҳукумат бо мардум, минбари боэътимоди табодули афкор, василаи омӯзишу парвариш, саргармӣ, ташаккулдиҳандаи ҷомеаи мардумсолорӣ шинохта шудааст.

Ба назари ӯ, тайи ду даҳсолаи охир дунёи телевизион, хоса техника ва технологияи телевизионӣ, хеле рушд карда, стандартҳои баланди кор дар тележурналистика муқаррар шудаанд. Бо афзудани шумораи шабакаҳои телевизионӣ, фароҳам омадани дастрасӣ ба антеннаҳои моҳворай, ба миён омадани пахши рақамӣ ва телевизионҳои интернетӣ доираи интихоби тамошогарон низ тавсеа ёфт ва ин ҳол ҳайатҳои эҷодии телевизионҳоро водор кардааст, ки барои беҳсозии сифату муҳтавои барномаҳо ва ҷалб намудани аудиторияи муайян талоши зиёд ба харҷ диҳанд. Ӯ менависад, ки имрӯзҳо доир ба вазъи расонаҳои электронӣ, бахусус телевизионҳои маҳаллию вилоятии Тоҷикистон, баҳсу баррасиҳои зиёде сурат мегиранд.

Албатта, андешаҳо гуногунанд: агар гурӯҳе муҳтаво, дизайн, гуногунжанрии мавод, риоя нашудани стандартҳои байналмилалии журналистиро дар кори ВАО-и маҳаллии электронӣ ба танқид кашанд, гурӯҳи дигар бо дарназардошти имкониятҳои маҳдуди фаннӣ, кадрӣ ва молиявӣ фаъолият намудани телевизиону радиоро дар шароити музофот қобили дастгирӣ меноманд.

Мо низ ба ин нуктаи назари ӯ мувофиқем, ки дар шароити музофот мавҷуд будани шабакаҳои телевизионӣ мувофиқи мақсад аст, зеро аз нигоҳи равонӣ, барои сокинони минтақа таъсири хуб мегузорад, чун шабакаҳо ба фаъолияти минтақа таваҷҷуҳ доранд, табиист, ки бо намояндагони қишрҳои гуногуни маҳал сару кор мегиранд. Ин ҷиҳат сабаби ҳамгироии иҷтимоии бевоситаи шаҳрвандон шуда метавонад. Таҷрибаи шабакаҳои телевизионӣ низ ин андешаро собит менамояд.

2.2. Тавсифи хусусиятҳои барномаҳои телевизионӣ

Муҳаққиқони тоҷик ҳам ҷой доштани радиову телевизионҳои маҳаллиро дар кишвари мо анъанаи нав намеҳисобанд. Онҳо ба ин назар ҳастанд, ки аз солҳои аввали замони истиқлол то ба имрӯз таҳаввулоту таҷдиди комиле дар ин соҳа ба вуҷуд омадааст ва омӯзиши он дар самтҳое аз қабили таърихи гузаштаву муосир, доираҳои имкону фарогирӣ, сатҳи завқу ҳунару салиқаи журналистӣ ва истифода аз васоиту имконоти навини техникаи электронӣ талаботи рӯз ба ҳисоб рафта метавонад.

Омӯзиши таърихи телевизион нишон медиҳад, ки нооромиҳои дар соли 1992 сарзада, ҷанги иттилоотӣ алайҳи ҷонибдорони ҳукумати конституцсионӣ ва қатъи пахши барномаҳои телевизиони марказии Тоҷикистон ба таъсиси шабакаҳои маҳаллии телевизион аввал дар ҳудуди вилояти Кӯлоб ва дертар дар Қӯрғонтеппа сабаб шудааст. Муҳаққиқ Иброҳим Усмонов менависад, ки баъди 5-уми майи соли 1992 идора ва назорати Телевизион ва радиои ба ном мардумии Тоҷикистон ба дасти гурӯҳи мусаллаҳе гузашт ва он агар мақбул набошад, ҳукуматро низ ба инобат намегирифт. «Базудӣ стереотип будани намоишҳо, фикри омма не, фикри гурӯҳи муайян будани «афкори омма»-е, ки Телевизиони мардумии Тоҷикистон баён мекард, ошкор гардид. Маҳз дар ҳамин давра таъсир ва эътибордории телевизион ва радиои Тоҷикистон аввал ба камшавӣ сар кард ва баъд нест шуд» [129, 160-161].

Қатъи пахши барномаҳои телевизиони марказии Тоҷикистон дар қаламрави вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа пас аз тасарруфи тақвиятдиҳандаҳои Тошработ ва Гулистон дар ноҳияҳои Вахш ва Ҷалолиддини Румӣ аз сӯйи неруҳои пуштибони ҳукумати қонунӣ сурат гирифт.

«Сентябри соли 1991-декабри соли 1992. Дар ин давра озодии сухан хеле доманадор буда, ҳатто ба ҳадди анархия мерасид. Сабаби аслии он адами ҳукумат, шуруи муқовимати сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар ин давра ҳатто матбуоти давлатӣ зидди давлат баромад мекард» [155].

Моҳи июни соли 1992 маҳз ба хотири муқобилият нишон додан дар ҷанги иттилоотие, ки оппозитсия ва ҳукумати мусолиҳаи миллӣ (аз ҷумла тариқи шабакаҳои марказии телевизион ва радио) барпо карда буданд, телевизиони Кӯлоб таъсис дода шуд.

Бо вуҷуди мушкилоти фаннӣ, молиявӣ, кадрӣ ва амниятӣ, бо ибтикори гурӯҳи ҳаваскорон Абдусалом Утаганов, Сайфулло ва Саид Холовҳо, котиби дуюми кумитаи комсомолии Кӯлоб Сафаралӣ Эргашев, журналист Давлаталӣ Раҳмоналиев (хабарнигори маъруфи маҳаллӣ, ки дар солҳои 90-ум кушта шуд), ҳунарманди касбӣ Абдураҳим Исмоилов ва дигарон телевизиони Кӯлоб ба фаъолият оғоз кард.

Бо пахши гузоришу мусоҳибаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, инъикоси ҷараён ва манзараҳои ҷанги шаҳрвандӣ, пайомадҳои ногувори он, маросимҳои ёдбуд, инчунин филмҳои ҳиндию амрикоӣ, намоишномаҳои театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Сайидалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар муддати кӯтоҳ телевизиони Кӯлоб ҳаводорони зиёде пайдо намуд. Барномаҳои телевизиони Кӯлобро дар замони ҷанги шаҳрвандӣ натанҳо дар минтақа (дар навоҳии Ховалингу Муъминобод тавассути канали метрӣ - МВ), балки дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва навоҳии атрофи он низ (дар шаҳру навоҳии дигари вилоят онро ба воситаи каналҳои детсиметрӣ – ДМВ пахш мекарданд) тамошо кардан имконпазир буд.

Ҳақназар Ғоиб, Шоири халқии Тоҷикистон, сармуҳаррири нашрияи «Навиди Кӯлоб», он рӯзҳоро ба хотир оварда, дар мақолааш бахшида ба 10-солагии таъсисёбии «Телевизиони Кӯлоб» чунин навиштааст: «Телевизиони Кӯлоб фарзанди замони наву талоши нав аст. Воқеан, он як падидаи нави рӯзгори маънавии мо набзи пурҳарорати ҳаёти фарҳангии мост. Телевизиони Кӯлоб дар мушкилтарин рӯзҳои халқу Ватан арзи ҳастӣ намуд, овоз боло кард. Овозе, ки аз дили мо ҳамсадоӣ ёфт. Овозе, ки моро ба ҷонибдории Ҳукумати конституцсионӣ даъват кард ва ин овоз аз ниҳоди ҳазорон ҳазор ватандӯстон акси садо дод. Овозе, ки барои давлати тозабунёди тоҷик такягоҳ овард, балки худ низ бо қудрати маънавию рӯҳӣ ба он такягоҳ гардид» [155].

Воқеан ҳам, тавре аз суханони табрикотӣ ба муносибати ҷашнҳои таъсисёбии ин шабака бармеояд, телевизиони «Кӯлоб» беҳтарин намунаи нақши муҳиму барҷастаи телевизион дар ҳамгироии сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаро дар солҳои аввали фаъолияти худ нишон дода буд.

Пас аз муттаҳид гардидани вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа дар охири соли 1992, барои пуррасозии фазои иттилоотӣ, дастрасии саривақтии сокинони бузургтарин вилояти кишвар ба ахбор ва мусоидат ба хатми оташи ҷангу тарғиби сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ зарурати таъсиси як телевизиони вилоятӣ ба миён омад. Тибқи қарори ҳукумат мебоист, ки нахустбарномаи телевизиони Хатлон моҳи сентябри соли 1993 ба эфир барояд, аммо ба сабаби тул кашидани сохтмони бинои телевизион он то моҳи марти соли 1994 ба таъхир афтод. Бо сохта шудани қисмати аввали бинои телевизион ва дастрас кардани аввалин таҷҳизот 25 марти соли 1994 барномаи якумини ТВ «Хатлон» бо мусоҳибаи рӯҳонии маъруф эшони Сорбонхӯҷа пахш гардид. Фотеҳаи неки донишманди ислом Сорбонхӯҷа Маҳмудов, намоиши оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, мавзеи Чилучорчашма, корхонаҳои саноатӣ, мактабу муассисаҳои тиббӣ, кишоварзӣ, сурудҳои дилнишини ватандорӣ, паёми шодбошии ҳамватанон нахустбарномаи телевизиони Хатлонро диданию тамошобоб гардонида буд.

«Нахустин раиси кумитаи телевизиони вилоят Боймурод Сайдалиев таъин шуда буд, ки таҷрибаи роҳбарии радиои Фронти халқиро дар соли 1992 дошт. Аввалин сармуҳаррири телевизион журналисти ботаҷриба Саидалӣ Бобохонов, аввалин саркоргардон Бобоҷон Зиёев, аввалин сармуҳандис Султон Мирмадов, нахустин ровиён Заррина Маҳмадалиева ва Аловуддин Абдуллоев, аввалин журналистон Саид Барот, Амиршо Раҳимов, Сафаралӣ Эргашев, Гурез Қосимов, Асалмо Сафарова, Умар Камолов, Ҳамро Салимов, Ҷумъагул Мирзоева, наворбардорон Зубайдулло Қодиров, Қобилҷон Ширинов, Хуршед Сафаров, Нуриддин Рачабов буданд. Дар баробари роҳандозии кори телевизион дар ҳайати он дастаи ҳунарие низ бо сарварии овозхони маъруф Ҳабибулло Беков таъсис

дода шуд, аммо пас аз он ки кумитаи телевизион ва радио муддате ба тобеияти вазорати фарҳанг гузашт, ин даста аз фаъолият бозмонд».

Б. Сайдалиев дар яке аз мусоҳибаҳои матбуотиаш доир ба зарурати таъсиси телевизиони вилоятӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа чунин гуфтааст: «Таъсиси телевизион аз он ҷиҳат зарур буд, ки дар баргардонидани зиёда аз 650 ҳазор гуреза, барқарор сохтани харобаҳо, инъикоси дӯстӣ, бародарӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ журналистони он хизмат намоянд. Аввалин барномаҳо аз заҳмати барқарорсозони харобаҳо, рӯ ҷониби зиндагии солим ва замини файзбахш овардани ҳамватанон қисса мекарданд» [155].

Дар оғоз барномаҳои телевизиони Хатлон ҳафтае се маротиба – рӯзҳои душанбе, чоршанбе ва ҷумъа – аз тариқи мавҷи телевизиони марказии Тоҷикистон пахш мегардид. Барномаҳои ТВ «Хатлон» дар ҳаҷми 45 дақиқа дар миёнаи нашрҳои шомгоҳии «Ахбор»-и ТВТ ба забони русӣ ва тоҷикӣ, яъне аз соати 19:45 то 20:30, ба эфир мебаромаданд. Яъне ТВ «Хатлон» дар як ҳафта 2 соату 15 дақиқа барнома таҳия мекард. Ба ҷуз ин, рӯзҳои чоршанбе барномаи телевизиони Хатлон бо номи «Корвон аз Хуталон» тариқи шабакаи марказии телевизиони Тоҷикистон барои саросари кишвар намоиш дода мешуд. Ин барои журналистони ТВ «Хатлон» санҷиш ва имтиҳони ҷиддӣ буд, зеро ба кори телевизион асосан мутахассисони соҳаи матбуот ҷалб шуда буданд ва журналистони касбии соҳаи телевизион намерасиданд. С. Бобохонов, нахустин сармуҳаррири ТВ «Хатлон», навиштааст, ки бинобар таҷрибаи кофии кор дар ҷодаи телевизион надоштани ҳайати эҷодӣ, ҳарчанд онҳо мавзӯъҳои муҳимро пайдо мекарданду хуб масъалагузорӣ менамуданд, дар маводашон маҳорати коргардонӣ ба чашм намерасид. Баъзан барномаҳо яъне аз нигоҳи коргардонӣ урён пешниҳоди бинандаҳо мешуданд.

Бо вуҷуди ин, қисмати асосии барномаҳо дар қолаби жанрҳои иттилоотию публитсистӣ, бахусус репортаж аз маҳалли рӯйдод, омода мешуданд. Бо дарназардошти маҳдуд будани дастрасӣ ба иттилооти сареҳу саривақтӣ дар он солҳо барномаҳои хабарии ТВ «Хатлон» ҳаводори зиёд доштанд [155].

Журналистони телевизион Асалмо Сафарова, Зубайдулло Қодиров аз нуқтаҳои даргири вилоят сужетҳо омода ва пахш мекарданд ва дар ҷараёни анҷом додани рисолати касбии худ ҷароҳат ҳам бардошта буданд. И. Атовуллоев ва Б. Сайдалиев дар китоби худ «Фотеҳи қуллаи армон» дар бораи ҷасорати журналисти телевизиони Хатлон Асалмо Сафарова қайдҳо карда, аз ҷумла ба ёд овардаанд, ки соли 1996 мусоҳибаи журналист Асалмо Сафарова бо Нуриддин Саидов, бародари калонии Сайид Абдуллоҳи Нурӣ (роҳбари ИНОТ), дар телевизиони вилояти Хатлон ҷиҳати ҳарчи зудтар ба имзо расонидани созишномаи сулҳ, оташбас ва ба Ватан баргардонидани гурезаҳо аз хориҷи кишвар намоиш дода шуд. Нуриддин Саидов дар баромадаш қайд намуд, ки имрӯз барои Тоҷикистон сулҳ ва дӯстони беғарази бузург лозим аст. «Сарваре лозим аст, ки халкро сарҷамъу муттаҳид кунад, сулҳофар, ваҳдатофар бошад. Тоҷикон ин гуна роҳбар доранд. Ин фарзанди нерӯманди миллат, оқилу доно Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ҷонашро ба гарав монда, дар талоши сулҳу саодатмандии мардум мебошад», - зикр кард Н. Саидов дар мусоҳиба бо телевизиони Хатлон, ки баъдан ин барномаро телевизиони марказии Тоҷикистон низ ду маротиба намоиш дод [155].

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари телевизиони давлатии Хатлон телевизионҳои он замон ғайриҳукуматии Кӯлоб ва «Мавҷи озод»-и ноҳияи Восеъ низ бо нашри барномаҳои вижа талош мекарданд, ки дар роҳи ҳарчи зудтар барқарор гардидани ҳаёти осоишта, эҳёи иқтисодиёти харобгашта, фарҳангу маърифати косташуда, аз нав ба фаъолият пардохтани корхонаю муассисаҳо, аз дилҳо зудудани кинаю адоват ва ба зиндагии осудаҳолона баргаштани фирориён саҳмгузор бошанд.

Дар баробари таҳияи барномаҳо ва мусоҳибаҳои ташвиққунанда ба сулҳ ва ҳамдигарбахшӣ, телевизионҳои маҳаллӣ ҳамчунин бо пахши филмҳои ошиқонаи ҳиндию филмҳои пурмоҷарои амрикоӣ, филмҳои тасвирию намоишномаҳои театрӣ мардумро саргарм медоштанд.

То замони имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997 мавзуи асосии барномаҳои

телевизионҳои маҳаллӣ дар вилояти Хатлон сулҳу ваҳдат ва оштию бародарӣ ба ҳисоб мерафт. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», аз 14 декабри соли 1996, №382, ки аз 6 бобу 36 модда иборат аст, инчунин баста шудани Созишномаи сулҳи тоҷикон замина ва шароити наву мусоиде барои ба миён омадани шабакаҳои нави телевизионӣ дар музофотҳои Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ рушду такомули телевизион дар ҷумҳурӣ фароҳам овард. Қонуни мазкур шароити таъсиси телевизион ва радиои давлатию ғайриҳукуматиро бо истифода аз шабакаҳои кабелӣ, ноқилӣ, спутникӣ, бисёрканалаи рақамӣ, компютерӣ, аз ҷумла шабакаи ҷаҳонии интернет ва дигар шабакаҳо танзим намуда, принсипҳои фаъолияти ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ дар кишварро, ки аз воқеанигорӣ, ҳақиқатнигорӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон барои қабули ахбор, озодона иброз намудани фикру ақида, эҳтиромӣ меъёрҳои умумибашарии ахлоқ ва қатъиян риоя намудани одоби касбӣ иборатанд, муайян кардааст.

Аз оғози солҳои 2000-ум шароити корию таъминоти техникии шабакаҳои дигари телевизионии вилояти Хатлон низ рӯ ба беҳбудӣ ниҳоданд. Соли 2002 телевизиони Кӯлоб ба узвияти Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардид. Дар доираи ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб 6 сентябри соли 2006 бинои наву муосири студияи ТВ «Кӯлоб», ки бо сарфи қариб 3,6 миллион сомонӣ бунёд шуда буд, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт [159].

Бо гузашти 15 сол аз замони таъсиси телевизиони «Хатлон», тобистони соли 2008 ниҳоят он дорои шабакаи мустақим ё канали алоҳидаи худ шуда, ҳаҷми пахши барномаҳояшро то 8 соат дар як шабонарӯз афзоиш дод. То ин вақт барномаҳои ТВ «Хатлон» рӯзе то якуним соат ва аз тариқи Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон пахш мешуд ва бо ин ҳуқуқи тамошобинон ба интихоби намоиш ва дастрасӣ ба иттилоъ поймол мегардид.

Аммо мавҷҳои телевизиони «Хатлон» танҳо дар 14 ноҳияи ҷанубии Тоҷикистон қобили дарёфт буд ва наздики як миллион сокини вилоят аз

имкони тамошои барномаҳои он маҳрум буданд. Мушкили нарасидани мавҷ ба гӯшаву канори вилояти Хатлон то ҳанӯз боқӣ монда, барномаҳои телевизиони «Хатлон»-ро сокинони навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, Носири Хусрав, Панҷ, Ёвон, Норак, Шӯрообод тамошо карда наметавонанд. Ин вазъ, табиист, барои кормандони телевизиони вилоят мушкилоти дастрасӣ ба иттилоъро дар навоҳии зикршуда ба бор меорад, зеро масъулони ин ноҳияҳо намояндагони ТВ «Хатлон»-ро бо баҳонаи қобили тамошо набудани ин шабака дар маҳал қабул намекунанд.

Бо вуҷуди ин, дорои мавҷи алоҳида шудани телевизиони «Хатлон» ва афзоиш ёфтани вақти намоиш журналистони ин расонаро ба он таҳрик дод, ки бо навоварӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ барномаҳои худро ба завқи тамошогар наздик намуда, анъанаи ҷалб намудани таваҷҷуҳи аудиторияро ба ҳукми ҳастӣ дароранд. Ҳарчанд шумораи расонаҳои электронии ахбор дар вилояти Хатлон, хоса телевизион, ангуштшумор аст, маъмурияти шабакаҳои телевизионӣ барои ба даст овардани аудиторияи васеътар талош ба харҷ медиҳанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо дарназардошти иқтидори фиристандаҳои телевизионҳои маҳаллӣ шумораи тамошогарони потенсиалии телевизионҳои музофотӣ дар ҷануби Тоҷикистон чунин аст: Муҳаққиқи журналистика Асадулло Саъдуллоев доир ба муҳтавои намоишҳои телевизионӣ андеша ронда, гуфтааст, ки васоити электронии мо ба таҳқиқи журналистӣ камтар эътибор дода, таҳлил ба тавзеҳи тасвир табдил ёфтааст. «Аммо ҷуръат дар журналистони ВЭА-и ғайриҳукуматӣ бештар аст. Дар ин телевизионҳо мавзуъҳои доғ бештар ба таваҷҷуҳи бинандагон манзур мегарданд, интихоби кадр, навори воқеа, муносибати журналист ба объект, банду басти сужаҳо, пайванди мавзуъҳо ҷолибтар аст» [155]. - менависад профессор А. Саъдуллоев ва ба унвони далел аз фаъолияти ТВ «Мавҷи озод» ном мебарад.

Қобили зикр аст, ки журналистон ва кормандони техникии ТВ «Мавҷи озод»-и ноҳияи Восеъ донишу маҳорати касбии худро оид ба таҳияи барномаҳо, телеменеҷмент, истеҳсоли реклама, маърифати ҳуқуқӣ ва

монанди ин дар назди мутахассисони собиқадори ватанию хоричӣ сайқал додаанд.

Тавре зикр шуд, муҳаққиқ Н. Маъмурзода дар ин масъала таҳлилҳои амиқе анҷом дода, чандин мисолҳоро аз барномаҳои ин шабакаҳои телевизионӣ зикру баррасӣ намудааст, аз сабаи он ки ин таҳлилҳо ба мавзуи мо робитаи мустақим доранд, овардани онҳоро зарур мешуморем, зеро ин мисолҳо ва ин баррасиҳо далели возеҳи нақши телевизион ва барномаҳои он ҳамгироии иҷтимоии ҷомеа мебошанд: “Барномаҳои расонаи мазкурро, ки ҳар рӯз 4-5 соат ба эфир мебароянд, аз рӯйи мазмуну мундариҷа шартан ба чор гурӯҳ тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

- Барномаҳои иттилоотӣ («Паём» ва ғ.);
- Барномаҳои сиёсию иҷтимоӣ («Афкор» ва ғ.);
- Барномаҳои маърифатӣ-омӯзишӣ («Фаросати шаҳрвандӣ», «Ҳуқуқ» ва ғ.);
- Барномаҳои фароғатӣ ва махсус барои ҷавонон («Пайроҳа»).

Барномаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии «Афкор» дар шакли мусоҳиба, мизи мудаввар, аз рафти маҷлисҳои муҳим, иҷлосия ва ғайра омода гардида, ҳар ҳафта пахш мешавад. Барномаи иттилоотии «Паём» ду маротиба дар як рӯз пахш гардида, дар худ хабарҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишии ноҳияро фаро мегирад. Барномаи «Фаросати шаҳрвандӣ» ҳафтае як маротиба рӯзҳои ҷумъа дар ҳаҷми 20 дақиқа ба эфир мебарояд. Барнома асосан дар қолаби жанри мусоҳиба ва ток-шоу омода шуда, мусоҳибону меҳмонони барнома намояндагони касбу кори гуногун ва шахсони фаъоли ҷомеа мебошанд.

Барномаи «Пайроҳа»-и ТВ «Мавҷи озод» низ дар миёни тамошогарони ҷавон аз маҳбубияти хос бархӯрдор аст. Ин лоиҳа аз ҷониби институти «Ҷомеаи кушода» дар Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, дар як моҳ се маротиба рӯйи эфир мебарояд. Ҳар як барнома дар мавзуи муайян аз ҳаёти ҷавонон нақл мекунад. Ба иддаои муаллифон, «Пайроҳа» тарғибгари анъанаҳои миллӣ ва тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон гардидааст. Дар байни барнома пурсиши телевизионӣ гузаронида мешавад ва дар он

нисбати мавзӯи барнома андешаи шаҳрвандон аз қишрҳои гуногуни аҳолӣ пурсида мешавад, ки ин ба барнома рангинӣ мебахшад. Фаъолияти мактабҳои ибтидоии касбӣ ва ҷалби ҷавонон ба омӯзиши касб, истироҳати тобистона, соҳибкории ҷавонон, варзиш дар ҳаёти ҷавонони минтақаи Кӯлоб, имтиёзҳо барои мутахассисони ҷавон, ҷавонони дӯстдори санъат, корхонаҳои саноатӣ - ҷойи корӣ барои ҷавонон, осори фарҳангӣ дар тарбияи ҷавонон, инъикоси ҳаёти ҷавонони деҳот, муҳофизати муҳити зист, ҷавонони лӯлитабор ва мисли ин аз самтҳо ва мавзуъҳои меҳварии барномаи «Пайроҳа» мебошад.

Барномаи «Бону»-и ТВ «Мавҷи озод», ки сирф ба ҳаёти бонувони ноҳияи Восеъ, корнома, андешаву афкор ва фаъолияти онон бахшида шудааст, низ аз лиҳози мубрамияти мавзуъ, интихоби қаҳрамонҳо, масъалагузорӣ, муносибати эҷодкоронаи муаллифон ва тарзи таҳияву тақдимаш ҷавобгӯи стандартҳои муосири тележурналистика мебошад. Масалан, тавассути ин барнома журналистон доир ба мавзуъҳои муҳими зерин масъалагузорӣ кардаанд:

- «Дар минтақаи Кӯлоб аз ҳафтаномаҳои даврии Тоҷикистон ягон нафар зан намоянда нест» (аз 15 майи соли 2015): «Журналистика касб не, ишқ аст, - чунин андеша дорад донишҷӯи соли аввали бахши журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Умедаи Ҷалил. Умеда мехоҳад, ки дар пешрафти ҷомеа ҳамчун журналист саҳми худро гузорад. Соли 2015 ДДК-ро бо ихтисоси журналистика 13 нафар духтарон хатм мекунанд. Мутаассифона, дар ин минтақа аз матбуоти даврии Тоҷикистон ягон нафар зан намоянда нест».

- «Зани деҳотие, ки бо ирода ва қобилияташ расму ойини куҳнаро дар деҳа шикаст» (аз 28 ноябри соли 2014): «Сокина Одинаева дар деҳаи «Гулистон»-и ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Восеъ дар деҳа аввалин зане мебошад, ки маълумоти олӣ гирифта, муаллима шудааст. Барои таҳсили Сокина сокинони деҳа, махсусан мардон норозӣ буда, падари ӯро кофар меҳонданд, дар маъракаҳо ба ӯ суханҳои носазо мегуфтанд. Ба ҳамаи ин Сокина тоқат карда, корашро давом дод. Қобилияти кордонии

Сокинаро ба назар гирифта, ҳукумати маҳаллӣ ӯро ба вазифаи раиси ҷамоати деҳоти Гулистон таъин намуд. Сокина бо кору рафтори худ ба ҳамдеҳагонаш исбот намуд, ки дар қатори мардон занон ҳам аз уҳдаи кору роҳбарӣ баромада метавонанд».

- «Чаро баъди 30 соли хонадорӣ оила вайрон шуд?» (аз 25 майи соли 2015): «Сокини кӯчаи ба номи Сайдамир Садирови шаҳраки Восеъ Гулҷаҳон Сафарова баъди 30 соли хонадорӣ аз шавҳараш мақсади ҷудо шуданро дорад. Зӯроварии шавҳар нисбат ба ӯ ва фарзандон Гулҷаҳонро водор сохтааст, ки дар ин хусус ба суд муроҷиат намояд. Дар ноҳияи Восеъ ба шуъбаи кор бо занон ва оила қариб ҳар рӯз занони бисёре аз поймол гаштани ҳуқуқҳои худ дар ҳаёти оиладорӣ муроҷиат мекунанд…»

- «Бесаводӣ занро то куҷо мебарад?» (аз 26 январи соли 2015): «Кибриё бо маслиҳати волидон бо писарамакаш оила барпо намуд. Аммо зиндагии оилавии ӯ дер давом накард. Баъди як сол бо дахолати хушдоман шавҳараш ба воситаи телефон Кибриёро талоқ дод. Кибриё бо як кӯдак ба хонаи волидонаш омад. Волидон иҷорашин ҳастанд ва дар сатҳи камбизоатӣ зиндагиашонро пеш бурда истодаанд. Кибриё бошад, дар мактаб нахондааст. Хату савод ва ҳунаре ҳам надорад…»

- «Зан ва мансаб» (соли 2015): «Сокини ноҳияи Восеъ Ҷумъагул Шерова дар терминали мусофиркашонии ноҳия муддати даҳ сол мешавад, ки ба ҳайси диспетчер кор мекунад. Ӯ натанҳо қобилияти роҳбарӣ дорад, балки орзу дорад, ки дар оянда соҳиби мансаби баланд шавад ва умедвор аст, ки рӯзе мерасаду ин нияташ амалӣ мегардад…»

- «Модарони танҳоро фаромӯш карданд» (аз 16 марти соли 2015): «Сокини ноҳияи Восеъ Мария Мӯсоева модари танҳо аст. Ӯ се фарзанд дорад. Онҳо хурдсол ҳастанд. Барои гузаронидани рӯзи кӯдаконаш Мария ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта меояд. Онҳо манзили истиқоматии худро надоранд. Мария дар хонаи апааш иҷора мешинад. Апааш Олга Мӯсоева ҳам модари танҳо аст. Ҳамчун модари танҳо Мария ягон имтиёз надорад. Кӯдакон ҳам имтиёз надоранд. Чаро?».

Муаллиф ва гардонандаи шоу-барномаи «Бону» журналист Хоҷа Назриев буда, анонси ин барнома 2-3 рӯз қабл аз дар студия сабт шуданаш дар сомонаи интернетии ТВ «Мавҷи озод» нашр гардида, ному насаби қаҳрамони барнома, шахсони масъули давлатӣ ва коршиносони даъватшуда зикр мешавад. Ҳамзамон аз тамошогарон хоста мешавад, ки дар ин барнома ширкат варзида, бо пешниҳоди саволу баёни андеша дар мубоҳисот фаъолмандӣ нишон диҳанд. Ҷойи таъкид аст, ки аз ин усули даъват ва таблиғи барномаҳои «Мавҷи озод» дигар шабакаҳои маҳаллии телевизионӣ кор намегиранд. Як сабаби аёнаш он аст, ки ТВ «Мавҷи озод» ягона воситаи электронии ахбор дар вилояти Хатлон мебошад, ки дар шабакаи ҷаҳонии интернет торнамои худро дорад.

Журналистони «Мавҷи озод» дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ миёни ширкатҳои телевизионии ғайриҳукуматии Тоҷикистон аз рӯйи номинатсияҳои «Беҳтарин сужети хабарӣ» ва «Беҳтарин барномаи иттилоотӣ» (солҳои 1998, 2001, 2004) барандаи ҷойҳои якуму дуюм гаштаанд. «Мавҷи озод» ҳамчунин барномаҳои телевизионҳои дигари ғайриҳукуматии Тоҷикистон, аз қабили ток-шоуҳои «Офтоби меҳрубонӣ», «Марзи қонун» («СМ-1»-и шаҳри Хуҷанд), инчунин барномаҳои шабакавии истеҳсоли стансияҳои дигари телевизионии Тоҷикистону кишварҳои пасошӯравиро дар эфири худ ҷой медиҳад. Ҳамзамон, сужетҳои видеоии «Мавҷи озод» тавассути шабакаҳои русии РТР, ТНТ, барномаи шабакавии «Музофот» («Провинция») ва Wordlink намоиш дода шудаанд. Аз нақши муассири шабакаҳои мустақили электронӣ дар баробари ВАО-и ҳукуматӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба муносибати 100-солагии матбуоти тоҷик чунин ёдовар шудааст: «Ҳоло дар мамлакат 44 шабакаи радиотелевизионӣ амал мекунад, ки аз ин миқдор 28 шабакаи радиову телевизион хусусӣ мебошад. Ин, албатта, хуб аст, зеро фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма яке аз нишонаҳои асосии рушди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Ҳар яке аз ин расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии мамлакатро пур карда,

дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи хешро мегузоранд» [155].

Телевизиони хусусии «Қӯрғонтеппа» низ дар авҷи шуҳраташ (солҳои 2001-2010) бо нашри барномаҳои гуногунжанри таҳлилию танқидиаш баҳои баланди мутахассисонро касб карда буд. Телевизиони мазкур барои эҷодкорони бисёре мактаби хуби такмили маҳорати журналистӣ буд. Кормандони имрӯзаи Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон Суҳбатулло Юсуфов, Фотима Аббосова, роҳбари намояндагии телевизиони «Сафина» дар Қӯрғонтеппа Хуршед Сафаров, мудири шуъбаи маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» Ҷамолиддин Сайфиддинов, корманди ТВ «Ҷаҳоннамо» Манучеҳр Мирзоев ва дигаронро парвардаҳои ин расона номидан мумкин аст.

Аммо феълан ба сабаби мушкилоти молиявӣ ва кадрӣ телевизиони мазкур ба иқтидори пешинаи худ фаъолият надорад. Дар баробари нашри филмҳои ҳунарии хоричӣ ва клип-консертҳо, ТВ «Қӯрғонтеппа» якчанд барномаи ихтисосӣ дорад, ки «Мизи мудаввар», «Гулшани адаб», «Пайк», «Навниҳол» аз ҷумлаи онҳост.

Нимаи якуми соли 2014 студияҳои телевизионии ТВ «Кӯлоб» ва ТВ «Хатлон» бо таҷҳизоти рақамӣ пайваст карда шуда, ҳоло аҳолӣ онҳоро дар формати рақамӣ тамошо карда истодаанд.

Телевизиони Кӯлоб ҷиҳати амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», оид ба беҳтар ба роҳ мондани соҳаи таълиму тарбия, зарурияти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ва фанҳои дақиқ, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ, озмуну чорабиниҳо ва олимпиадаҳои фаннӣ, алоқаи падару модарон бо мактаб ва бо нақлиёти шахсӣ ба дарс омадани донишҷӯён барномаҳои «Муошират», «Мусоҳиба», «Ҳамадон», «Анвори дониш», «Ҷавонон ва ҷомеа», «Донишҷӯ», «Касбам ифтихори ман аст» ва «Ҳамсол»-ро мунтазам таҳия ва пахш мекунад.

Маҳдудаи шабонарӯзии пахши барномаҳои телевизион аз аввали соли 2014 тавассути таҷҳизоти рақамӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб ба 16 соат

мерасад. Тариқи телевизион барномаҳои гуногуни иттилоотӣ («Ахбор», «Ҳафта», «Қонун ва тартибот»), сиёсӣ («Дастовард», «Ваҳдат бақои миллат», «Пайки истиқлол»), иқтисодӣ («Ҷомеа ва иқтисод», «Кишоварз», «Боғдорӣ»), иҷтимоӣ («Зан ва ҷомеа», «Авроқи зиндагӣ», «Маъюбӣ маризӣ нест»), фарҳангӣ («Чеҳраи ҳунар», «Пирони кӯҳистони Хатлон», «Таърих гувоҳ аст», «Ёде аз бузургон», «Забон пояи миллат», «Дар суҳбати адиб», «Шоҳномахонӣ»), фароғатӣ («Таронаҳои дархостӣ», «Варзиш», «Шабоҳанг») ва шоу-барномаҳои «Муошират», «Афкор», «Мунозира», «Ҳамадон», «Чӣ бояд кард?», «Таҳлил» таҳия ва пахш мегардад[155].

Кормандони эҷодию техникии телевизиони вилояти Хатлон низ рӯйдодҳои дар ҳудуди вилоят ба вуқуъпайвастаро пешкаши бинандагон мекунад. Расонаи мазкур дар муқоиса бо васоити дигари электронии маҳаллӣ аудиторияи бештари тамошогаронро дар вилояти Хатлон фаро мегирад. Инъикоси маъракаҳои муҳими сиёсӣ, ҷамъомаду ҷаласаҳо бо иштироки раиси вилоят Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода, татбиқи амалии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», рафти корҳои ободонию созандагӣ дар шаҳру навоҳӣ, ниҳолшинонӣ дар гӯшаву канори вилоят, ҷамъоварии ғалладонагӣ ва дигар маводи кишоварзӣ, тоза нигоҳ доштани ҳифзи муҳити зист ва мушкилоти соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ аз ҷумлаи мавзуъҳои меҳварии хабару гузоришҳои хабарнигорони ТВ «Хатлон» аст. Дар барномаи «Дар меҳмонии мо» шахсиятҳои маъруфи вилоят, мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ даъват карда мешаванд. Дар намоиши «Таҳлил» бошад, аз ҷониби журналистони телевизион роҳҳои инкишоф додани соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи вилоят, проблема ва камбудиҳои он воқеъбинона зери таҳлил ва танқид қарор мегиранд.

Барномаи «Рӯ ба рӯ»-и ТВ «Хатлон»-ро таҷрибаи бесобиқае дар таърихи ин телевизиони маҳаллӣ номидан мумкин аст. Зеро дар ин барнома аз раисони шаҳру навоҳии вилояти Хатлон сар карда, то ҳамаи

раҳбарони ниҳодҳои вилоятӣ даъват шуда, дар пахши мустақим тӯли як соат ба саволҳои тамошогарон посух мегӯянд.

Барномаи тевизионии мазкур тибқи дастури раиси вилояти Хатлон бо мақсади таъмини шаффофияти кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дастрасӣ ба ахбори саҳеҳу саривақтӣ ва расидагӣ кардан ба мушкилоти мардум таъсис дода шуда, дар он роҳбарони ташкилоту идораҳои вилоятӣ ва раисони шаҳру навоҳии вилоят иштирок мекунанд.

Дар ҳақиқат ҳам, чунин таҷриба нишони нақши муҳимми телевизион дар ҳамгироии иҷтимоии ҷомеа аст, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳам ин хислати муҳимми телевизион эътироф ва истифода мешавад. Бо дастури раиси вилоят таъсис ёфтани чунин барнома, ки мустақиман пахш мешавад, далели сухан ба шумор меравад.

Муовини вақти раиси вилояти Хатлон Махфират Хидирзода ҳам ҳангоми натиҷагирӣ аз фаъолияти нӯҳмоҳаи идораи телевизион ва радиои вилоят (соли 2019) зикр намудааст, ки «имрӯз телевизион василаи боэътимоди иттилоърасонӣ ва вусъатбахши маърифати мардум ба ҳисоб меравад: Шароити имрӯзаи демократикунонии ҷомеа, глобализатсияи ҷараёни иттилоот боиси фаъолшавии воситаҳои ахбори омма гардидааст. Ҷомеаи имрӯза барои огоҳӣ аз навигариҳои рӯз, пайдо намудани таассуроти илмию эстетикӣ нисбати олами ҳастӣ ба воситаҳои ахбори омма хеле ниёз дорад. Дар байни воситаҳои ахбори омма аз нигоҳи дастрасӣ ва таъсирбахшӣ телевизион мавқеи муҳимро дорост, зеро барои бинанда дарки маънӣ тавассути садо ва симои ҳаракаткунанда гӯё ва фаҳмост. Аз ин ҷост, ки телевизион назар ба дигар навъи ВАО серистеъмол буда, қисми зиёди аҳолии мамлакат аз он ба таври васеъ истифода мебаранд. Ҳамчунин телевизион дар тарғиби ғояҳои иҷтимоӣ, ҳукуматӣ ва давлатӣ нақши муҳим дошта, фазои иттилоотиро мукаммал месозад» [160].

Ҳамчунин, тариқи барномаҳои калонҳаҷми телевизионии «Файзи замин», «Рушди соҳибкорӣ», «Замон ва иқтисод» ва «Кишоварз» доир ба

корҳои ободонию созандагӣ дар вилоят гузоришҳо ва лавҳаю очеркҳо пахш мегарданд. Доир ба инкишофи соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг барномаҳои «Шифо», «Солимии ҷомеа», «Чароғи маърифат», «Забон - ҳастии миллат», «Биё ба хонаи мо», «Сайқали хирад», «Ашки қалам» рӯйи кор омадааанд. Барномаи «Зан ва зиндагӣ» аз ҳаёти занони вилоят ва мавқеи зан дар ҷомеа ҳикоят мекунад. Шуруъ аз соли 2015 шоу-барномаҳои нави «Ҷӯянда ёбанда аст» ва «Суфра» манзури тамошогарон гардиданд, ки аз суолу ҷавоб ва бахшҳои ҷолиби дигар иборатанд.

Кӯшиши манфиатҳои соҳибкории рекламавӣ дар мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва ҳокимияти судӣ боиси маҳдудияти баёни андешаи созанда ва натиҷаовар дар низоми " ҷомеаи телевизион " гардида, вокуниши манфии ҷамъиятиро низ ба вуҷуд овард. Ҷомеаи телевизион аз мақомоти қудратӣ боисрор талаб мекарданд, ки дар иҷрои вазифаҳо ва масъулиятҳои телевизион монеъ нашаванд, зеро мазмуну муҳтавои телевизион агар дигаргун шавад, теъдоди тамошобини он, бахусус аудитория кӯдакону наврасон низ коҳиш меёбад. Аз сӯи дигар мақомоти ҳукуматӣ, дар чунин вазъи касодии иҷтисодӣ маҷбур буданд, ки ба ҷалби соҳибкорону таблиғгарон вазъи молиявии телевизионро беҳтар созанд, яъне як навъ духӯрагӣ миёни телевизион ва мақомот ба вуҷуд омада буд.

Бо рушди Интернет бархурду низоъ миёни аҳолӣ ва телевизион бештару фарохтар доман густурда, ҳамакнун маводи сершуморе аз ҷониби муштариёну қишрҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ ба гӯшу ҳуши бинанда мерасид, ки аз ин ҳолат бештар командони телевизион нороҳат мешуданд. Ва агар дар пайи ба даст овардани даромади изофӣ шабакаҳои телевизионӣ шаклу мазмуни барномаҳояшонро тағйир диҳанд, дар кишвар интизориҳои дигар ба вуқуъ мепайванданд. Вобаста ба ин, баҳри самаранокии реклама дар қонунгузорӣ ва ҷиҳати ташаккули шакли нави назорати ҷамъиятӣ, инчунин дар талабот ба санҷишҳои

бахшҳои тиҷоратии телевизион зарурати ворид кардани тағйирот ба вуҷуд меояд.

Кӯшиши худтанзимкунии соҳаи телевизион ба нокомӣ дучор шуда, дар ин ҳолат талабот ба шакли идоракунии болоӣ дигар хоҳад шуд, то соҳаи реклдамаро бо талаботи маънавии шаҳвандон ба мувофиқа орад.

Ин ҷо, бояд умед баст, ки телевизион ва рекламадиҳандагон дар ниҳоят манфиатҳои пуливу молиро андаке сарфи назар карда, ба афкори ҷомеа гӯш хоҳанд дод.

Имконияти ВАО на танҳо таъсир ба раванди табаддулоти гуногуни ҷамъиятию институтҳои сиесӣ аст, балки дар давраи гузариш аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ инчунин ба ҳаёт ва нақши инсон таъсир мерасонад. Дурнамо ва тасмимҳои нав дар кори ВАО бо мақсад ва вазифаҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг гардонида мешаванд.

Ҳамон тасмимҳои арзишмандҳамчун намуна дар фаъолияти ВАО, нашрҳои интернетӣ, радио ва телевизион, бо ташаккули фарҳанги иҷтимоӣ ба худташаккулёбӣ ва рушди иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Раванди дигаргунсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони ҷаҳонишавӣ аз бисёр ҷиҳат, аз чигунагии таъсири ВАО, махсусан телевизион вобаста аст.

Ғояҳои илмӣ дар хусуси он ки чӣ метавонад ба сифати механизми иҷтимоии телевизион хизмат карда тавонад, то ҳанӯз ба таври зарурӣ коркард карда нашудааст. Аз дигар сӯ, интиқоди таҷрибаи маъмули ба таври оммавӣ интиқоди шадид гардидани фаъолияти телевизион аз ҷониби хизматчиени давлатӣ, намояндагони сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ба барномаҳо ва шуури ҷамъиятӣ нисбатан таъсири манфии мерасонанд.

Раванди таҳаввули телевизиони дохилӣ ба “соҳаи соҳибкории озод", дар асл боиси гузариши маҳсулоти телевизион ба категорияи мол мешавад. Ин ҳолат бе назардошти хусусиятҳои фарҳанги миллӣ, бе

омӯзиши илмии муносибат ба таҳқиқи муҳимияти иҷтимоии масъала ба вуҷд омад. Барои телевизиони тиҷоратӣ, шаҳрванди муайян фард – танҳо объекти ғайрифаъоли таъсиррасонӣ, объекти дасткорӣ ба шуури ӯ бо мақсади бо мақсади ба даст овардани ҳадди нуфуз ва даромад аз реклама мебошад. Дар баъзе давраҳо (махсусан давраи пешазинтихоботӣ), диққати асосии телевизион ба таъсиррасонии ҳадафмандона ба шуури сиёсии тамошобинон равона карда мешавад.

Бояд ба инобат гирифт, ки мавқеъпазирии телевизион дар ҷомеа миёни дигар ВАО, дар асл як шакли муайян ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ на танҳо дар сатҳи сиесӣ, балки дар сатҳи хонаводагӣ низ мебошад. Тарзи ҳаёти носолиму ғайрифаъол, ки аксар ҳолат бисёриҳо баъди кор вақти худро дар назди телевизион гузаронидан мехоҳанд, на танҳо одат, балки ба як арзиши махсуси истеъмолкунадагон мубаддал гашт.

Имрӯз телевизион дар асл - қисми таркибии раванди фаъолияти механизми ҷамъиятию сиесӣ дар Тоҷикистон гаштааст. Аён аст, ки ба тағйирпазири нақши ҳар яке аз рукнҳо асосии иҷтимоишавӣ (оила, мактаб, ВАО, ташкилоти сиёсию ҷамъиятии расмӣ ва ғайрирасмӣ) дар шакли манфиати илмии мустақил ифода меёбанд ва ҳамчун калиди омилҳои таъсиррасон ба самаранокии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми сиесӣ демократӣ дар Тоҷикистон хизмат менамоянд.

Дар талаботи доварӣ, тавсиф ва таҳлили вазъи ба вуқуъомада арзиши муҳиме барои дарки моҳияти тағйироти иҷтимоӣ ва равандҳои сиесӣ мавҷуд аст, ки онро мутахассисон, рӯзноманигорон, сиёсатмадорон эътироф намудаанд, то дар сурати арзёбии хавфҳои сиесӣ омили таъсири телевизион ба инобат гирифта шавад. Дар баробари он баррасиҳои илмӣ дар бораи ҷомеаҳои мухталифи ҳамгироии арзишҳо идома дорад. Нуқтаи назари гуногун атрофи масъалаи бартарӣ додан ба ҷамъиятҳои гуногуни иқтисодӣ, динӣ, миллӣ, меъерҳо ва арзишҳои ахлоқӣ вуҷуд дорад ва ба андешаи аксари муҳаққиқон, аз вазъи ВАО, ва махсусан ба

таври назаррас вобаста ба вазъи фаъолияти телевизион, дар муҳокимаҳо, ба ин ё он нуқтаи назар бартарият дода мешавад.

Ҳамзамон, талаботи асосӣ дар ниёзҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат аз ҷониби роҳбари давлат, инчунин дар дигар ҳуҷҷатҳои давлатӣ тасдиқи худро меёбанд, ки ин дар ҷомеаи муосири шаҳрвандии Тоҷикистон имкон фароҳам меорад ва ҷиҳати рушди хизматрасониҳои зарурии иҷтимоӣ дар ҷомеа ва ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар насли ҷавон мусоидати созгор дорад.

Дар робита ба ин ин, муайян намудани масъалаи рушди шаклу усулҳои назорати ҷамъиятӣ оид ба ташаккули ҷомеаи фарҳангӣ ва ҷавобгӯи беҳдошти сатҳи некӯаҳволӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар аз манфиат холӣ нест.

Таҳлили вазъи телевизионҳои маҳаллии вилояти Хатлон ва муҳтавои барномаҳои онҳо нишон дод, ки ин васоити электронии ахбор имрӯз асосан дучори чаҳор навъи мушкилот ҳастанд:

1. Техникӣ. Мавҷуд набудани студияи ба талаботи рӯз ҷавобгӯ аз ҷумлаи мушкилоти аслии телевизионҳо аст. Ба қавли коршиносон, агар як фиристандаи мавҷҳои телевизионӣ ними Аврупоро бо барномаҳои як шабакаи телевизионӣ таъмин намояд, пас, бо дарназардошти иқлими кӯҳӣ ва ноҳамворӣ, дар ҳар водии аҳолинишини вилояти Хатлон насби як фиристандаи мавҷҳои телевизионӣ лозим аст, то ин ки мардум барномаҳои як шабакаи телевизиониро тамошо карда тавонад. Ҳоло амвоҷи телевизионҳои маҳаллӣ фарогири тамоми ҳудуди вилоят нестанд.

Мушкили дигари техникии телевизионҳои маҳаллӣ надоштани дрон – дастгоҳи сабти хурди паррон аст. Ин дастгоҳ аз камераҳои маъмулии наворбардорӣ бо он фарқ мекунад, ки аз боло (ҳаво) ва аз зовияҳои гуногун муҳитро тасвир мекунад. Телевизионҳои муосир ва вақтҳои охир шабакаҳои марказии телевизиони Тоҷикистон аз ин дастгоҳи дар ҳаво ҳаракаткунанда барои сабти манзараҳои табиат ва барномаҳои алоҳида фаровон истифода мекунанд.

2. Касбӣ. Ба андешаи муҳаққиқон М. Шоев ва С. Гулов, «телевизион ҳамҷоя будани унсури фаврият, зарурият ва мубоҳисаро мепарварад. Барои телевизион репортёрҳое зарурат доранд, ки ақидаашонро ошкор гуфта тавонанд, байни худ ва бинанда пули доимӣ барқарор дошта бошанд. Ҳадаф аз ин кор чунин натиҷа аст: агар ба одам наздик бошӣ, ба вай бештар зарур мегардӣ» [156]. Аммо дар кори баъзе телевизионҳои музофотӣ риояи ин унсурҳо ба назар намерасад.

Баёни ғалати иддае аз тележурналистон, риоя нашудани одоби касбӣ, сарфи назар кардан аз таъмини тавозуни назарҳо дар гузоришҳо, захираи заифи луғавиро аз ҷумлаи мушкилоти касбии телевизионҳои маҳаллӣ номидан мумкин аст. Бинандаи имрӯзаро тарзу усулҳои куҳнаи хабаррасонӣ қаноатманд сохта наметавонад. Муносибати ҷиддии муҳаррирон ба контенти барномаҳо сабаби афзоиши рағбати тамошогар ба телевизион мегардад. Аммо, мутаассифона, ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки аз акси ин ҳол гувоҳӣ медиҳанд (мисол, барномаи «Хоби ширин, хурдтаракон»-ро барандаи хурдсоле бо забони тоҷикӣ оғоз намуда, пас аз он порчае аз филми тасвирӣ ба забони русӣ намоиш дода мешавад. Дар баъзе барномаҳо журналистон бо мусоҳибони худ бо шева суҳбат мекунанд. Ҳамчунин телевизионҳо реҷаи пахши барномаҳоро, ки аз қабл сохтаанд, риоя намекунанд. Ҳол он ки ташкилоти телевизион ва радиошунавонӣ уҳдадор аст, ки абонентҳоро пешакӣ аз тағйири барномаҳои телевизион ва радио, ҳамчунин оид ба шароити интишори онҳо воқиф намояд [155].

3. Кадрӣ. Дар ТВ «Хатлон» нарасидани мутахассисони боистеъдод, аз қабили муҳарриру коргардон ҳис мегардад. Қисмати мутахассисон бо сабаби кам будани маош барои кор ба идора намеоянд. Чандин корманди ҷавони телевизион ва радиоҳои маҳаллӣ бинобар ҳақмузди ночиз доштан тарки кори эҷодӣ намуда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд ё тағйири пеша кардаанд. Аз ҷониби дигар, имкониятҳои бахшҳои журналистикаи донишгоҳҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб барои омода намудани мутахассиси баландихтисоси соҳаи телевизион, мутахассисе, ки малакаи хуби идора

кардани техникаро дошта, суханвар, боҷуръат ва бомаҳорат бошад, маҳдуд аст.

4. Молиявӣ. Барои пахши мавҷҳои телевизиони «Хатлон» дар тамоми қаламрави вилоят камаш 12 фиристандаи телевизионӣ ва ҳамин миқдор хатҳои радио - реле лозим аст, ки маблағи умумии ин таҷҳизот наздик ба се миллион сомонӣ арзёбӣ мешавад.

Мушкилоти молиявӣ имрӯз нафақат ВЭА-и маҳаллиро домангир аст, балки тамоми ВАО-и музофотӣ аз камбуди маблаг ранҷ мебаранд ва дар ҳолате қарор доранд, ки андешаи мавҷуд будан ё набудани онҳоро ба миён гузоштааст. Ба сабаби маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ маъмурияти телевизионҳо ҳатто дар харидории телесуфлёр оҷизӣ мекашанд. Мушкилоти молиявӣ ҳамчунин сабаби ба қадри зарурӣ ҳавасманд ё қадрдонӣ накардани рӯзноманигор, инчунин кам будани маошу ҳаққи қалами журналистон гашта, имкони анҷом додани сафарҳои хизматии ононро низ маҳдуд кардааст» [155].

Ин таҳлилҳои муҳаққиқ Н. Маъмурзода, ки мо ба онҳо истинод намудем, воқеан ҳам, зарурати таваҷҷуҳ ба таърихи ташаккул, тамоюл ва барномаҳои телевизионҳои маҳаллии вилояти Хатлонро ба миён мегузорад. Ин муҳаққиқ пас аз ин таҳлилҳо ба натиҷае мерасад, ки имрӯз вақти он фаро расидааст, ки вазъи ҳозира, доираи мушкилот ва заминаҳои инкишофи воситаҳои электронии ахбор дар вилояти Хатлон пажӯҳиш шавад, зеро телевизионҳои маҳаллӣ низ чун расонаҳои умумимиллӣ омили тараққии давлату ҷомеа ба ҳисоб рафта, бо таҳлилу баррасиҳо мусоидат намудан мусоидат ба рушди ин намуди ВАО ба манфиати давлат ва ҷомеа аст.

Дар ҳақиқат ҳам, расонаҳои маҳаллӣ ҳарчанд дар ҳудуди минтақа пахш шаванд ҳам, аҳамияти умумимиллӣ доранд, зеро чун воситаҳои ахбори умум барои шаклгирӣ ва рушди мафкураи миллӣ дар вуҷуди сокинони минтақа мусоидат мекунанд, ки иҷрои ин вазифаи муҳим рисолати бузург аст.

2.3. Имкониятҳои жанрии барномаҳои телевизионӣ ҳамчун омили ҳамгироӣ

Дар идомаи таҳқиқи худ мо ба жанрҳои журналистика низ таваҷҷуҳ мекунем, зеро чи хеле ки дар боби аввал зикраш рафт, жанрҳо воситаи муҳимтарини баёни мақсаду ҳадаф мебошанд.

Муҳаққиқ А.А. Алекберова мегӯяд: «Жанрҳои журналистика шаклҳои пешниҳоди маҳсули эҷоде мебошанд, ки дар асоси далелҳои воқеии аз ҳаёти ҳаррӯза ҷамъоваришуда, бо истифода аз усулҳои муайяни эҷодӣ, бо назардошти талаботи ҷомеа тавассути ниҳодҳои мавҷудаи иртиботи оммавӣ (матбуот, радио, телевизион, интернет) паҳн мешаванд».

Сохтори жанрӣ барои телевизиони иҷтимоӣ ва сиёсӣ аҳамияти муҳим дорад. Кӯшишҳои таҳияи таснифоти жанрҳои телевизионӣ ба чунин муҳаққиқон, аз қабили Л.В. Тсвик, Р.А. Боретский, Н. Илченко [43, 26, 65] ва дигарон тааллуқ доранд. Муҳаққиқони муосири ВАО пешниҳод мекунанд, ки жанрҳои телевизионӣ ба се гурӯҳ тақсим карда шаванд: жанрҳои иттилоотӣ (сужети видеоӣ, ҳисобот, баромад, мусоҳиба, гузориш); жанрҳои таҳлилӣ (тафсир, баррасӣ, суҳбат); жанрҳои публитсистикаи бадеӣ (очерк, лавҳа, чеҳракушоӣ)

Мувофиқи гуфтаи Е.И. Шейгал [138] жанрҳоро ба тариқи зайл фарқ кардан мумкин аст:

- аз рӯи параметрҳои институтсионалӣ/расмиятӣ (аз ҳадди ғайрирасмии муошират то ҳадди институтсионалӣ);
- аз рӯи мавзуъ ва муносибат бо мухотабон;
- аз рӯи намунаҳои хусусиятҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ;
- аз рӯи маҳалли рӯйдодҳо;
- аз рӯи дараҷаи марказият ё мансубият ба гуфтугӯи сиёсӣ;
- аз рӯи хосиятҳои ҳадафҳо;

Ин таснифот натиҷаи муносибат ва коркарди гуфтугӯҳои сиёсии телевизионии дохиливу хориҷӣ мебошад.

Муҳаққиқони шинохтаи тоҷик ҳам ба ба ин ҷанбаи муҳимми фаъолияти журналистӣ таваҷҷуҳ намуда, доир ба жанр изҳори назар намудаанд. Аз ҷумла, ба масъалаҳои умуминазариявии он бештар А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Муродов таваҷҷуҳ карда бошанд, дар тадқиқоти А. Саъдуллоев, М. Муқимов (Ҷовид Муқим) С. Гулов жанрҳои ҷудогона бештар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, профессор И. Усмонов менависад: «жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешавад ва ҳар кадом қолаб ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад» [132, 4].

М. Муродов мафҳуми жанрро чунин шаҳр додааст: «Жанр пеш аз ҳама, восита ва шакли ба вуҷуд овардани маҳсули эҷод, хоса эҷоди рӯзноманигорӣ аст. Бо назардошти моҳият ва мазмуни умумии матнҳои гуногуни рӯзноманигорӣ таърифи жанрро метавон чунин арзёбӣ намуд: Шаклҳои гуногун ва мухталифи инъикоси воқеа, ҳолату рӯйдод, ҷараён ва вазъият, ки аз ҷиҳати аломат, хусусият ва сохт унсурҳои умумӣ, такроршаванда ва хоса доранд, жанр номида мешавад» [93, 8].

Дар ин маврид як таъкиди профессор И.Усмоновро лозим медонем, ки дар китоби «Жанрҳои публитсистика» меорад ва барои шарҳи мафҳуми жанр аввал моҳияти журналистикаро баён мекунад: «Журналистика бо ифодаи Прохоров Е.П. ва дигар назариётчиёни публисистика институти сиёсию адабие мебошанд, ки вазифааш пайдо кардан, таҳрир намудан ва паҳн кардани иттилоот аст. Тавре дида мешавад, журналистика соҳае аст, ки ҳам бо эҷод ва ҳам ба корҳои техникӣ тааллуқ дорад. Журналистика ҳамчун соҳаи эҷод пайдо кардани факт, мавзуъ ва навиштани он, яъне ба қолаби жанр даровардaнашро дар назар дорад. Аз ҳамин сабаб ҳам, дар таҳқиқотҳое чун осори Пелт онҳо ба сифати жанрҳои журналистӣ ёдоварӣ мешаванд, ки ин ғалат нест» [132].

Дар ин суханони профессор И. Усмонов, ки якбора мафҳуми журналистикаро аз нигоҳи муҳаққиқон ҳамчун ниҳоди сиёсӣ арзёбӣ менамояд, моҳияти фаъолияти журналистӣ дар ҳама самту бахшҳо ва дар ҳама шакли ифодаи маҳсули эҷод баён гардидааст. Вобаста ба хусусиятҳои

техникӣ ҳам метавон зикр намуд, ки сухан атрофи имкониятҳои фаровони техникие аст, ки воситаҳои ахбори омма, махсусан, воситаҳои электронии ахбор, махсусан, телевизион доранд.

Имрӯз таъсири телевизион ба дараҷае расидааст, ки ҷомеаро аз ҳар нигоҳ метавонад таҳти таъсири худ қарор диҳад. Бо чунин қудрат, ки асоси таҳия, пешниҳод ва пахши барномаҳои хушсифат аст, телевизион қувваи ҷаззоби ҷалбкунандагиро соҳиб гардидааст, яъне, телевизион ба воситаи фавқулодае табдил ёфтааст, ки метавонад ҷомеаҳоро идора намояд. Ба тарзи дигар, телевизион дар ҷомеа нақши муассиру пешбаранда дорад.

Бо назардошти ин омилҳо, баъзе маводи шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ ва намояндагиҳои шабакаҳои телевизионии марказиро аз назар мегузаронем. Бештар ба он таваҷҷуҳ дорем, ки чӣ гуна хусусиятҳои ҳамгироии иҷтимоӣ ва сиёсӣ тавассути барномаҳои телевизионӣ амалӣ карда мешавад ва истифодаи жанрҳо дар кадом сатҳ барои расидан ба ин ҳадаф мусоидат мекунанд.

Тавре мушоҳида шуд, иттилоот нахустин мафҳум ва асосии журналистика аст. Он аз лотинии informatio - тавзеҳ, муаррифӣ сарчашма гирифта, ба маънии шакл додан, тасаввурот ҳосил кардан ҳам меояд ва бо ҳамин маънии умумӣ чун мафҳуми истилоҳӣ дар журналистика мавриди истифода қарор гирифтааст. Иттилоъ ба маънии дониш дар бораи ашё, далелҳо, ғояҳо ва ғайра меояд, ки одамон метавонанд дар доираи мубодилаҳои муайян ва сарчашмаҳои гуногун ба даст оранд.

Дар ҷаҳони муосир иттилоот яке аз манбаъҳои асосӣ мебошад ва дар айни замон, яке аз қувваҳои пешбаранда ва рушддиҳандаи ҷомеаи инсонӣ мебошад. Иттилоъ, ки дар забони мо бо мафҳуми хабар бештар ифода меёбад, аввалин зуҳуроти фаъолияти журналистӣ ба шумор меравад ва чун ҷузъи муҳимми фаъолият аксар хусусиятҳои касбиро дар худ ифода менамояд. Аз ҷумла, ҷанбаъҳои иҷтимоӣ ва сиёсии фаъолияти телевизион ҳам дар он ифода меёбанд.

Чанде аз намунаҳои иттилоотро дар шабакаҳои телевизионӣ баррасӣ менамоем: ТВ «Кӯлоб». Сана: 18.10.2015. Давомнокӣ: 2.30 дақиқа. Мухбир:

Мунираи Раззоқ. Наворбардор: Шариф Ғуломов. «Ярмаркаи ҷойҳои корӣ дар ноҳияи Восеъ: Шуъбаи Агентии ҳифзи меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Восеъ бо мақсади таъмин намудани ҷойҳои корӣ дар маркази ноҳия ярмаркаи ҷойҳои кориро ташкил намуд, ки дар он 10 корхона, ташкилот ва ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимиро пешниҳод карданд..

Ин ярмарка имсол панҷумин аст ва дар чаҳор ярмаркаи қаблӣ як гурӯҳи муайяни аҳолӣ бо кор таъмин карда шуданд ва боқимонда ба омӯзиши ихтисосҳо ҷалб карда шуданд.

Тибқи иттилои сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Восеъ, М.Қурбонов, филиали агентӣ дар ноҳияи Восеъ дар ҳамкорӣ бо маркази таълими калонсолон курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии бофандагӣ ташкил намуд, ки дар он духтарон ва занон ҷалб карда шуданд ва дар як муддати кӯтоҳ бо кор таъмин шуданд. Дар ин рӯз ба 22 нафар хатмкардагони курсҳои бофандагӣ шаҳодатнома супорида шуд.

С.Зуҳурова, сокини ноҳияи Восеъ: Дар маркази ноҳияи Восеъ, ҷамоатҳои деҳот ва шаҳракҳои калон низ курсҳои кӯтоҳмуддати малакаҳои дӯзандагӣ, малакаи компютерӣ ва таълими забонҳои хориҷӣ ташкил карда мешаванд.

Ҳоло як қисми аҳолӣ курсҳои харротиро хатм кардаанд ва гурӯҳҳои дигар то ҳол бо ин курсҳо фаро гирифта шудаанд. Ба гуфтаи кормандони бахши агентӣ, чунин ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ ҳар моҳ баргузор мешаванд ва аксари довталабон ба таҳсил дар курсҳои омӯзишӣ ҷалб карда мешаванд».

Ин як гузориши телевизионӣ барои барномаи ахбори телевизион аст ва ба талаботи жанрӣ мувофиқат мекунад. Яъне, баргузории ярмаркаи ҷойҳои корӣ худ хабар аст ва барои бинандагон низ аҳамиятнок аст. Зеро муҳаққиқон ҳам моҳияти хабари журналистиро дар аҳамиятнокии он медонанд. Яъне, хабар иттилоест, ки барои ҷомеа аҳамиятнок аст: “аксарияти муҳаққиқон бар онанд, ки ҳамагуна навигарӣ хабар шуда тавонад ҳам, барои воситаҳои ахбори омма танҳо он навигариҳое ба

сифати хабар қабул ва мавзуи жанри хабар шуда метавонанд, ки аҳамияти ҷамъиятӣ дошта бошанд. Ба гуфти И. Усмонов “Аҳамияти ҷамъиятӣ доштан ба он маъно аст, ки факти дар хабар истифода шуда барои як кас, як оила не, барои садҳо ва ҳазорҳо нафар одамон аҳамият дорад”

Аз ин ҷо бармеояд, ки ин гузориши телевизионӣ аҳамияти иҷтимоӣ дорад, яъне, барои аҳолии ноҳия ва дар маҷмуъ, барои сокинони вилоят ҳам дорои аҳамият аст, ки дар бораи бо кор таъмин гардидани чандин нафар маълумот медиҳад.

Аммо агар аз лиҳози мавзуи мавриди назари худ муносибат кунем, мебинем, ки дар ин гузориш камбудиҳо ба назар мерасад. Масалан, барои бинанда муҳим аст, ки ин ярмарка то кадом дараҷа воқеӣ баргузор шудааст, ӯ мехоҳад бидонад, ки ба таври мушаххас, кӣ ба кадом идора муроҷиат кард ва муроҷитаи ӯ қонеъ гардид ва ё худи он нафар аз пешниҳодҳои дар ярмаркабуда қонеъ ҳаст ё не. Лекин дар ин гузориш дар ин бора ба таври умумӣ сухан меравад ва як нафаре ҳам, ки сухан мегӯяд, ҳарчанд сокини ноҳия муаррифӣ мешавад, аммо аз суханонаш маълум мешавад, ки ӯ корманди бахши агентӣ дар ноҳия аст ва ба ифодаи маъмул, шахси манфиатдор аст, яъне ӯ мехоҳад, ки дар бораи корҳои хуби идорааш сухан гӯяд.

Барои бинанда натиҷаи кор муҳим аст барои ҳамин ҳам, дар гузориши телевизионие, ки аз ҷониби журналист омода мешавад, бояд ба ин ҷиҳатҳои муҳим диққат дода шавад. Ба назари мо, ҷиҳатҳои иҷтимоии фаъолияти телевизион ҳам дар он ифода меёбад, ки агар хабару гузориш ба мардум ва фаҳмишу манфиати онҳо ҳарчи наздиктар бошад. Дар ҳамин хабар, тавре гуфтем, ҳамин ҳамоҳангӣ ба таври пурра мушоҳида нашуд.

Хабар унсури муҳимтарини журналистика аст. Ин сухан чанд паҳлу дорад. Як паҳлуи фаҳмиши ин ҷумла он аст, ки хабар асоси ҳама жанру барномаҳоро ташкил медиҳад, зеро асоси фаъолияти журналистиро маълумот ташкил медиҳад.

Масалан, ҳар як маълумоте, ки дар ҳамин гузориш ҳаст, барои журналисти мушоҳидакор мавод медиҳад ва дар асоси он барномаи

таҳлилӣ ҳам омода кардан мумкин аст. Мисол, пайгирӣ кардан, ки оё онҳое, ки дар ярмарка ҷойи кор пайдо карданд, ба ҷойи кор рафтанд, аз шароити кор қонеъ ҳастанд, яъне, он маълумоте, ки дар ярмарка буд, воқеӣ ҳаст ё не, ҳар моҳ баргузор шудани ярмарка танҳо барои расмият аст ва ё ин ки дар ҳақиқат, натиҷаҳои дилхоҳ дорад. Ба касбомӯзӣ фаро гирифтан ҳам иқдоми нек аст. Ҷараёни ин касбомӯзиҳоро ҳам пайгирӣ намудан, ки оё ҷалбшудагон дар ҳақиқат кор омӯхта истодаанд, аз вазъи омӯзиш қаноатманд ҳастанд, аз паҳлуҳои дигари мавзуъ ҳастанд.

Ҷавоб пайдо намудан ба ин ва дигар саволҳо қонеъ гардонидани талаботи бинандагон аст. Ҷиҳати иҷтимоии фаъолияти телевизион ҳамин аст, ки ба мардум, ба бинанда, ба завқу хоҳиши онҳо ҳарчи наздиктар бояд шуд. Ин наздикшавӣ бисёр муҳим аст, зеро фаъолияти журналистӣ дар робитаи мутақобилан судманд бо ҷомеа дар ҳоли пешрафт аст ва бояд ҳамеша чунин бошад. Яъне, аз ҳама нигоҳ, фаъолияти журналистӣ ба ҷомеа нигаронида шудааст.

Намояндагии ТВ «Сафина» дар вилояти Хатлон, ки барои он гузоришҳо омода мекунад: Омодагӣ ба Олимпиада дар ноҳияи Ҳамадонӣ. таърих: 17.10.2016. Давомнокӣ: 1.37 дақиқа. Мухбир: Ширинҷон Сафаров, наворбардор: Сайфиддин Исмоилов.

«Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани хонандагони беҳтарин ва баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо мунтазам олимпиадаҳо ва озмунҳо мегузаронад, ки дар онҳо шумораи зиёди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ширкат меварзанд. Дар ин замина, дар ноҳияи Ҳамадонӣ, шуъбаи маориф давраи навбатии олимпиадаҳоро гузаронида, ғолибонро муайян кард ва ба марҳилаи оянда омодагӣ мебинад.

Дар ноҳияи Ҳамадонӣ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба марҳилаи навбатии олимпиадаҳои фаннӣ омодагӣ мегиранд. Ба гуфтаи директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои шуъбаи маориф, дар ду олимпиадаи қаблии фаннӣ шумораи иштирокчиён нисбат ба солҳои

гузашта афзудааст. Аксарияти иштирокчиёни олимпиада ба илмҳои дақиқ тамаркуз мекунанд, ки солҳои пеш камтар мушоҳида мешуд.

А. Мирсаидов - директори Маркази дарёфт ва рушди кӯдакони болаёқат: Шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, ҳамаи ғолибони даврахои якум ва дуюмро дар муассисаи таҳсилоти умумии №1 ҷамъ оварда, бо онҳо суҳбат орост, онҳо ба марҳилаи навбатии олимпиада омодагӣ гирифта истодаанд. Таъкид гардид, ки аксарияти иштирокчиёни олимпиада дар марҳилаҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ба хатогиҳо роҳ дода, аз ҷойҳои ифтихорӣ маҳрум мешаванд. Пеш аз оғози марҳилаи дигар бо довталабон дарсҳои иловагӣ гузаронидан лозим аст. Шуъбаи маориф аз ҳисоби омӯзгорони ботаҷриба аз ҳар як фан як мутахассис интихоб намудааст ва онҳо хонандагонро ба олимпиадаи навбатии минтақавии фаннӣ омода мекунанд».

Ин ҳам як намунае аз гузоришҳои телевизионӣ аст, ки дар шакли мухтасар таҳия шудааст, зеро ҳаҷмаш кӯтоҳ аст. Ҳамон сухане, ки дар нисбати гузориши пештар иброз намудем, ба ин хабар низ дахл дорад, яъне, ҳар як маълумоти ин гузориш барои гузориши алоҳидаи дигар мавод медиҳад.

Ин ҷо як ҷанбаи хоси фаъолияти шабакаҳои телевизионии кишварро зикр намудан мехоҳем. Баъзан аз мо бинандаҳои оддӣ мешунавем, ки аз муфассал будани барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии кишвар мегӯянд ва онҳоро бо дигар шабакаҳои телевизионӣ муқоиса мекунанд. Дар ҳақиқат ҳам, ҳамин тавр аст. Барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии кишвар аз сабаби дароз будани гузоришҳо хеле муфассал мешаванд. Масалан, барномаи иттилоотии Телевизиони Тоҷикистон наздики як соат давом мекунад. Чунин хусусият дар дигар шабакаҳо ҳам, аз ҷумла, шабаҳои маҳаллӣ низ мушоҳида мешавад, ки барномаҳои иттилоотии муфассал доранд.

Мушоҳидаҳои мо гувоҳи он ҳастанд, ки ин хусусияти шабакаҳои телевизионии мо заминаҳои худро доранд. Яъне, табиати пахши телевизион дар кишвари мо боис гардидааст, ки чунин ҳолат бошад.

Чун имрӯз имкони дидани шабакаҳои зиёди телевизионӣ вуҷуд дорад, бинандагон ҳам монанди мунаққидон сухан меронанд, зеро имконияти муқоиса ва баҳодиҳиро доранд. Агар чунин имкон набошад, онҳо гумон мекунанд, ки шакли пахши барномаҳо аслан чунин аст.

Дар ҳақиат ҳам, аз рӯйи таъйиноти тахассусӣ ҳам гузориши ахбори телевизион аслан набояд ҳаҷми муфассал дошта бошад ва ба ҳамон суолҳои маъмули хабарӣ посух гуфта шавад, кифоя аст: Хабар бояд ба чунин саволҳо ҷавобгӯ бошад: «ширкаткунандагони воқеа кистанд?», «чӣ ҳодиса рӯй дод?», «дар куҷо?», «кай?», «чӣ гуна?», «дар он чӣ навигарие ҳаст?». Ҳар як маводи навин ҳанӯз аз ибораҳои аввал бояд ба саволҳои асосии «чӣ»?, «дар куҷо?», «кай?» ҷавобгӯ бошад. Мумкин аст, ки хабар дар ибтидо ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб гӯяд (абзатси пурмаъно, лиди ҷамъбасткунанда, лид – маълумот, лиди хулосавӣ) ва ҳамчунин ба ягон саволи он ҷавоб гуфта, лид яке аз ҷузъҳои муҳимтаринашро барҷастатар нишон диҳад. Агар дар навигарӣ ҷиҳати хеле барҷастатарро нишон додан лозим бошад (ҳама чиз барои ному натиҷа ё вақти содиршавии ҳодиса нигаронда мешавад) журналист ҳуқуқ дорад ҷавоби яке аз саволҳоро барҷастатар намояд («кӣ?» ё «чӣ?», «кай?», «дар куҷо?», ё «чӣ хел?» воқеа содир шудааст ва ба ҳамдигар алоқаманд аст) [*Ҷовид Муқим*].

Агар дар чунин шакл хабар пешниҳод шавад, маълум мешавад, ки ҳаҷми калоне дошта наметавонад, аммо сабаби васеъ гардидани гузоришҳои телевизионии шабакаҳои дохилӣ он аст, ки дар онҳо мавзуъҳое интихоб мешаванд, ки бештар аз ҷанбаи хабарӣ хислати таҳлилӣ доранд ва ё худи хабарнигорон ба ин ҷанбаи онҳо таваҷҷуҳ мекунанд ва дар натиҷа, як хабар ба гузориши муфассали то андозае таҳлилӣ табдил меёбад.

Ба назари мо, набояд чунин бошад, зеро он замоне, ки табиати телевизион муфассалбаёниро тақозо дошт, гузаштааст, яъне имкониятҳои техникӣ ниҳоят хуб гардидаанд ва бояд аз онҳо самаранок истифода кард.

Дар ҳамин гузориш ҳам, ки матнашро овардем, чунин хусусият ба назар мерасад. Яъне, дар як гузорише, ки мухтасар пешниҳод шудааст, чанд масъалагузории дигар ба назар мерасад. Ҳарчанд дар он танҳо ба

ҷанбаи хабарӣ таваҷҷуҳ шудааст, аммо тарзи гузориш барои бинанда саволҳои бепосухро ба вуҷуд меорад.

ТВ «Ҷаҳоннамо». Пахтакорӣ дар ноҳияи Фархор. Сана: 25.09.2013. Давомнокӣ: 1.54 дақиқа. Мухбир: Каримхон Амроқулов. Наворбардор: Муҳаммадшоҳ Қурбонов.

«Маъракаи пахтачинӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоати Ғайрати ноҳияи Фархор босуръат идома дорад. Кооперативи истеҳсолии «Дӯстӣ-60» имсол дар майдони 70 гектар пахта кишта, корҳои агротехникиро дар вақташ гузаронид ва дар натиҷа, ҳосили баланд ба даст овард. Аз тарафи дигар, саҳмдорон дар ҷамъоварии ҳосили пахта ҳисса гузоштанд. Ҳоло дар майдонҳои хоҷагии мазкур чиниши аввал ба анҷом расидааст ва саҳмдорон ба дувумаш шурӯъ кардаанд. Ба гуфтаи раиси хоҷагӣ, аз ҳар гектар 25 сентнер ҳосил гирифта шудааст.

Синхрон. Рустам Ғашов - раиси хоҷагӣ.

Дар кооперативи истеҳсолии «Дӯстӣ - 60» барои истифодаи самараноки замин ва ҷамъоварии ҳосили баланд аз тухмиҳои навъи баланд истифода мешавад. Олимони соҳа ба роҳбарони корхонаҳо пешниҳод карданд, ки иқлими мувофиқ ва навъҳои серҳосилро истифода баранд, майдони киштро сол ба сол зиёд кунанд.

Корхонаи пахтатозакунии «Зиёратшоҳ»-и ҷамоати Ғайрати ноҳияи Фархор низ кори худро фаъолона идома медиҳад ва аз аввали мавсими ҷамъоварии ҳосил маҳсулоти дасти деҳқононро қабул ва коркард мекунад. То имрӯз тибқи қарордод, беш аз 4,5 тонна пахта аз хоҷагиҳои пахтакор қабул карда шудааст.

Шоистаи зикр аст, ки шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо» ба таъйиноти худ мувофиқ амал мекунад ва аз хабарнигорони минтақавии худ ҳам талаб менамояд, ки гузоришҳои хабариашон ҳаҷми муфассал надошта бошанд.

ТВ «Мавҷи озод». Чорабинӣ ба муносибати 75-солагии шоир Ғоиб Сафарзода. Сана: 5.11.2016. Давомнокӣ: 1 дақиқаву 48 сония. Мухбир - Хоҷа Назриев. Наворбардор - Худойназар Зуҳуров.

«Дар ноҳияи Восеъ бо ташаббуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ифтихори 75-солагии зодрӯзи шоир ва рӯзноманигори шинохта Ғоиб Сафарзода ҷаласа баргузор гардид, ки дар он чунин шоирон ва нависандагон, ба монанди Рачаб Мардон, Абдулҳамид Самадов, Сипеҳри Ориёӣ ва дигарон ширкат варзиданд. Иштирокчиёни маҷлис пас аз зиёрати макони дафни шоир, инчунин ба хонае, ки шоир дар он зиндагӣ кардааст, ташриф оварданд. Он рӯз китобхона ва осорхонаи Ғоиб Сафарзода дар назди хонаи шоир расман ифтитоҳ ёфт. Дар китобхона китобҳои Ғоиб Сафарзода, дигар шоирон, рӯзноманигорон ва нависандагон, инчунин, маҷалла ва рӯзномаҳо мавҷуданд, ки метавонанд аз ҷониби аҳолӣ истифода шаванд. Дар деҳаи Кадучӣ мактаб-интернати деҳа ба номи Ғоиб Сафарзода гузошта шуд ва дар саҳни он нимпайкараи Ғоиб Сафарзода насб карда шуд.

Субҳони Рачаб - мудири шуъбаи фарҳанги ноҳияи Восеъ (синхрон)

Дар ин рӯз бо иштироки шоирону нависандагон нимпайкараи Ғоиб Сафарзода расман кушода шуд. Ба ин муносибат саҳнаҳо аз ҳаёти Ғоиб Сафарзода ба таваҷҷуҳи ҳозирин пешкаш карда шуд. Дар толори маҷлисгоҳи мактаб-интернат раиси ноҳияи Восеъ Мусо Ғафурзода ва адибон баромад карданд. Онҳо саҳми Ғоиб Сафарзодаро дар адабиёт ва журналистикаи тоҷик қайд карданд. Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии ноҳияи Восеъ маҷмуаҳои ашъори Ғоиб Сафарзода ба табъ расида, дар ин рӯз ба хонандагон тақдим карда шуданд.

Дар ин чанд гузориши иттилоотие, ки чун намуна баррасӣ намудем, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки аз ин гурӯҳи жанрҳо дар шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ ҳам ба таври зарурӣ истифода мешавад.

Дар мавриди барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии вилояти Хатлон инро ҳам бояд зикр намуд, ки онҳо барномаҳои иттилоотии алоҳидаи худро доранд ва баробари ин, ду шабакаи давлатии вилоят: телевизиони «Хатлон» ва телевизиони «Кӯлоб» ҳамарӯза барномаи иттилоотии «Ахбор»-и Телевизиони Тоҷикистонро ба таври мустақим пурра намоиш медиҳанд. Инро дар шабакаҳои давлатии минтақавии

вилоятҳои Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Ба таври аниқтар, соати 20.30 мавҷҳои ин шабакаҳо ҳама бо рамзи Телевизиони Тоҷикистон муттаҳид мешаванд. Ин тарзи кор маълум аст, ки ба тасмими роҳбарияти Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Аслан, ҳадафи чунин тасмим шояд кӯмак барои пурратар гардидани соати пахши шабакаҳои минтақавӣ ё доираи фарогирии бештари ахбори телевизиони марказӣ бошад. Ба ҳар ҳол, ин кори масъулон аст, аммо дар шароити муосир бо ин роҳҳо ба ҳадаф расидан чандон имконпазир нест, зеро бинандаҳо имкони интихоби фаровонро доранд ва вақте огоҳ ҳастанд, ки чунин тарзи кор аст, агар барномаи иттилоотии шабакаи марказиро тамошо кардан хоҳанд, аз мавҷи худи он мебинанд, ба шабакаҳои маҳаллӣ, ба истиснои телевизиони «Суғд» ҳоҷат нест, зеро сифати пахш дар ин шабакаҳо нисбат ба Телевизиони Тоҷикистон хеле паст аст. Ин ҷо мавриди сухан аст, ки бигӯем, шабакаҳои давлатии телевизионии вилояти Хатлон ҳарчанд ба моҳвора пайвастанд, аммо ҳанӯз пахши дақиқияташ баланд (HD) надоранд, ки ин ҳам яке аз мушкилоти ҷиддии онҳост.

Шабакаҳои телевизионӣ ба жанрҳои таҳлилӣ ҳам таваҷҷуҳ доранд, ки шарҳ яке аз онҳост. Шарҳ (лотинӣ commentarius - ёддошт, шарҳ, тафсир) - тавзеҳот ба матн, мулоҳизаҳо, эродҳо дар бораи чизе ё муносибати фардӣ ба ягон хабару маълумот аст.

Як намунаи шарҳро аз Телевизиони Тоҷикистон аз назар мегузаронем. Сана: 03.11.2016. Давомнокӣ: 20 дақиқаву 4 сония Муҳаррир ва баранда: Маъруф Назарзода. Иштирокчиён: Шайхмуҳаммад Камолов - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ, Зайниддин Соибов - омӯзгори ДМТ, Зариф Ализода – ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сухани баранда: Ҳар сол дар мамлакати мо 6 ноябр ҳамчун рӯзи Конституцсия таҷлил карда мешавад, зеро дар ин рӯзи соли1994, тавассути раъйпурсии умумихалқӣ ва дастгирии 87 фоизи аҳолӣ Конституцсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул карда шуд ва Истиқлолияти мо

хусусияти расмӣ гирифт. Барои шарҳи ин мавзуъ, ба студия устод Зариф Ализода омбудсмен ё худ ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқшиносон Шайхмуҳаммад Камолов ва Зайниддин Соибов, устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон даъват карда шуданд.

Савол: Аввалин Конституцсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар кадом муҳит қабул карда шуд ва барои таъмини сулҳу оромии комил чӣ саҳм дорад?

Шайхмухаммад Камолов - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ: Аслан, агар шумо ба қабули Конституцсия аз нуқтаи назари таърих нигоҳ кунед, пас, дар соли 1929 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конституцсияи худро дошт. Албатта, соли 1929 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конституцсияи худро ҳамчун ҷумҳурии худмухтор қабул кард. Баъдтар, конституцсияҳои дар давраи шӯравӣ қабулшуда низ дар идоракунии давлат, системаи барқарор кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муассир доштанд. Сарфи назар аз мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ, лоиҳаи конституцсия пешниҳод карда шуд. Дар натиҷаи қарори мусбати ҷараёни раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 Конституцсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул карда шуд.

Албатта, Конституцсияи соли 1994 қабулшуда хусусиятҳои хоси худро дошт. Пеш аз ҳама, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қабули ин конституцсия ширкат варзиданд. Агар ба конституцсияҳои қаблан қабулшуда аз нуқтаи назари муқоиса нигаред, онҳо аз ҷониби Шурои Олӣ ё мақоми олии ҳокимияти давлатӣ қабул карда шуданд ва тағйироту иловаҳо аз ҷониби мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ворид карда шуданд. Аммо, дар конституцсияи соли 1994, ин хусусиятҳо аз байн рафтанд ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ворид намудани тайғироту иловаҳо ширкат варзиданд, яъне бо овоздиҳии халқ сурат гирифт ва дар тӯли 22 соли мавҷудияти худ Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар системаи идоракунии давлатӣ, системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, асосҳои сохтори конституцсионии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ташкили мақомоти давлатӣ, салоҳияти онҳо, мӯҳлати салоҳияти онҳо нақши муҳим бозад.

Зайниддин Соибов - омӯзгори ДМТ: Воқеан, Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир ҳамчун конституцияи намунавӣ эътироф шудааст ва аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ баҳои баланд гирифтааст. Албатта, меъёрҳои конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҳаётан муҳими байни давлат ва ҷомеаро фаро мегиранд ва алахусус, дар байни конституцияҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун намуна хизмат мекунанд. Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои сохтори конституционӣ, вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандонро дар бар мегирад, зеро он асосҳои конституционии ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро муқаррар менамояд, онҳоро танзим мекунад ва яке аз ҷузъҳои таркибии Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти ҳуқуқии шахс ва шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки ба тариқи мушаххас қисми сеюми конституция ба ин мафҳуми мушаххас бахшида шудааст.

Зариф Ализода - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Конституция санади олии ҳуқуқӣ мебошад ва ҳама санадҳои дигар, қонунҳои конституционӣ, қонунҳо ва қоидаҳои меъёрӣ дар асоси конституция таҳия ва қабул карда мешаванд ва онҳо дар татбиқи меъёрҳои конституционӣ саҳм мегиранд. Албатта, Конституция санади олие мебошад, ки тамоми муносибатҳои иҷтимоиро, аз ҷумла асосҳои низоми сиёсӣ, низоми иқтисодӣ ва фарҳангӣ, асоси давлати мо, муносибатҳои байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва дар маҷмуъ, фаъолияти ҷомеаро танзим мекунад. Фаъолияти давлат ҳам дар асоси Конституция ва қонунҳое танзим мешавад, ки асоси Конституция қабул шудаанд ва боиси амалишавии ҳадафҳои олии давлатдорӣ мешаванд.

Ин намунаи шарҳ, ки аз ҷониби муҳаррири Телевизиони Тоҷикистон таҳия шудааст, дар шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ низ дар арафаи Рӯзи Конституция пахш гардида буд, аз ин рӯ, онро зикр намудем. Барои он ки дар шабакаҳои телевизионии вилоят аксар вақт дар ин гуна ҷашнҳо ба

барномаҳои телевизиони марказӣ таваҷҷуҳ мекунанд ва онҳоро пахш менамоянд, ҳарчанд имкони пахши барномаҳои дохилӣ ҳам вуҷуд дорад.

Ин шарҳи телевизиониро, ки мо танҳо ба як саволи баранда ва посухҳои меҳмонони барнома иктифо намудем, намунаи муносиби шарҳи телевизионӣ номидан мумкин аст, зеро дар он тарзи дурусти таҳияи барнома мавҷуд аст. Яъне, талаботи жанрие, ки аз шарҳ тақозо мешавад, ин намуна ба назар мерасад: «Агар дар шарҳ ё тафсир одамони шинохтаи гуногун ширкат варзанд, муколамаи ҳар як иштирокчӣ аз ҷониби муфассир таҳлил ва арзёбӣ мегардад. Комёбии шореҳ ба умқи таҳлил, фарохии умумиятдиҳӣ, объективияти баёни рӯйдодҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ вобаста мебошад» [120, 68].

Баранда тавонистааст, ки бо саволгузории худ фикри ҳар як меҳмони барномаро дар алоҳидагӣ шунавад. Ҷараёни баррасии идомаи барнома гувоҳи он аст, ки баранда ба ҳар як сухани иштирокчиёни барнома таваҷҷуҳ мекунад ва аз суханони онҳо боз як паҳлуи дигари мавзуъро ба миён мегузорад.

Саволгузориҳои дуруст, «посух ба ин саволҳо ва ҳалли дурусти масъалаҳои пешгузошташуда ба мақсад ва фикри муаллиф вобаста аст. Агар мақсад муайян ва фикри муаллиф фаҳмо бошад, ҳалли саволҳои гузошташуда аниқ ва амиқ сурат мегирад. Чи қадаре ки мақсад ва гузориши саволҳо фаҳмо бошад, ҳамон қадар иттилооти маақсаднок ба даст меояд» [93, 18].

Ҷанбаи муҳим, ба назари он аст, ки баранда дар ин барномаи худ як мавзуи барои ҷомеа ниҳоят аҳамиятнокро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Қабули Конституцсия ва нақши он дар ҷомеаи демократӣ, сабабҳои тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани он, моҳияти бобу моддаҳои қонуни асосии мамлакат аз ҷиҳатҳое ҳастанд, ки барои бинандагон бори дигар хотиррасон шудани онҳо ба манфиат аст. Инчунин, таҳияи чунин барномаҳо намунаи иҷрои вазифаи муҳимми ҳамгироии сиёсии телевизион аст.

Гузориш - паём аз ҷои ҳодиса, аслан дар назар аст, ки хабарнигор шоҳид ё иштирокчии ҷараёни воқеа бошад.

Ҳодисаҳо дар гузориш ба намоиш дароварда нашудаанд (тавре ки баъзан чунин мешуморанд), дар маҷмуъ, дубора таҷдид мешаванд. Ба тариқи дигар, гузоришдиҳӣ жанрест, ки тавассути дарки мустақими муаллиф - шоҳид ё иштирокчии ин ҳодиса дар бораи он тасаввуроти аниқе бахшида метавонад.

Гузориши телевизионӣ ҳодисаро ба бинанда намоиш медиҳад. Функсияи тасвириро дар ин ҳолат видеои ба ном паҳлӯ ба паҳлӯ иҷро мекунад. Ин ҳолат дар интихоби графика ва наворҳо, сарфи назар аз аҳамияти ҳолати иттилоотӣ, муайян карда мешавад. Мазмуни хуб ва боварибахши тасвири пешниҳодшуда шарти «қобилияти назорат» -и эҷод кардани гузоришҳо мебошад.

Гузориш аз чор унсури асосӣ иборат аст: - матни берун аз хабар, ки онро наворбардори гузориш ва ё муҳаррир сабт намуда, ба студия пешниҳод кардааст; силсилаи видеоҳо – пораҳои видеотасвирҳои офарида, ки аз рамзҳо интихоб карда мешаванд (маводе, ки бо сабти оператор анҷом дода мешавад); - порчаи овоз ё ҳамоҳангсозӣ; - садо (бархостан ва бархӯрд кардан), ин садоест, ки ҳамзамон бо тасвири параллел (баландшавӣ) ё ба ҷои (таваққуф) матни берун аз экран садо медиҳад. Аҳамияти пораҳои садоро чунин таъкид кардан мумкин аст: матнро дар мавзуи видео сабт кардан - ин маънои онро надорад, ки калимаҳо ва тасвирҳо бо ҳам мувофиқанд. Муаллифони матн ва видео бояд бо садо кор карда тавонанд. Ин барои интихоб ва коркарди маълумоти пуарзиш зарур аст.

Гузориш яке аз жанрҳои паҳншуда ва муассири журналистикаи телевизионӣ мебошад. Ин жанр қариб дар ҳама шабакаҳо хеле маъмул ва мавриди истифода аст. Тавре Г.В. Кузнетсов [16] менависад, «ҳангоми эҷоди гузоришҳо дар маркази фаъолият дарки шахсӣ дар бораи ҳодиса, падида, интихоби фактҳо аз ҷониби муаллифи эҷоди гузоришҳо ба назар мерасад, ки ин ба объективияти ин жанри иттилоотӣ мухолифат

намекунад. Гузориш рамзи тавсифӣ дорад, аммо татбиқи ин хусусият дар телевизион хеле осонтар аст».

Камераҳои телевизионӣ чашми расонандагони гузоришҳо мешаванд ва вазифаи онҳо нишон додани маъно, умқи воқеаи пахшшаванда барои бинанда, нишон додани сабабҳо ва таъсири робитаҳо, асли воқеаҳо мебошад.

Гузориш вазифаи иҷтимоӣ: журналист дар аксари ҳолатҳо ҳамчун шоҳид пайдо мешавад ва баъзан иштирокчии амали инъикосшавандае мебошад, ки ба тамошобинон имкон медиҳад, ки ҳамроҳ бо ӯ мушаххасоти вазъияти ба амаломадаро таҷриба кунанд.

Дар усули пахш гузоришдиҳии мустақим ва сабтшуда гуногун мебошанд. Аввала бевосита, ҳангоми эҷоди гузориш пахш карда мешавад, ки ин вазифаро телевизиони махсуси сайёр иҷро мекунад. Дар пахши барномаҳои иттилоотӣ маъмулан хабарҳои сабтшуда маъмуланд, аммо ба тамошобин имкон медиҳанд, ки худро ҳадди ақал дар ҷараёни воқеаҳо ҳис кунанд. Мутахассисони танзимгар аз техника ва усулҳои гуногун истифода мебаранд, то тасвирҳоро «пайваст» кунанд, онро динамикӣ гардонанд ва хусусиятҳои таъсирбахшиашро нишон диҳанд.

Дар сохтори гузоришдиҳӣ ҳеҷ як унсури тасодуфӣ вуҷуд надорад. Ҳар як ҳолат, тасвир мусиқӣ, интершум ҳамеша дар ҳаракат баҳри инъикоси рӯйдод аст. Чун қоида, дар барномаи иттилоотӣ гузоришҳое, ки хсилати манфӣ доранд, бо ахбори мусбат омехта карда намешаванд. Барои ҳамин ҳам, барномаи иттилоотӣ ба бахшҳо ҷудо карда мешавад, ки ба ифодаи дигар онҳоро блокҳо меноманд. Блоки манфӣ тавре аз номаш маълум аст, фарогири маводе мебошад, ки дар бораи ҳама гуна садамаҳо, офатҳо, ҳодисаҳо, ҳамлаҳои террористӣ ва ғайра пахш мешавад.

Дар чунин ҳолат иттилооти бетараф ё мусбатро бинанда ба таври худ, шояд ҳамчун маълумоти хеле мусбат қабул мекунад, зеро усули таҳрифот яке аз усулҳои муассиртарин дар телевизион ба ҳисоб меравад, чунки он масалан, дар маъракаҳои интихоботӣ ба як номзад имкон медиҳад, ки нисбат ба дигарон бартарӣ дошта бошад ва эътимоди бештар ба даст орад.

Барои ноил шудан ба ҳадаф барои номзад муҳим аст, ки маълумоте, ки таблиғро бесамар карда метавонад, аз манбаъ пинҳон дорад. Барои қабулкунандаи ахбор - бинанда фаҳмидани вазъи воқеии корҳо ва интихоби дуруст душвор хоҳад буд. Маълум аст, ки натиҷа ба бинанда таъсири муассиртар дорад. Чун қоида, пинҳон кардани иттилоот дар суханронии монологӣ ва барномаҳои ғайримуқаррарӣ, ки гӯянда рақиби худро надорад, ба таври васеъ истифода мешавад, аз ин рӯ, ҳеҷ кас фиребро муайян карда наметавонад. Тавре ки мебинем, маълумоти телевизионӣ шакли корбарии беҳтарин барои татбиқи ин усул мебошад.

Ин ҷо чун сухан дар атрофи гузориш ва маълумот тавассути телевизион буд, мо низ каме ба ҷанбаи сиёсӣ, аниқтараш, воситаи муассири иҷрои мақсадҳои сиёсӣ будани телевизионро тазаккур додем.

Айни замон, намунаҳоеро аз гузоришҳои телевизионӣ баррасӣ мекунем: Мухбирони ТВ «Ҷаҳоннамо» дар вилояти Хатлон. Техникаҳои нав дар минтақаи Кӯлоб. Сана: 1.10.2014, Давомнокӣ: 3.22 дақиқа. Мухбир: Каримхон Амроқулов. Наворбардор: Муҳаммадшоҳ Қурбонов.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди Байналмилалии рушди кишоварзӣ, Муассисаи давлатии «Маркази рушду парвариши чорво ва чарогоҳҳо» лоиҳаи «Беҳтарнамоии сатҳи зиндагӣ дар Хатлон» ва «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» амалӣ карда мешавад. Дар раванди татбиқи ин лоиҳа ҳамчун як мусоидаткунанда ба рушди ҷомеа, Барномаи дастгирии рушди иҷтимоии минтақаҳои кӯҳистон нақши калон дорад ва дар соҳаи фаҳмондадиҳӣ ва сафарбаркунии ҷомеа чорабиниҳои муайяне гузаронида шуданд.

Дар заминаи татбиқи лоиҳаҳо дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, ҷамоатҳои маҳаллӣ ва мақомоти ташаббускори ҷамъиятӣ дар маконҳои татбиқи лоиҳаҳо чорабиниҳои муҳим ва корҳои тарҳрезӣ гузаронида мешаванд.

Дар ин замина, дар Кӯлоб конфронси ҷумҳуриявӣ баргузор гардид, ки дар он намояндагони Вазорати кишоварзӣ, ҳукумати вилояти Хатлон ва

раисони ноҳияҳои Шурообод ва Муъминобод, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, мақомоти ташаббускори ҷамъиятӣ, раисони ҷамоатҳо ширкат варзиданд ва дар бораи пешрафти татбиқи самарабахши ин лоиҳа сухан ронданд.

Тӯрақул Муродов - ҳамоҳангсози лоиҳа: Дар ин ҷаласа инчунин оид ба устувории лоиҳа пешниҳодҳо ироа карда шуданд, ки бо қаноатмандии масъулин қабул карда шуданд.

Сайолим Ҷаъфаров - раиси Ассотсиатсияи ҷамъиятии «Бӯстон» -и ноҳияи Муъминобод: Бояд қайд кард, ки дар татбиқи самтҳои муҳими Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ оид ба беҳтар намудани заминаи моддию техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва таъминоти онҳо бо мошинҳо ва таҷҳизоти кишоварзӣ дар доираи лоиҳаи «Баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми вилояти Хатлон» дар асоси дархост ва ниёзҳои мақомоти давлатии ноҳияҳои Муъминобод ва Шурообод, 72 трактори МТЗ-82 ва дигар таҷҳизоти кишоварзӣ ба маблағи беш аз 2 миллион доллари амрикоӣ гирифта шуданд.

Муҳаққиқони соҳа менависанд, ки «дар матбуот ва радио воқеа бо сухан «тасвир» мешавад, фоторепортаж бошад, лаҳзаҳои ҷудогонаи рӯйдодро акс мекунад. Аммо телевизион тамоман гапи дигар аст. Бинандагон бо чашми репортёр ва наворбардор асли воқеиятро муоина карда, ба он ҳатто арзиш ҳам медиҳанд. Ва азбаски худи воқеа ба чашм намоён аст, репортёр ғолибан аз паси парда (кадр) шарҳу эзоҳ медиҳад. Ин ҷиҳат як хусусияти умдаро бармало месозад – репортёр ба воқеа бо чашми тамошобин менигарад, вай шоҳид, дар бисёр маврид иштирокчии воқеа ҳам мебошад» [93, 59].

Ҳамин хусусиятҳои тахассусӣ ҳангоми таҳияи гузоришҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд, зеро иҷрои онҳо барои равшантар баён кардани мақсад мусоидат мекунад.

Масалан, дар ҳамин матне, ки мо зикр намудем, махсусиятҳои кори телевизионӣ мушоҳида мешавад. Барои бинанда нишон додани маълумоте,

ки гуфта мешавад, муҳим аст. Бинанда мехоҳад бубинад, ки чӣ гуна ниёзҳои мардуми деҳқон қонеъ гардидааст, яъне, он техникаҳои кишоварзие, ки дастрас гардидаанд, чӣ ҳолат доранд, дар куҷо ҳастанд ва то кадом андоза талаботи мардумро қонеъ мегардонанд.

Иҷрои ин талабот, тавре гуфтем, барои расидан ба мақсад мусоидат мекунад ва ҷанбаи иҷтимоии фаъолият дар телевизионро тақвият мебахшад, зеро бояд ба руҳия ва хостаҳои шаҳрвандон мувофиқ гардад.

ТВ «Сафина». Кишти тирамоҳӣ дар Даҳана. Сана: 01.11.2016 Давомнокӣ: 3.47 дақиқа. Мухбир: Ширинҷон Сафаров. наворбардор: Сайфиддин Исмоилов.

«Борон барои намии замин хуб аст ва ба кишти тирамоҳӣ шароити хуб фароҳам меорад. Имрӯзҳо, кормандони соҳаи кишоварзии мамлакат баъд аз ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ, ба коркарди замин ва кишти тирамоҳӣ шуруъ мекунанд. Деҳқонони шаҳри Кӯлоб дар фасли тирамоҳ тухмӣ мекоранд, зеро баъзан баҳор гарм мешавад, боришоти кам ва норасоии оби ирригатсионӣ ба гирифтани ҳосили дилхоҳ монеъ мешавад. Намудҳои гуногуни пиёз низ дар тирамоҳ кошта мешаванд ва ҳосили онҳо дар охири баҳор ба бозорҳо мерасад ва ин дар навбати худ ба арзон шудани нархҳо мусоидат мекунад.

Дар ҷамоати деҳоти «Даҳана» пас аз таҷдиди сохтори кишоварзӣ дар Кӯлоб 1200 хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва инфиродӣ ташкил карда шуданд, ки ба парвариши маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ машғул буданд. Имсол кормандони соҳаи кишоварзии ин ҷамоати деҳот аз шароити мусоиди обу ҳаво нисбат ба соли гузашта истифода бурда, бештар маҳсулот истеҳсол карданд. Дар айни замон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инфиродӣ тадричан ба корҳои тирамоҳӣ шуруъ мекунанд. Дар кишти тирамоҳӣ онҳо ният доранд, ки гандум, пиёз ва дигар намудҳои зироатҳоро парвариш кунанд.

Давлат Авазов - деҳқон: Солҳои гузашта кишоварзон дар кишти тирамоҳӣ ба сабаби набудани тухмии баландсифат нисбат ба иқлими маҳаллӣ мушкилоти муайян доштанд ва имкони ба даст овардани ҳосили дилхоҳро надоштанд. Имсол хоҷагии деҳқонии Файзобод бо дастгирии

Вазорати кишоварзии кишвар навъҳои беҳтарини гандумро ба даст овард ва ба деҳқонони ҷамоат пешниҳод намуд.

Файзалӣ Юнусов - роҳбари хоҷагии деҳқонии «Файзобод»: Аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ дар қитъаҳои замини худ пахта мекоранд ва дар айни замон ҷамъоварии пахта идома дорад. Пас аз ба охир расидани маъракаи пахтачинӣ, пас аз тоза кардани замин онҳо ба кишти тирамоҳӣ шуруъ мекунанд».

Ин гузориш ҳам ба мазмуни унвони худ мувофиқ аст ва доир ба кишти тирамоҳӣ маълумот медиҳад. Шакли мухтасар ва ихчами пешниҳод дорад. Бо ду нафар мусоҳиб шудани журналист аҳамиятнокии суханони ӯро бештар намудаанд. Зеро тавре аксар муҳаққиқон, зикр мекунанд, сухани персонаж ё худ инсони масъул, мутахассис хеле муҳим аст, чунки асоснокии сухан ва эътимод ба он таъмин мегардад.

ТВ «Кӯлоб». Соли 2015 - соли туризми дохилӣ. Сана: 06.06.2015 Давомнокӣ: 4.50 дақиқа. Мухбир: Олимҷон Қурбонов. Наворбардор: Шариф Ғуломов.

Туризм яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисодиёт дар ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди истеҳсолот мусоидат намояд, зеро туризм барои фаъолияти ҳар як соҳибкори ташаббускор имкони хубест. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти мероси бойи таърихӣ ва фарҳангӣ ва захираҳои нодири табиӣ-фароғатӣ шароити мусоидро барои пайдоиш ва рушди минбаъдаи туризм ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар фароҳам меорад.

Дар Паёми солонаи Президенти кишвар доир ба рушди ин самти афзалиятноки кишвар, аз ҷумла, таъкид шудааст, ки Тоҷикистон дар самти сайёҳӣ имкониятҳои бениҳоят калон дорад ва имконият мавҷуд аст, бояд аз мавҷудияти ёдгориҳои гуногуни таърихӣ ва фарҳангӣ, муассисаҳои нодири табобатӣ ва терапевтӣ, кӯҳнавардӣ ва ғайра истифода барем, яъне аз афзалиятҳое, ки худи табиат ба мо додааст.

Бо мақсади татбиқи амалии нуктаҳои асосии Паёми Президенти кишвар, бо ташаббуси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015 соли ҷорӣ намудани имкониятҳо барои туризми дохилӣ эълон гардид. Дар доираи ин нақшаи кории яксолаи сайёҳии дохилӣ бо мақсади шиносоӣ бо таърих, тамаддун ва ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ, як корвони ҷавонони вилояти Суғд иборат аз 150 нафар бо мақсади дидани имкониятҳои сайёҳии минтақа ба шаҳри Кӯлоб омад.

Ҷавонони вилояти Суғдро дар ибтидо ҳамсолонашон дар Қалъаи Хулбук бо мусиқӣ пешвоз гирифтанд ва якҷоя бо шиносоӣ бо ин мавзеи таърихӣ машғул буданд.

Қиёмиддин Азимов - намояндаи раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилояти Суғд: Роҳнамо барои шиносоӣ бо ин макони таърихӣ ба сайёҳони ҷавон махсус маълумот пешниҳод карданд, аз ҷумла таъкид карданд, ки корҳои барқарорсозӣ ва тозакунӣ дар ин макони таърихӣ маҳз дар даврони истиқлолият бо ташаббуси роҳбарияти олии кишвар сурат гирифтааст. Имрӯз, қалъаи Хулбук воқеан ба яке аз гӯшаҳои намоишӣ ва далелҳои таърих ва тамаддуни халқи тоҷик табдил ёфтааст, ки на танҳо диққати сайёҳони ватанӣ, балки сайёҳони кишварҳои хориҷиро низ ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, ҳар рӯз ба ин иншоот шумораи зиёди сайёҳон меоянд ва бо таърихи гузаштагони мо ошно мешаванд. Бо ташаббуси раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии минтақаи Кӯлоб дар давоми рӯз ҷавонон тавонистанд бо дигар ашёҳои таърихӣ ва фарҳангии Кӯлоб ва минтақаи Кӯлоб низ шинос шаванд. Азбаски имсол дар Кӯлоб солгарди фарҳангӣ ва сиёсӣ пешбинӣ шудааст, аз қабили 700-умин солгарди мутафаккири бузурги Шарқ Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, ҷавонони вилояти Суғд низ ба зиёрати мақбара ва китобхонаи мероси хаттии Алии Ҳамадонӣ омаданд.

Озар Насимов - намояндаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзҳои минбаъда гурӯҳе аз ҷавонони вилояти Суғд ба маҷмааи ҷумҳуриявии осорхонаҳои шаҳри Кӯлоб, бо ёдгориҳои таърихӣ бо таърихи зиёда аз 2700-сола, осори бадеӣ, ҷавоҳироти маҳаллӣ, дӯзандагии чакан ва дигар ҳунарҳои мардумии ин минтақаи кишвар, ки дар осорхона ҷамъ оварда шудаанд, шинос шуданд.

Сафари ҷавонони вилояти Суғд ба шаҳрҳои Душанбе, Норак, ноҳияҳои Данғара ва Восеъ, шаҳри Кӯлоб ба остонаи ҷашни солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ рост омад ва коршиносон чунин мешуморанд, ки чунин вохӯриҳо ва ташрифҳои ҷавонон ба шаҳрҳо ва минтақаҳои кишвар табақаҳои ҷомеаро боз ҳам наздик мекунад ва дар таҳкими сулҳу ва суботи Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд”.

Ин гузориши муфассал низ ба унвони худ мусоидат мекунад, зеро доир ба туризми дохилӣ маълумот ва аз сафари корвони ҷавонон иттилоъ медиҳад. Аз нигоҳи касбӣ низ, як андоза ба талабот ҷавобгӯ аст, яъне, маълумоти заруриро ба бинанда пешниҳод мекунад.

Аммо тавре дар нисбати ахбори телевизионӣ гуфтем, инҷо низ гуфтан мумкин аст, ки ҳар як ҷузъиёти ин гузориш як маводи алоҳида аст. Ё чун доираи мавзуъ фарох аст, аз як нафар не, балки аз чанд ҷавони минтақаи дигари кишвар, ки шояд бори аввал ба минтақаи Кӯлоб меояд, таассурот пурсидан гузоришро ҷолибтар менамуд, зеро вақте на як масъул, ки худро расман вазифадор медонад, балки як корманди оддӣ, ки ҳатман таассуроти хуб дорад, изҳори назар мекунад, таъсирбахштар хоҳад буд ва тавре болотар аз назари муҳаққиқони тоҷик ёдовар шудем, бинандаро низ бо восита метавон иштирокчии ҳодиса намуд, яъне, гӯё ӯ низ ҳамроҳи меҳмон сайр дорад ва тасаввур мекунад, ки чӣ гуна бояд роҳнамо бошад.

ТВ «Мавҷи Озод». Намоишгоҳи саноатии занони соҳибкор. Сана: 10.13.2016. Давомнокӣ: 4 дақиқаву 42 сония. Мухбир: Хоҷа Назриев. Наворбардор: Худойназар Зуҳуров.

Бо мақсади ҷалби занон барои азхуд кардани малакаҳои соҳибкорӣ дар деҳаи Чорбоғи ҷамоати деҳоти ба номи Мирзоалӣ Вайсови ноҳияи Восеъ таҳти унвони «Баланд бардоштани қобилият ва моликияти занон»,

намоишгоҳи маҳорати истеҳсолӣ ташкил карда шуд. Чорабинии мазкур бо кӯмаки Раёсати кор бо занон ва оилаи вилояти Хатлон, шуъбаи кор бо занон ва оилаи ноҳияи Восеъ ва Агентии шуғли аҳолии ноҳия гузаронида шуд.

Дар ин намоишгоҳ занони соҳибкор аз 13 шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ ширкат варзиданд. Дар чорабинӣ маҳсулоти аз ҷониби занони соҳибкор омодашуда ба намоиш гузошта шуд, ки дар навбати худ таваҷҷуҳи зиёди тамошобинонро ба худ ҷалб кард.

Синхрон. Гуландом Гиёева – соҳибкор

Бояд қайд кард, ки дар ноҳияи Восеъ ҳоло 6 гурӯҳи занон ба соҳибкорӣ машғуланд, ки аз он як гурӯҳ бо номи «Ризо» фаъолияти худро дар ҷамоати деҳоти Мирзоалӣ Вайсов идома медиҳад.

Синхрон. Шароф Назаров - раиси Кумитаи маҳаллӣ.

Дар деҳаи Чорбоғ, ба ҷуз корҳои занона, бонувон дар таъмири телефонҳои мобилӣ ва корҳои сохтмонӣ низ ширкат меварзанд.

Синхрон. Зӯҳро Муродова - менеҷери лоиҳа

Ҳангоми ҷамъбасти чорабинӣ ба шахсоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддатро хатм кардаанд, шаҳодатномаҳо супорида шуданд.

Ин гузориши телевизионӣ, ки барои шабакаи минтақавӣ омода шудааст, ҳамон хусусиятҳое, ки дар гузориши пешина набу данашон зикр шуд, фаро мегирад, яъне, дар ин ҷо бо чанд нафар мусоҳиб шудани журналист мақсади гузориши ӯро пурратар намудааст ва маълум аст, ки чунин тарзи кор бинандаро қонеъ мегардонад.

Дар амалӣ кардани ҳадафҳои муҳими иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ нақши воситаҳои ахбори омма зиёд буда, тавассути он таъсири иттилоъ ба ташаккули инсон ва тафаккури вай самаранок сурат мегирад.

Телевизион ҳамчун техникаи муҳими замони муосир як намуди фаъолияти иттиллоотии тарғиботист, ки вазъи ҷомеаро баррасӣ намуда, дар болоравии маърифат ва инкишофи ҷаҳонбинии бинанда таъсиргузор аст. Телевизион ба ҳамаи ин жанрҳо имкони васеъ дода, маъмултарини он -

иттилоотиро бештар муаррифӣ кардааст. Ин жанрҳо бо мавқеи муайянкунандагиашон дар миёни дигар жанрҳо афзалият доранд.

Агар ба таърихи пайдоиши жанрҳои журналистӣ назар андозем, хоҳем дид, ки сарчашмаи пайдоиши мусоҳиба ба асри XIX, ба замони таҳаввули матбуоти чопӣ рост омада, ба матбуот рабти бештар дорад. Муҳаққиқони назарияи журналистика, бо пайдоиши радио ва телевизион ба ин воситаҳои электронӣ пайвастанашро тасдиқ кардаанд, ки баъдан оҳиста - оҳиста телевизион, мавҷудияти онро бо мавқеаш боз ҳам васеъ гардонидааст. Мусоҳиба жанрест, ки дар телевизион мавқеи махсус дорад. Он ҷузъи ҳамешапайванди тамоми шаклҳои барномаи телевизионӣ мебошад.

Мусоҳиба дар телевизион шарҳдиҳандаи ҳамагуна ҳодиса ва воқеот, манбаи зарурии ахбор ҳам барои рӯзноманигор ва ҳам бинанда аст. Мусоҳиба гуфтугӯест, ки миёни ду ё якчанд нафар зимни суҳбат дар ҷараёни кор сурат мегирад. Фарқияти он аз суҳбати одӣ дар он аст, ки рӯзноманигор дар рафти барнома бо суолгузориҳои худ баъзе аз нуктаҳои муҳимеро, ки расонидан мехоҳад, аниқ месозад. Омодагии ҳамаҷонибаи рӯзноманигор ҳамеша дар мадди авал меистад. «Сохтори жанри мазкур аз ду унсури муайянкунанда: саволи журналист ва посухи мусоҳиб иборат мебошад. Ҳадафи мусоҳиба ба бинанда аз забони мусоҳиб иттилоъ додан аст. Ҷиҳати муҳими мусоҳиба рӯзмаррагӣ, дорои ҳадафе будан ва аҳамияти ҷамъиятӣ доштани он мебошад» [2, 34].

Муҳим аст, ки рӯзноманигор мавзуъро дар баробари мусоҳибаш хуб донад. Миёни муҳаққиқони соҳа андешае ҳаст, ки журналист суолҳояшро мувофиқи сатҳи фаҳмиши тамошобин бояд ба мусоҳиб пешкаш созад. Ин андеша аз як ҷониб, қобили қабул аст ва моҳияташ оммафаҳмии мусоҳиба ва пешниҳод намудани маълумоти арои бинанда наву ҷолиб мебошад.

Дар ин баробар, инро ҳам дар назар дорем, ки рӯзноманигор бояд шахси аз мавзӯъ огоҳ боша, суолҳои ӯ мавзуи муҳокимашавандаро бояд амиқ созад ва қувват бахшад, зеро рӯзноманигори касбӣ метавонад аз чизи

арзанда бипурсад. Натиҷаи донандаи хуби мавзуъ будан муваффаққиятро ба вуҷуд меорад. Ба қавли Дебора Поттер, «асоси мусоҳиба суол аст».

Дар тасдиқи гуфтаҳои ин муҳаққиқ Кристин Хилҷер, хабарнигори амрикоӣ чунин ақида дорад, ки «қобилияти гирифтани мусоҳиба асоси журналистикаи хуб аст».

Дар ҳақиқат ҳам, ташкили мусоҳиба мушкил ва мураккаб аст. Баъзе мусоҳибон метавонанд аз суҳбат бо журналистон худро канор гиранд, пеш аз ҳама дар ҳамон лаҳзае, масъалаҳои таҳлилӣ дар самтҳои иқтисоду фарҳанг ва ё сиёсат матраҳ шавад. Аммо ҷомеае, ки бо роҳи демократӣ қадам мезанад, ба ҷалби омма барои омӯзиши фарҳанги сиёсӣ ва иҷтимоӣ зарурат дорад.

Аз ин ҷост, ки фаъолияти касбии рӯзноманигори телевизион ҳар лаҳза бо сиёсат алоқаманд буда, ҳангоми инъикос ва баррасии тамоми мавъуз ва масъалаҳо соҳибкасбро зарур аст, ба хирад, дониш, ҷаҳонбинӣ, ва маърифат барин мафҳумҳое, ки хоси касбияти ӯст, бештар такя намояд. Он гоҳ масъалаи марбути таҳлилшаванда то андозае воқеъият пайдо карда, дар натиҷа, ҳам аудитория баҳра мегирад, ҳам натиҷаи амали журналисти таҳлилгари телевизион баҳои сазоворро соҳиб мешавад.

Мусоҳиба ба таври васеъ ҳамчун жанре муаррифӣ мешавад, ки гуфтугӯи рӯзноманигор бо фарди дорои аҳамияти иҷтимоиро дар ҳама гуна мавзуъҳои доғ ифода мекунад. Г. В. Кузнетсов [86] менависад, ки дар ин жанр «ҳамчун воситаи асосии графикии ифода, калима, нутқи зиндаи инсон амал мекунад ва ин хусусият ин жанрро барои телевизион аҳамиятноктар менамояд, зеро раванди коммуникатсионӣ, ки асосан дар сухан бо илова намудани имову ишора ва пантомима ифода ёфтааст, яке аз асосҳои телевизионро ҳамчун як низоми иҷтимоӣ дар мувофиқати мустақим бо экран ифода мекунад».

Дар ҳақиқат ҳам, маълумоте, ки бинанда мегирад, дорои хосиятҳои мустаҳками интегралӣ (ҳамгироӣ) мебошад. Ба шарофати табиати беназири аудиовизуалӣ имкон ҳаст, ки мусоҳибаҳои телевизионӣ ҷолиб таҳия шаванд. Аз ин рӯ, муҳим будани нақши мусоҳибаҳо дар телевизион

ҳам ба ин ҷиҳат алоқаманд мегардад, зеро имкониятҳои техникии телевизион, ки ҳама ҳолат: интонатсионӣ ва эмотсионалӣ; тақлид, имову ишора, ҳар як ҳаракату рафтори мусоҳибон, вазъи онҳо, вазъияти муҳити атрофро нишон медиҳад, мусоҳиба ва мусоҳибонро ба назари бинанда ҷолиб мегардонад.

Муҳаққиқони Ғарб пешниҳод мекунанд, ки ба ВАО ҳамчун як соҳаи хидматрасонӣ ва ба тамошобин ҳамчун ба харидоре муносибат шавад, ки бояд муддати дароз бо ҳам муносибати хубу баробар дошта бошанд, яъне, хидматрасонии хуб ва пардохти муносиби он муносибатҳоро устувор нигоҳ дорад. Ин тарзи кор ҳам худ як мусоҳибаи комил аст, ҳарчанд мавзуи алоҳида мебошад.

Намунаи мусоҳибаҳо. Мухбирони ТВ Ҷаҳоннамо дар вилояти Хатлон. Барномаи кишоварзии «Данғара». Сана: 6.06.2012. Давомнокӣ: 12.5 дақиқа. Мусоҳиб: Каримхон Амроқулов. Наворбарор: Муҳаммадшоҳ Қурбонов.

Дар тамоми хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолии ноҳияи Данғара коргарон имрӯзҳо ба иҷрои вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии чорводорӣ, истифодаи ҳар як қитъаи замин ва васеъ истифода бурдани зироатҳои кишоварзӣ, самаранок машғуланд. Ҳоло, аз ин шароит истифода бурда, дар баробари кишти сабзавот, полезӣ ва гандум, ба афзоиши саршумори чорвои ҷамъиятӣ низ диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки он имрӯз 40 ҳазор сар чорвои калон ва 340 ҳазор ҳайвоноти майдаро ташкил медиҳад.

Имсол барои аз давраи зимистон пурра баровардани чорво кормандони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолии минтақа бо истифода аз шароити мусоид саъй доранд, ки аз ҳисоби майдонҳои алафи табиӣ захираи кофӣ барои коштани зироати серғизо барои чорво омода кунанд.

Кароматулло Сӯфиев - раиси хоҷагии деҳқонии «Сӯфиён»: Имсол тибқи нақшаи дарозмуддат бояд дар ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолии минтақа 72 ҳазор тонна хӯроки чорво ҷамъ

оварда шавад. То имрӯз дар хоҷагиҳо нисбат ба соли гузашта 3 ҳазор дона зиёд алафи табиӣ ҷамъоварӣ карда шудааст.

Файзалӣ Мирзоев - сардори кооперативи истеҳсолии Сафар. Барои зиёд кардани истеҳсоли гӯшт ва шир, самаранокии чорвои зотӣ ва бо хӯроки баландкалория таъмин кардани чорво, кормандони хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Данғара истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти кишоварзиро дар минтақаҳои кишт зиёд намуданд.

Бобо Ҷӯрабеков - муовини раиси ҷамоати деҳоти Исмат Шариф. Имрӯзҳо, дар ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолии ноҳияи Данғара қариб 60 техникаи гуногуни кишоварзӣ ба ҷамъоварии майдонҳои алафи табиӣ машғуланд ва коргарон бо истифода аз шароит, мақсад доранд, ки ба қадри кофӣ ҷамъоварӣ ва захираи хӯроки чорворо таъмин кунанд.

Мо дар бораи хосиятҳои назариявии мусоҳиба болотар муфассал маълумот додем ва зикри намунаҳо барои он аст, ки муайян намоем, ки кадом хусусиятҳо дар онҳо дида мешаванд.

Дар ин намуна чанд хосияте, ки ба мусоҳибаи телевизионӣ хос аст, ба назар мерасад, яъне, мақсади мусоҳиба, ки дарёфти иттилооти зарурӣ доир ба мавзуъ мебошад, дар ин намуна ифода ёфтааст. Ин ҷо вобаста ба навъҳои мусоҳиба низ сухан гуфтан мумкин аст, ки вобаста ба мавзуъ, мусоҳиба метавонад бо як нафар мусоҳиб ва ё якчанд нафар анҷом дода шавад. Дар ин мисол, чун мавзуъ ба тамоми ноҳия дахл дорад, барои ҳамин, бо якчанд савол ба чанд нафар муроҷиат шудааст.

ТВ «Кӯлоб». Суҳбати рӯз. Сана: 15.10.2016. Давомнокӣ: 12.58 дақиқа. Муаллиф ва баранда: Олимҷон Қурбонов. Наворбардор: Шариф Ғуломов.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди тамоми соҳаҳо дар ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам овард. Аз ҷумла, дар соҳаи фарҳанг, комёбиҳои зиёде низ ба даст омаданд.

Нурулло Аврангов - мудири шуъбаи фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод. Соли 2016 соли пур аз рӯйдодҳои фарҳангист, зеро имсол мардуми Тоҷикистон 25-умин солгарди

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн гирифтанд. Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Муъминобод айни замон дорои як хонаи фарҳанг, 2 хонаи фарҳанг дар деҳот, як театри халқӣ, мактаби шабонаи мусиқӣ, китобхонаи марказӣ бо 22 филиал ва дар маҷмуъ, 36 муассисаи фарҳангӣ мебошад. Театри халқӣ имсол натиҷаҳои назаррас ба даст овард, аз ҷумла дар асоси асари «Дилҳои ғамангез» намоишномае ба саҳна гузошта шуд, ки дар миқёси минтақа ҷойгоҳи намоёнро ишғол кард.

Зимни сафари кории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳия қасри фарҳанг бо тамоми шароит ба истифода дода шуд. Бо сохта шудани қасри фарҳанг, имкониятҳои кормандони шӯъбаи фарҳанг зиёд шуданд, кормандон бо асбобҳои гуногуни мусиқӣ таъмин карда шуданд. Имрӯзҳо дар шӯъбаи фарҳанг 124 нафар корро идома медиҳанд. Бо мақсади сазовор гузаронидани «Рӯзи Фалак» кормандони шуъба саҳнаҳои гуногуни театрӣ, сурудҳои фалакӣ ва як қатор сурудҳои дигарро омода намуда истодаанд.

Дар ин намуна низ хусусиятҳои ба мусоҳиба хос ба назар мерасанд. Яъне, рӯзноманигор тавонистааст, ки як мавзуи мушаххасро бо як нафар шахси масъул баррасӣ кунад ва барои бинанда доир ба он маълумоти заруриро пешниҳод намояд. Мо албатта, ба ин намунаҳо ба таври ҷузъӣ муносибат намудем, яъне онҳоро пурра наовардем, зеро чунин имкон вуҷуд надорад, фақат барои маълум шуданаш чун намуна порчаеро аз он зикр намудем. Натиҷагириҳои мо бошад, ҳам дар хабар ва ҳам дар гузоришу мусоҳибаҳо ба шакли комили онҳо дахл дорад.

Яъне, дар ин мисол ҳам, мо онро дар назар дорем, ки журналист доир ба дигар паҳлуҳои фаъолияти шуъбаи фарҳанг таваҷҷуҳ намуда, аз шахси масъул ҷавобҳо мегирад.

Шоистаи зикр аст, ки шабакаҳои телевизионии минтақавӣ ба дигар навъу жанрҳои журналистика низ рӯй меоранд ва дар қолаби онҳо низ барномаҳо таҳия мекунанд. Мо номгӯи барномаҳои ин шабкаҳоро дар фаслҳои боло зикр намудем, ки дар қолаби жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ омода шудаанд. Масалан, доир ба чеҳраҳои намоёни минтақа ва зодагони

минтақа, ки дар миқёси ҷумҳурӣ ва берун аз он мавқеу мақом доранд, лавҳаю очеркҳои телевизонӣ омода ва пахш мешаванд. Ин гуна барномаҳоро дар ҳама шабакаҳои телевизионии минтақавӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Барномаҳои «Шабоҳанг», «Чашмаи хуршед», «Эъҷози сухан» аз намунаҳои чунин барномаҳо ҳастанд.

Ин ҷиҳати фаъолияти шабакаҳои телевизионии минтақавӣ низ ҷоизи зикр аст, ки дар онҳо ҳама қишри ҷомеа вобаста ба синну сол ба инобат гирифта мешавад. Масалан, барои кӯдакону наврасон ҳанӯз ҳам мисли таҷрибаи хуби замони шӯравӣ барномаҳои алоҳида ва ҳар шомгоҳон барои хоби бофароғати кӯдакон афсонае нақл карда мешавад ва ё филми кӯтоҳи пурмазмуну тарбиявии аниматсоние намоиш дода мешавад.

Ҷавонон ва инкишофи зеҳнии онҳо ҳам яке аз мавзуъҳое аст, ки дар ин шабакаҳои телевизонӣ ба онҳо таваҷҷуҳ мешавад. Барномаи интелектуалии «Фозилон»-и телевизиони Хатлон яке аз беҳтарин намунаҳои чунин барномаҳост.

«Ҷавонон ва ҷомеа», «Кӣ чӣ мегӯяд?» аз намунаҳои шоу-барномаҳои муваффақи телевизиони Хатлон буданд, ки дар ҳақиқат ҳам, ба талаботи жанрии ток-шоу то андозае мувофиқат мекарданд, аммо дер давом накарданд. Сабабҳои он ҳам объективӣ ва субъективӣ аст.

Аммо бо вуҷуди ин намунаҳо баррасӣ шуданд, бояд зикр намоем, ки фаъолияти телевзионҳои маҳалии вилояти Хатлон ҳанӯз ҳам пурра мувофиқи матлаб ва ҷавобгӯи талаботи бинандагон нест.

Ин ҳолат асосан сабабҳои объективӣ ва субъективӣ дорад, ки чанде аз онҳоро зикр намудем. Зикри мушоҳида ва андешаҳои корманди собиқи шабакаи телевизионии «Хатлон»-ро, ки аз таҷрибаи худ мегӯяд, вобаста ба мавзуъ лозим медонем.

Мушкили аз ҳама вазнине, ки аз замони таъсиси Идораи телевизион ва радиои вилояти Хатлон то ҳол ба таври дилхоҳ ҳал нашудааст, ин аз тамошои барномаҳои «Телевизиони Хатлон» маҳрум будани анқариб 60 дарсади аҳолии манотиқи вилоят мебошад. Яъне, тибқи иттилои Маркази интиқоли мавҷҳои радиоӣ ва телевизионӣ дар вилояти Хатлон, мавҷи ин

телевизион барои сокинони ҳамагӣ 13 шаҳру навоҳӣ дастрас аст ва он низ ба таври густурда не. Мушаххасан, ҳудуди фарогирии мавҷ дар шаҳру навоҳии Фархор 30 дарсад, Абдураҳмони Ҷомӣ – 31, Хуросону Ҷайҳун – 50, Данғара – 60, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ – 70 дарсад, Дӯстӣ – 85, Восеъ – 87, Ҷалолиддини Балхӣ – 88, Кӯшониён, Бохтар, Вахш ва Кӯлоб 89 дарсад аст. Мавҷи радиои вилоят фақат дар 20 дарсади ҳудуди вилоят, яъне шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои атрофи он қисман паҳн мешавад.

Ин дар ҳолест, ки бинобар ҷой доштани бархӯрд ё ҳамгуншавии тамаддунҳо, ки дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, ҷанбаҳои манфии зиёд ҳам дорад, ҷараён доштани ҷангҳои иттилоотӣ, ки таъсирашон гоҳе аз ҷангҳои силоҳӣ кам нест, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар бобати тақвият додани иқтидори иттилоотӣ дастуру супоришҳои хеле муфид ироа мекунад. Вале боиси ташвиши ҷиддист, ки тибқи мушоҳидаҳо, сокинони ноҳияҳои сарҳадии Фархор, Панҷ, Шаҳритус, Қубодиён, Носири Хусрав, Ҷайҳун, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ ва Шамсиддин Шоҳин аз сабаби маҳрум будан аз тамошои телевизиони вилоят ва қисман телевизионҳои ҷумҳурӣ, ногузир, ин халои иттилоотияшонро бо барномаҳои шабакаҳои телевизионии ғайр пур мекунанд. Мусалламан, касе кафолат дода наметавонад, ки сокинони ҳашт навоҳии болозикр зери таъсири идеологияи дигар намемонанд [161].

Афзал аст, ки барои ҳалли масъала марҳила ба марҳила дастгоҳҳои мавҷфиристандаи рақамӣ, ки воқеан ҳам арзиши андак надоранд, харидорӣ ва насб шаванд. Зеро тибқи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ барои солҳои 2010-2025 ва Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвари мо аз телевизиони начандон мақбули аналогӣ ба телевизиони кайфияти наворҳои баланд ё худ дақиқияти рангҳо комилтар – рақамӣ(HD) гузашта истодааст. Ва яқинан, ба ин васила нарасидани мавҷи ҳама телевизионҳо ниҳоят пас аз чанд даҳсола рафъ хоҳад шуд, ки ин бурди кам нест.

Боиси хушҳолист, ки ҳоло бо таҳозои замон ҳама ниҳодҳои марбута барои ба пахши рақамӣ гузаштани телевизионҳои музофотӣ низ завқманданд. Лек таъкид шуданист, ки Идораи телевизион ва радиои вилоят бо дастгоҳҳои пуриқтидори кор бо видеои дорои сифати олӣ муҷаҳҳаз набуда, таҷҳизоти мавҷуда корхӯрдаанд ва аксарашон барои меъёри кӯҳнашудаи аналогӣ пешбинӣ шудаанд. Ва боиси таассуф ин аст, ки мушкилоти дигари техникӣ низ ҷой доранд.

Ба гунаи мисол, бо мақсади таъмини фаврият зимни баргузории чорабинию барномаҳои берун аз ҳудуди идораи мавриди назар бояд аз студияи сабти сайёр истифода шавад. Аммо он дастгоҳу василаҳои техникие, ки дар ҳамагӣ як чунин студияи мавҷудаи «Телевизиони Хатлон» истифода мешаванд, ногаҳон аз фарсуда шудани худ дарак дода, боиси харобии сифати пахши мустақим мегарданд. [161].

Зиёда аз ин, телевизион ҳамагӣ шаш дастгоҳи наворгирӣ дошта, фақат сетои онҳобарои сабти дақиқияташон олӣ (HD) пешбинӣ шудаанд. Ин дар ҳолест, ки барномаҳои «Телевизиони Хатлон» аз соати 6-и субҳ то 3-и шаб ҷамъ 21 соат манзури тамошобин мегарданд. Шумораи барномаю бахшҳо ба беш аз 60-то расонида шуда, дар як шабонарӯз ҳафт барномаи оригиналӣ (якҷоя бо «Ахбор», «Субҳи Хатлон», «Хоби ширин») ва тақрибан 6-8лавҳаи манзаравӣ, тарбиявӣ ва тарғиботии муаллифӣ манзур мешавад. Биноан, аксари наворбардорон маҷбуранд, барои сари вақт ухда карда тавонистани ин қадар соат, барнома ва сабт бештар аз дастгоҳҳои наворгирии шахсияшон истифода баранд.

Боиси хушнудист, ки дар Рӯзи матбуоти тоҷик – 11-уми марти соли ҷорӣ (сухан дар бораи соли 2019 аст. –шарҳи мо – С.М.Н.) раиси вилояти Хатлон, зимни боздид аз Идораи телевизион ва радиои вилоят ваъда дод, ки барои ислоҳи ноҷӯриҳои техникии болозикр аз буҷети маҳаллӣ бори аввал аз замони мавҷудияти телевизиону радиои вилоят кам не, 750 ҳазор сомонӣ ихтисос медиҳад.

Агар маблағи мазкур дар ҳамин моҳҳои наздик барои телевизиони вилоят гузаронида шавад ҳам, мутаассифона, замони ҳал шудани

мушкилиҳои дигари корӣ, амсоли хеле кам будани компютер, ноутбук, принтер, нарасидан ва шикастаю фарсуда будани бештари мизу курсию ҷевонҳо, ниёзи шадид ба хатҳои иловагии телефон ва интернет номуайян боқӣ мемонанд. Чун баҳри файсали ин камбудиҳо, ки дар аксари кулли шуъбаҳо ва кошонаҳои кории идораи фавқуззикр ба ҳадди ҳузнангез ҷой доранд, феълан ҳеҷ сохтор изҳори омодагӣ накардааст [161].

Масъалаи шигифтангези дигар аз замони таъсис то ҳол ба таъмири куллӣ фаро гирифта нашудани қисмати истифодашавандаи бинои идораи мазкур аст. Аз баъзе ҷойҳои боми ин қисмат дар фасли боришот ба дохил об мешораду мечакад. Аксари дарҳо, ки сохт ва сифатихеле хоксоронадоранд,бинобар солиёни зиёд истифода шудан нуқс пайдо кардаанд. Сақфу деворҳои роҳраву долонҳои ҳар се табақаи бино ва бисёре аз кошонаҳо умуман андоваи оинасон (шпатлёвка) ва рангубори замонавии хушоянд карда нашудаанд. Линолиуми фарши долонҳо ҷо-ҷо даридааанду ғиҷимшуда. Илова бар ин, на кам аз се кунҷиҷудогонаи ин қисмати бино аз дохил тарқиши қобили мулоҳиза пайдо кардаанд. Аз нуктаи назари тобовар будан-набуданба зилзила ин масъала ниёз ба таҳқиқи сареъи мутахассисони арсаи сохтмон дорад.

Қисмати дигари бино, бо вуҷуди ниёз ба ҳуҷраҳои бештари корӣ, дар ҳоли нимсохтчанд даҳсола боз ба дасти пургазанди боду борон супурда шудааст.

Ин ҳама мушкилоти вазнинро дар муддати беш аз чаҳоряк асри фаъолият Идораи телевизион ва радиои вилоят шояд батадриҷ худ файсал карда метавонист, агар аз ҷиҳати молиявӣ имконоти то ҷое маҳдуд намедошт. Як мисоли возеҳи дасткӯтаҳӣ он аст, ки ҳарчанд кормандони ин муассиса ҳар шабонарӯз ҳудуди 12 (радио) - 21 (телевизион) соат фазои иттилоотии вилоятро холӣ аз барномаю гузоришҳои гуногунмуҳтаво намегузоранд, вале музди аз ду як ҳиссаи заҳмат ҳам камтар (тақрибан барои 8 соат) мегиранд, ки ин хилофи қонунгузориҳост. Ва илова бар ин, аз нисф зиёдашон ба хотири инъикоси саривақтии рӯйдодҳо бо хоҳиши худ

дар рӯзҳои ҷашну тантанаҳо аз баҳри таътили расмии идона мегузаранд [161].

Маҳз муҳаббат ба ҳирфаи пуршарафи рӯзноманигорист, ки аҳли эҷоди телевизион шуруъ аз охири соли 2018 то кунун бо неруи худӣ фақат дар муддати се моҳи соли 2019-ум боз зиёда аз 20 барномаю бахш таъсис доданд, ки «Махзани мо» (аз бойгонӣ ёдовар шудани масъалаҳои мубрами ҳалшуда ва бунёдкориҳои солҳои гузашта), «Садоқат» (тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон), «Як дарича, чанд нигоҳ» (таҳлили масоили муҳими рӯз), «Дурдонаҳои наср» (қиссаҳои ибратбахш аз «Маснавии маънавӣ», «Бӯстон», «Гулистон»), «Рӯйдодҳои варзиш», «Ворисони Рӯдакӣ» (қироати шеъру ғазал аз ҷониби наврасону ҷавонон), «Рақамҳои гӯё» (видеографикаи дастовардҳои ҳармоҳаи вилоят) намунаи камтарини ин навгониҳои эҷодиянд.

Зимнан, бо рушд кардани санъати танзими видео аксари кулли гузоришнаворҳо, сарнаворҳои барномаю бахшҳо ва мизу футажҳои саҳнавии барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-у «7 рӯзи Хатлон» ба гунаи дилпазир азнавсозӣ шуданд.

Мушкили дар сатҳи зарурӣ муҷаҳҳаз набудани саҳнаи барномаҳо низ бо таҷдиди чор студияи амалкунанда нисбатан рафъ карда шуд.

Ба ҳайси татбиққунандаи иқдомоти имрӯзии мазкур ва ҷолибсозандаи муҳтавои барномаҳо метавон ба эҷодкорию заҳматнописандии устодону шогирдон С.М. Ғоиб, Ш. Саид, Х. Ниёзӣ, Ю. Мирхон, Г. Ҳасанова, Ҷ. Мирзоева, О. Ҳасанова, А. Ҳафизов, С. Самиева, М. Акрамов, М. Абдулҳайев, С. Мерганова, Н. Рачабов, М. Маҳмадиев, Х. Сайдалиев, А. Сатторов, Ф. Қодиров, Д. Шарифов, Н. Олимов, А. Одинаев, М. Ҷалилов, Д. Холов, Р. Урунов, А. Бобоев, А. Шоҳимардонов, Н. Эргашев, П. Шамсова, Ф. Саидова, М. Музаффарова, Б. Абдуллоева, Р. Сафаров, З. Ғозиев, С. Шоев, Г. Абдиева, М. Ҳасанов, Ф. Авлонов, Ш. Шоева чанд тани дигар сано гуфт [161].

Бо доштани чунин имкониятҳои қонеъкунандаи зеҳнӣ, агар он мушкилоте, ки дар оғоззикрашон рафт, сари вақт бартараф мешуданд,

Идораи телевизион ва радиои вилоят метавонист ба сернуфустарин вилояти кишвар – Хатлон (ҳудуди 4 миллион аҳолӣ) бештар ва беҳтар аз қабл нафъи маънавӣ расонад. Муҳтавои суханронии Сардори давлат дар ҳузури намояндагони ВАО-и кишвар аз 20-уми феврали соли 2019 низ ҳокӣ аз он аст, ки ба самти мусбат тағйир додани вазъи ин муассиса ва дигарони ҳамсон бо он (дар вилояти Хатлон боз се телевизиони шаҳрию ноҳиявист), ҳам тақозои асри иттилооту фановарист ва ҳам аз Ҳукумати мамлакат, ки он дер ё зуд масъулонро гирди як мизи машварату тадбирандешӣ бояд ба ҳам оварад [161].

Воқеан ҳам, ин андешаҳои рӯзноманигоре, ки бевосита дар ин шабакаи телевизионии вилоятӣ фаъолияти пурсамар дошт, ҷолиби диққат ҳастанд, зеро ӯ аз таҷрибаи худ, аз он чӣ мегӯяд, ки бо чашми сар дидаву ҳамарӯза мушоҳидаву таҷриба кардааст.

Дар анҷоми матлаби худ низ муаллиф таъкид мекунад, ки ин андешаҳо маҳсули дидаву таҷрибакардаҳояш ҳастанд ва пешниҳодҳояш низ барои рафъи камбудӣ ва мушкилиҳо натиҷаи ҳамин таҷрибаи фаъолият мебошад, ки амалӣ гардидани онҳо ба манфиати кори идораи телевизион ва радиои вилоят аст.

Дар фарҷоми ин фасли кор, бояд бигӯем, ки дар ин шабакаҳо ба махсусиятҳои жанрии барнома ва намоишҳо як андоза таваҷҷуҳ сурат мегирад, рӯзноманигорони касбӣ, онҳое, ки таҳсилоти тахассусӣ доранд, ин нозукиҳоро ба эътибор мегиранд.

Ҳамин тавр, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки бо вуҷуди мушкилот, шабакаҳои телевизионии вилоятӣ ва ноҳиявии вилояти Хатлон иқтидори хуби эҷодӣ низ доранд, зеро тавре аз таҳлилу баррасиҳои мо бармеояд, намоиш ва барномаҳое таҳия мекунанд, ки онҳо ба завқи бинандагон мувофиқ ҳастанд ва инчунин, омили ҳамгироии иҷтимоии шаҳрвандон низ мебошанд, яъне робитаи тарафайни байни барнома ва бинанда дар барномаҳо ба эътибор гирифта мешавад. Таърихи ташаккули ин шабакаҳо гувоҳи он ҳастанд, ки аз оғози фаъолият то имрӯз телевизион омили

муҳимми пайвандсоз дар ҷомеа аст, яъне, барои инъикосу таблиғи ғояҳои муттаҳидӣ, ваҳдат ва пайвандии иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

ХУЛОСА

Ҳамин тавр, пас аз баррасии мавзуъ мо натиҷае расидем, ки телевизион дар шароити имрӯза яке аз муаассиртарин воситаҳои ахбори омма дар ҳама муҳиту замон ва минтақа дониста мешавад. Ҷомеаи имрӯзаро бо вуҷуди пешрафти чашмраси воситаҳои дигари пахши иттилоот бе телевизон ва амалкарди он тасаввур кардан имконпазир нест. Инро воқеияти замон худ исбот намуда истодааст. Баръакс, дастовардҳои муосир ҳам ба вусъат ёфтани фаъолияти телевизион мусоидаит кардаанд, яъне онҳо барои ҷаҳонӣ шудани мавҷҳои телевизионӣ мусоидат кардаанд.

Мавзуе, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, ба яке аз муҳимтарин бахшҳои фаъолияти журналистӣ ва ҳатто метавон гуфт, ки ба асоси он нигаронида шудааст, ба ифодаи дигар, фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсии телевизион дар маҷмуъ, моҳияти онро ба миён мегузорад.

Яъне, пеш аз ҳама, дастгоҳи тарғиботӣ будани воситаҳои ахбори омма, ки ҳарчанд дар замони муосир ин назария инкор мешавад, дар фаъолияти телевизион ва хусусияту имкониятҳои он ифода меёбад.

